ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 34тоҷик(575.3)+343+343.977+347**
**ТКБ: 67.99(2тоҷик)93+67.99(2)94+67.52**
**Ҳ – 12**

**ҲАБИБЗОДА НАЗИРА ХАЛИЛ**

# ТАФТИШИ БА ХУДКУШӢ РАСОНДАН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**ЯМОҚОВА З.Д.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

# САРСУХАН

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ........................3
САРСУХАН.....................................................................................4-14
БОБИ I. ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИКИИ БА ХУДКУШӢ РАСОНДАН.......................................................................................15-51
1.1. Тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан................................15-43
1.2. Таҳқиқоти криминалистикии одамкушии ҳамчун худкушӣ вонамудкардашуда............................................................................43-57
БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ТАФТИШИ БА ХУДКУШӢ РАСОНДАН.......................................................................................58-112
2.1. Хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо аломатҳои худкушӣ.......................................................................................58-91
2.2. Хусусиятҳои тактикии пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагони зиндамондаи ҳодисаи худкушӣ..........................................................................91-112
БОБИ 3. АСОСҲОИ КРИМИНАЛИСТИКИИ ТАЪИН ВА ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАҲОИ СУДӢ-КРИМИНАЛИСТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАФТИШИ БА ХУДКУШӢ РАСОНДАН........................113-158
3.1. Аҳаммияти таъин ва истифодаи донишҳои махсус дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан..............................................................113-131
3.2. Тактикаи таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ дар мавриди тафтиши худкушӣ.........................................................................132-158
ХУЛОСА.......................................................................................159-166
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ...................................................................................167-169
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)..................................................170-191
ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ............................................................................................192-194

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**СУТ** – Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ

**б.** – банд

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

**п.м.** – пеш аз мелод

**ғ.** – ғайра.

# САРСУХАН

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Масъалаи худкушӣ ҳамеша таваҷҷуҳи ҷомеашиносон, равоншиносон ва ҳуқуқшиносонро дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ба худ ҷалб намудааст. Даҳсолаи охир омӯзишу баррасии ин масъала ба таври назаррас афзудааст, ки ин омил ба зиёдшавии шумораи амалҳои худкушӣ ва кӯшишҳои худкушӣ кардан вобастагӣ дорад. Худкуширо одамони синну сол, ҷинс, касбу кор, сатҳи маълумот ва фарҳангашон гуногун содир мекунанд. Метавон гуфт, ки худкушӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи муосир маҳсуб ёфта, дар миёни сабабҳои фавти аҳолии қобили меҳнат ҷойи намоёнро касб менамояд. Бо дарназардошти тамоюли афзоиш худкушиҳо на танҳо вазъи иқтисодии кишвар, минтақа ё шаҳрро мураккаб мегардонанд, балки ба пояҳои ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа метавонанд таъсири манфӣ расонад.

Амалҳои худкушӣ ва кӯшиш ба он, ки аз падидаҳои хеле манфӣ мебошанд, аз ҷониби аҳли ҷомеа ҳамеша маҳкум мегардад, ин гуфтаҳо пояи илмӣ дошта, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, дигар санадҳои байналмилалӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи зиндагиро ба монанди дигар ҳуқуқҳои асосии инсон ҳифз менамояд.

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки дар аксари динҳои асосии ҷаҳон худро аз ҳаёт маҳрум сохтани инсон амали ниҳоят манфӣ ва барои шахси эътиқодманд ғайри қобили қабул арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, шароити гуногун метавонад боиси ба худкушӣ майл пайдо кардани инсон гардад ва ё аз ҷониби дигарон шахс ба он водор ё таҳрик карда шавад.

Ба иттилои коршиносон соли 2020 шумораи худкушиҳо ба 1,53 миллион нафар расидааст, ки ин ба як ҳодисаи худкушӣ дар ҳар 20 сония ё як кӯшиши худкушӣ дар ҳар 1-2 сония баробар аст. Дар гузашта амали худкушӣ миёни ҷавонон нисбат ба калонсолон хеле камтар рух медод. Солҳои охир дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон сатҳи худкушӣ миёни ҷавонон нисбат ба калонсолон афзун гардидааст. Масалан, то соли 1950 56% ҳодисаҳои худкушӣ дар ҷаҳон ба шахсони аз 45-сола боло рост меомад ва 44% ба нафарони синнашон аз 15 то 44-сола. То

соли 1995 ҳиссаи худкушӣ миёни шахсони 45-сола ва калонтар аз он то 47% коҳиш ёфта, миёни нафарони синнашон аз 15 то 44-сола то 53% афзудааст. Тибқи омори ҷаҳонӣ сатҳи баландтарини худкушӣ дар синни то 25-солагӣ мушоҳида мешавад [193].

Дар Тоҷикистон мувофиқи таҳқиқоти охирини (СУТ, 2001), таносуби занону мардоне, ки худкушӣ кардаанд 1,3:1-ро ташкил медиҳад. Ба иттилои СУТ сатҳи худкушӣ дар Тоҷикистон дар тамоми гурӯҳҳои синнусолӣ 2,6 ҳодиса ба 100 ҳазор нафар рост меояд, вале дар байни ҷавонони аз 15 то 24-сола ин нишондод 3,3 ададро дар миёни 100 ҳазор нафар ташкил медиҳад. Илова бар ин, тибқи гузориши кишвар барои Тоҷикистон (2007), ки дар доираи таҳқиқоти умумиҷаҳонии саломатии мактабҳо тартиб дода шудааст, 20,0% кӯдакон ва наврасон аз бемориҳои руҳӣ, ки боиси аз даст додани қобилияти корӣ, аз ҷумла вайрон гардидани ҳолатҳои руҳӣ, равонӣ ва дигар изтиробҳо азият мекашанд. Аз ин гузориш бармеояд, ки дар пурсиши як соли пеш гузаронидашуда 12,6% мактаббачагон оиди худкушӣ ҷиддӣ фикр намудаанд ва 12,0% ҳатто нақшаи чӣ гуна анҷом додани ин корро таҳия намудаанд [193].

Бо дарназардошти ин маълумоти оморӣ ва таҳлилҳои овардашуда метавон хулосагирӣ кард, ки масъалаи худкушӣ барои тамоми кишварҳои олам, аз ҷумла Тоҷикистон, аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, бо мақсади сабабҳои асосии даст задан ба амали худкуширо ошкор намудан, маҳз муаллиф ба таҳқиқи ин масъала рӯй оварда, тавсияҳои мушаххасро барои пешгирии он таҳия сохтааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои марбут ба худкушӣ аз ҷиҳати назария ва амалия давоми чандин сол аст, ки диққати муҳаққиқон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба худ ҷалб кардааст. Масъалаҳои муқовимат бо худкушӣ ба таври умумӣ дар асарҳои илмии ҳуқуқшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди Т.В. Аверянова [1], А.Г. Амбрумова ва В.А. Тихоненко [106], Е.В. Баранов ва Ю.Г. Торбин [13], Е.В. Бачило, Ю.Б. Барилник ва А.А. Антонова [109], Г. Белоглазов [194], С.В. Бородин [16], В.С. Бурданова [18], Э. Дюркгейм [26], С.В. Мошкин [141], Г.Н. Мудъюгин [61],

Н.А. Сафонова [190], Е.А. Соломатина, А.В. Трошанович ва Л.И. Черкасова [85], А.А. Топорков [92] таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи масоили марбут ба баррасии тафтиши худкушӣ (амалҳои тафтишӣ, гузаронидани экспертизаҳои судӣ ва ғайра) аз тарафи муҳаққиқон А.Н. Василев ва Л.М. Карнеева [19], О.В. Меремянова [187], Ю.А. Молин [60], В.В. Остробородов [149], В.А. Свешников ва Ю.С. Исаев [160], Тс.Тс. Чжу [170], В.Э. Шунк ва Е.В. Гундерина [173] мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Баъзе масоили тафтиши ҷиноятҳо аз тарафи олимони ватанӣ дар шакли таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва монографӣ, ҳамчунин зимни корҳои илмию таҳқиқотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, бахусус дар ин самт корҳои илмии муҳаққиқон М.С. Аҳмадзода [180], Ф.И. Ғаниев [183], Д.С. Қодирзода [51], А.Қ. Назаров [144], З.Д. Ямоқова [175] ва дигарон назаррас мебошад.

Дар доираи ин таҳқиқотҳо олимон ҷанбаҳои гуногуни ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро мавриди пажуҳиш қарор додаанд. Дар диссертатсияи мавриди назар масоили марбут ба худкушӣ дар доираи таҳқиқоти мукаммал баррасӣ шудааст. Мавзуи худкушӣ фарогири масъалаҳои баҳсталаб буда, асоснокии илмӣ ва далелҳои дақиқро талаб менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои пешгирии худкушӣ ва суиқасд ба ҷони худ», «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори илмӣ таҳияи асосҳои назариявии усули тафтиши ба худкушӣ расондан ва мазмуну мундариҷаи он мебошад. Дар доираи

ин усулҳо, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунанда ва амалияи тафтишотӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расонданро дар заминаи амсилаи (намунаи) стандартии тафтиши ҷиноят ба таври мукаммал пешниҳод намояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқот зарурати ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

– пешниҳод намудани тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан;

– асоснок намудани таҳлили криминалистикии одамкушии ба худкушӣ вонамудкардашуда;

– таҳқиқи тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо аломатҳои худкушӣ;

– баррасии хусусиятҳои пурсиш дар раванди тафтишоти худкушӣ;

– коркард ва пешниҳод намудани усули истифодаи донишҳои махсус дар раванди тафтишоти ба худкушӣ расондан;

– омӯзиши тактикаи таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ дар мавриди тафтишоти худкушӣ.

Ҳалли ин масъалаҳо такмил ёфтани як қатор усул ва тактикаҳоеро, ки ҳангоми тафтиши ҳодисаҳои ба худкушӣ расондан татбиқ мешаванд, пешбинӣ менамояд.

**Объекти таҳқиқот** – маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми содир намудани ба худкушӣ расондан ва тафтишоти онҳо ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** қонуниятҳои фаъолияти муфаттишон (тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишотӣ) ҳангоми тафтишоти ҳодисаи ба худкушӣ расондан мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқот дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Давраи таҳқиқот солҳои 2019-2024-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, маҷмуи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ оид

ба масъалаҳои мубрами криминалистикии ба мавзуи таҳқиқшаванда вобастабуда ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумлаи А.Г. Амбрумова, А.А. Антонова, М.С. Аҳмадзода, Е.В. Баранов, Ю.Б. Барилник, Е.В. Бачило, Г. Белоглазов, С.В. Бородин, В.С. Бурданова, А.Н. Василев, Е.В. Гундерина, Ф.И. Ғаниев, Э. Дюркгейм, Ю.С. Исаев, Л.М. Карнеева, Д.С. Қодирзода, О.В. Меремянова, Ю.А. Молин, С.В. Мошкин, Г.Н. Мудъюгин, А.Қ. Назаров, В.В. Остробородов, Н.А. Сафонова, В.А. Свешников, Е.А. Соломатин, В.А. Тихоненко, А.А. Топорков, Ю.Г. Торбин, А.В. Трошанович, Л.И. Черкасова, Тс.Тс. Чжу, В.Э. Шунк, З.Д. Ямоқова ва дигарон ташкил медиҳанд.

Ин пажуҳишҳо асоси назариявии диссертатсияи мазкур ба ҳисоб рафта, дар онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаи тафтиши худкушӣ қисман баррасӣ шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ба сифати асоси методологии таҳқиқот муқаррароти умумии илми фалсафа, назарияҳои дониш ва тафаккур, қонуниятҳо ва категорияҳои диалектика, мантиқ ва ҷомеашиносӣ пазируфта мешаванд. Дар диссертатсия аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии шинохти воқеияти объективӣ, ки дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ санҷида шудаанд, истифода бурда шудаанд.

Усули муқоисавии ҳуқуқӣ барои асоснок кардани мақсадҳои криминалистикии истифодаи муқаррароти методологияи тафтишот ҳангоми таҳияи асосҳои назариявии методологияи пешниҳодшудаи тавсифи криминалистикии тафтишоти худкушӣ истифода шудааст. Истифодаи усули мантиқӣ ва дарк ба таҳияи мундариҷаи назариявии мафҳумҳои илмии мавзуи таҳқиқшаванда мусоидат намуд. Дар асоси усули оморӣ маводи таҷрибавӣ ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбаст карда шуд. Усули таҳлил ва синтез имкон дод, ки таснифоти гуногун таҳия карда шавад. Усули сотсиологӣ барои гузаронидани таҳқиқоти субъектҳои тафтишотӣ истифода гардида ва усули моделсозӣ бошад, барои ташаккули моделҳои ретроспективӣ ва перспективии механизми ҷиноят ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои ба худкушӣ алоқаманд истифода гардидааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳодисаҳои ба худкушӣ расондан, аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 100 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд, инчунин, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ба худкушӣ расондан ҳамчун як зуҳуроти ҷиноятӣ ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст. Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои илмӣ-амалии марбут ба тафтиши ҳолатҳои худкушӣ, ки дар сатҳи монографӣ ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти марбут ба тафтишоти пешакӣ анҷом ёфтааст, ифода гардидаанд. Дар диссертатсия бори нахуст тавсияҳои криминалистикии муаллиф барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод мегарданд, ки онҳоро дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои мувофиқ ва ҳолатҳои худкушӣ метавон истифода бурд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои диссертатсияро ифода мекунанд:

1. Аломатҳои тавсифи криминалистикии худкуширо чунин метавон тавсиф кард: 1) тарзи содир шудани ҳолати (далели) ҳодисаи худкушӣ; 2) маҳал ва ҳолати содиршавии ҳодиса; 3) вақти содир шудани ҳодисаи худкушӣ; 4) шахсияти ҷабрдида (зарардида); 5) шахсияти таъсиррасон (таъсири беруна); 6) нишонаҳои (осорҳои) ҳодисаи худкушӣ.

Бо дарназардошти ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини психотипҳои худкушӣ муайян карда шудаанд: 1) психотипи истероидӣ (намоишкорона) – шахсони дорои ин навъи психотип майли зиёд ба худпарастӣ (нарсиссизм) дошта, пайваста дар назди дигарон талош меварзанд, ки арзишмандии худро нишон диҳанд; 2) психотипи эпилептоидӣ – одамони ин гурӯҳ гӯё дорои хусусиятҳои манфии хос буда, он ба таври ногаҳон «ба берун баромада», дар натиҷа шахс ба рафтори зиддиҷамъиятӣ шуруъ менамояд; 3)

психотипи параноидӣ – ин тоифаи одамонест, ки дар натиҷаи нокомии орзуҳои худ, метавонанд бо истифода аз усулҳои гуногун даст ба худкушӣ зананд. Метавон гуфт, ки одамони психотипи мазкур тамоми умри худро ба амалӣ намудани ягон орзую ақида бахшида, дар сурати ноком гардидан, чунин ҳолат онҳоро байни маргу зиндагӣ қарор медиҳад. Аксар вақт чунин шахсон бо вуҷуди он ки ба худкушӣ майл доранд, дар фарқият аз худкушии эгоистӣ (худпарастона) онро то охир амалӣ намекунанд. Худкушии эгоистӣ (худпарастона), одатан бо эҳсосоти шадиди ҷисмонӣ ва маънавӣ дар якҷоягӣ ба миён меояд. Чунин худкушӣ зери таъсири эҳсосоти қавӣ амалӣ гардида, азми қатъиро тақозо менамояд. Дар чунин ҳолат, одатан муҳаққиқон иброз медоранд, ки ба шахсони психотипи мазкур бемории заъфи асаб, аксуламали эҳсосотии дарднок хос мебошад.

2. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда ва омӯзиши маълумотҳои амалияи тафтишӣ аломатҳои мушаххаси таъсиргузор ба содиршавии худкушӣ муайян карда шуд, ки ба таври зайл метавон онҳоро тавсиф намуд:

– фишори шифоҳӣ: таҳдид, таҳқир, манипулятсия, тарсондан;

– фишори равонӣ: муносибати бераҳмона, таҳқир, саркӯбии ирода ва мустақилият;

– муносибатҳои вобастагӣ, ки дар зери таъсири бартарии молиявӣ ё эҳсосӣ ташаккул ёфтаанд;

– поймол кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, яъне таҳдид ба фош кардани маълумоти шахсӣ, ки ба боиси шармандагӣ ва ё гунаҳкории шахс мегардад.

3. Дар рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ба худкушӣ расондан, бояд ҳамаи ҷанбаҳои амалӣ ва равонии (психологии) таъсиргузории айбдоршавандаро ба ҷабрдида дар назар гирифта шаванд, ки ин таҳлили дақиқи хусусият ва шиддати шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро муайян мекунад. Барои беҳтар кардани тактикаи пешбурди амалҳои тафтишӣ дар рафти гузаронидани амалҳои тафтишӣ унсурҳои равонии он бояд муайян карда шаванд. Такмил додани ҳамкории байни мақомоти тафтишӣ ва коршиносони равоншинос дар раванди гузаронидани амалҳои тафтишӣ аҳаммияти муҳим дорад, ки бо ёрии

онҳо усулҳои тактикии амалҳои тафтишӣ дуруст муайян карда мешаванд.

Ҷанбаҳои техникиву равонии тафтишот тақозо менамоянд, ки барои такмил бахшидани тактикаи амалиёти тафтишотӣ муносибатҳои маҷмуӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд: таҳия ва татбиқи тавсияҳои ягонаи методӣ оид ба баррасии амалҳои худкушӣ, ки хусусиятҳои ин категорияи ҳолатҳоро ба инобат мегиранд. Ин ҷо дастурамали дақиқ оид ба сабти изҳо, муайян кардани сабабҳои марг ва аломатҳои эҳтимолии зӯроварӣ дар назар дошта мешавад.

Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ на танҳо изҳои ҷисмонӣ, балки ҳолати равонӣ ва эмотсионалии атрофиён низ бояд ба инобат гирифта шаванд.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $208^1$ бо мазмуни зерин ворид карда шавад:

Моддаи $208^1$

1. Барои муайян намудани ҳолатҳое, ки ба ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ марбутанд, муфаттиш бояд пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ таъин намудани экспертизаро амалӣ намояд.

2. Асос барои таъин намудани чунин экспертиза зарурати дарёфти маълумоти пешакӣ ё далелҳое мебошанд, ки барои оғози парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим доранд.

3. Таъин кардани экспертиза пеш аз оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дар асоси дархости муфаттиш ё дигар мақомоти ваколатдор амалӣ мегардад.

4. Натиҷаҳои экспертиза дар хулоса инъикос меёбанд, ки бар асоси он қарор дар бораи оғози (ё оғоз накардани) парвандаи ҷиноятӣ қабул карда мешавад. Хулосаи экспертиза метавонад дар ҷараёни тафтишот ва дар суд истифода гардад.

5. Агар натиҷаҳои экспертиза аломатҳои ҷиноятро нишон диҳанд, ин асос барои қабули қарор оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ мегардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявии дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашударо метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба тафтиши ҳодисаҳои худкушӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро

ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ, ба монанди «Криминалистика», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва «Криминология», инчунин, дар мавриди гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва дарсҳои амалӣ ба таври фаровон метавон истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар заминаи маҷмуи маълумоти дорои хусусиятҳои амалие, ки муаллиф ҳангоми таҳияи рисола ҷамъоварӣ кардааст, муайян карда мешавад: маълумоти аз бойгонии судҳои шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон дар бораи ҳодисаҳои бақайдгирифташудаи худкушӣ ва ҷиноятҳои ба худкушӣ расондан, инчунин, истифодаи усулҳои қаблан дар таҳқиқоти илмӣ барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири маълумот оид ба намуди муайяни ҳодисаҳои худкушӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор ва тафтиши чунин ҳолатҳо; далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки дар асоси онҳо хулосаҳои ниҳоӣ бароварда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар омӯзишу таҳлили масъалаҳои гузошташуда, асоснокунии илмии хулосаҳо ва таҳияи нуқтаҳои муҳимми марбут ба навгониҳои таҳқиқот, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, инчунин мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳое, ки дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод шудаанд, тасдиқи худро меёбанд. Тавсияҳои амалие, ки аз ҷониби муаллиф ҷиҳати беҳтар гардондани раванди тафтишот оид ба парвандаҳои марбут ба худкушӣ ва расондан ба худкушӣ пешниҳод шудаанд, аҳаммияти хосса доранд.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллифи диссертатсия хусусиятҳои криминалистикии худкуширо муфассал тавсиф намуда, хусусиятҳо ва дараҷаи хавфи иҷтимоии ин ҷиноятҳоро дар шароити муосир бозгӯӣ кардааст, инчунин мушкилоти мавҷударо

дар ин навъи тафтишот ба таври возеҳ нишон додааст. Ҳамзамон, муаллиф як қатор тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва беҳтарсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба раванди тафтишоти ҷиноятҳо дахл доранд, пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети хуқуқшиносии ДМТ ичро шуда, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои он муҳокима шуда, баъдан ба ҳимоя тавсия шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (амалӣ)-и устодон (ҳайати профессорону устодон) ва кормандони ДМТ (солҳои 2017-2024), инчунин, хулосаву пешниҳодҳо дар конференсияҳои зерини байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза ироа гардидаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Понятие самоубийства» (Душанбе, 9 декабри соли 2023);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо» – маърӯза дар мавзуи «Хусусиятҳои хоси тактикии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва ҷасад ҳангоми тафтиши ба худкушӣ расондани шахс» (Душанбе, 2023).

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявии дар мавзуи «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят» – маърӯза дар мавзуи «Хатогиҳои хосси (типии) эксперт, сабабҳо ва роҳҳои бартараф кардани онҳо» (Душанбе, ДМТ. – 21 апрели соли 2018);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Масоили мубрами вонамудкунонии ҷиноятӣ» (Душанбе, ДМТ, 1 ноябри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат» – маърӯза дар мавзуи «Ҳамкории муфаттиш ва кормандони

мақомоти амаликунандаи ФОҶ дар мавриди ошкор ва тафтиши худкушии дар заминаи содир кардани одамкушӣ содиршуда» (Душанбе, МГУ. – 25 октяри соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 11 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мавзуъ ва объектҳои таҳқиқот, инчунин, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 194 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИКИИ БА ХУДКУШӢ РАСОНДАН

## 1.1. Тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан

Дар байни ҷиноятҳои зидди шахсият аз ҳама хавфноктарин ҷиноят қасдан аз ҳаёт маҳрум кардани инсон мебошад. Дар даҳсолаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар саросари ҷаҳон афзоиши назаррраси кушторҳо ба қайд гирифта шудаанд. Баъдан ин афзоишёбӣ то андозае коҳиш ёфта бошад ҳам, мутаассифона, то ҳол ин раванд бевосита ба вазъи амнияти иҷтимоии шаҳрвандон халал ворид месозад, ноороміро дар ҷомеа ба миён меорад ва дар ин замина боиси паст гардидани нуфузи давлат дар арсаи байналхалқӣ мегардад. Баррасии илмиву амалии ин мавзуъ дар илми криминалистика муҳим ба шумор меравад. Аҳаммияти таҳқиқоти ин раванди мураккабнизомро мутахассисони соҳа муҳим шумурда, дар ин самт корҳои илмии зиёд анҷом ёфтааст. Аммо бо вуҷуди ин, сарфи назар аз тадбирҳои дар асарҳои илмӣ пешниҳодшуда он ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқи кушторро фаро намегиранд ва як қатор масъалаҳо дар тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан баҳсталаб боқӣ мондаанд. Дар сатҳи олӣ ва бомуваффақият гузаронидани тафтишот, пеш аз ҳама, донистани тавсифи криминалистикии кирдори мазкурро тақозо менамояд. Ин ба муфаттиш кумак мекунад, ки дар бораи мавҷудияти осорҳои ҷиноятӣ, ки масалан, ба куштор хосанд, тахмин намояд ва онҳоро мақсаднок ҷустуҷӯ кунад. Ҷустуҷӯи мақсадноки маълумоти имконпазир имкон медиҳад, ки барои сохтани фарзияҳои тафтишӣ заминаи воқеӣ ба даст оварда шавад. Ҳангоми муайян кардани ин маълумот, тавсифи криминалистикии куштор, дониши муфаттиш дар бораи осорҳои маъмули ҷиноятӣ ва маълумоти воқеие, ки дар ҳолатҳои маъмулии куштор ба вуҷуд меоянд, нақши муҳим доранд. Ҷиноят ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар ҳаёти воқеӣ дорои хосиятҳои муайяне мебошад, ки дар он ҳамчун аломат зоҳир мешаванд. Маълумот дар бораи ин аломатҳоро метавон вобаста ба асосҳои гуногун гурӯҳбандӣ намуд. Маҷмуи аломатҳои муайян тавсифи ҷиноятро ташкил медиҳанд. Тавсифи ҷиноят мураккабнизом буда, он дорои хосияти

комплексӣ мебошад. Системаҳои алоҳидае, ки ба ин раванд дохил мешаванд, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ, криминалистикӣ ва криминологии ҷиноятро ташкил медиҳанд [92]. Дар ҷараёни тафтиш ба ғайр аз маълумоти воқеӣ, инчунин дигар унсурҳои ҷиноят аҳаммияти муҳимро касб менамоянд: усули содир кардан, шароитҳои содир кардан, хусусиятҳои иҷтимоию равонии субъекти ҷиноят ва ҷабрдида; алоқаҳои байни онҳо, инчунин маҳал ва вақти содир шудани ҷиноят. Маълумот дар бораи ин ҳолатҳо ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи мавҷудияти баъзе маълумотҳои воқеӣ ба таври асоснокшуда андешаронӣ намоем. Ҷамъоварии далелҳо ва истифодабарии онҳо – исбот – хусусияти мақсаднок пайдо мекунанд [130, с. 67]. Ҳамин тариқ, дар тафтишот маҷмуи маълумот дар бораи унсурҳои номбаршудаи қисми маънодори ҷиноят аҳаммияти муҳим дорад. Ин раванди комплексӣ хусусиятҳои криминалистикии ҷиноятро ифода мекунад – он як ҳолати (портрети) ифодагари хоси ҷиноят [44, с. 692-693] мебошад. Хусусиятҳои криминалистикии ҷинояти намуди мушаххас ин системаи маълумот дар бораи аломатҳои аз ҷиҳати криминалистикӣ муҳимми ҷиноятҳои ин намуд мебошад. Системаи маълумоти зикршуда робитаи воқеии миёни ин аломатҳоро нишон медиҳад, ки барои сохтан ва тафтиш кардани фарзияҳои тафтишӣ пешбинӣ шудааст ва ба тафтишот хусусияти мақсаднок мебахшад [133, с. 73]. Ин омилҳо барои баррасӣ намудани хусусиятҳои криминалистикии худкушӣ зарур мебошанд.

Андешаи олимони соҳа дар ин маврид бозгӯи хусусиятҳои хоси ин намуди ҷиноятҳо мебошад. Мафҳуми мухтасар ва дақиқи тавсифи криминалистикиро, ба андешаи мо, И.А. Возгрин пешниҳод намудааст ва онро ҳамчун системаи маълумотҳои воқеии ҷамъбастшуда ва тавсияҳо дар асоси онҳо оид ба аломатҳои маъмултарини аз ҷиҳати криминалистикӣ муҳими ҷиноятҳо тавсиф кардааст, ки донистани онҳо ба муфаттишон барои ташкил ва ошкорсозӣ ва таҳқиқи ҳамаҷониба, пурра ва объективии ин ҷиноятҳо зарур мебошад [20, с. 76].

Олими соҳа Р.С. Белкин дар корҳои илмии худ ба баррасии мафҳум, мазмун ва сохтори тавсифи криминалистикии ҷиноят диққати махсус додааст. Муаллиф чунин унсурҳои сохтории тавсифи криминалистикии ҷиноятҳоеро, ки ба худкушӣ оварда мерасонанд, баррасӣ менамояд: «1) тавсифи маълумоти ибтидоӣ; 2) усули содиркунӣ ва пинҳонкунии ҷиноят; 3) шахсияти ҷинояткори эҳтимолӣ, мақсад ва ҳадафҳои ӯ; 4) шахсияти ҷабрдидаи эҳтимолии ҷиноят; 5) ҳолатҳои содир шудани ҷиноят (маҳал, вақт, шароит) [15, с. 125].

Метавон гуфт, ки мубоҳисаҳо оид ба ин масъала хотима намеёбанд, зеро ин категорияи донишҳои илмии криминалистикӣ дар ҳолати рушд қарор дорад. Бо вуҷуди ин, айни замон ҳама олимон – криминалистон эътироф мекунанд, ки тавсифи криминалистикии ҷиноятҳо ҷузъи ҳатмии усули асосӣ дар тафтиши намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо мебошад [155, с. 5].

Андешаи олимонро дар ин самт гуногун мебинем. Масалан, С.П. Митричев қайд менамояд, ки «тавсифи криминалистикии намудӣ бояд шумораи аз ҳама бештари аломатҳоеро дар бар гирад, ки аҳаммияти криминалистикӣ доранд» [139, с. 28]. Албатта, ақидаи овардашудаи муаллиф бисёр содда ба назар менамояд, чунки аломатҳои пурраи тавсифи криминалистикии ҷиноятро фарогир намебошад.

А.Н. Мартинов исбот мекунад, ки намуд ва шумораи унсурҳои тавсифи криминалистикӣ бояд ба шумораи унсурҳои таркиби ҷиноят, вобаста ба эътибор ба хусусиятҳои ҷиноят, ки дар Кодекси ҷиноятии кишвар муқаррар шудааст, мувофиқ бошад [138, с. 41]. Дар баробари ин, олими рус А.А. Бессонов, ки ақидаи Мартиноврo таҳлил намудааст, таъкид мекунад, ки барои интихоби унсурҳои муҳим аз ҷиҳати криминалистикӣ, чанд меъёр бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Ин меъёрҳо дар бар мегиранд: мувофиқат бо механизми ҷиноят; такроршавии бонизом; доштани асоси назариявӣ ва пешгӯӣ кардани унсурҳо барои таҳияи тавсияҳои криминалистикӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои тафтишотӣ дар марҳилаи пешакии парванда равона мешаванд [112, с. 52].

О.В. Волохов, Н.Н. Егоров ва М.В. Жижина унсурҳои тавсифи криминалистикии ҷиноятҳоро ба чунин ҳолатҳо тақсим мекунанд: 1) тавсифи объекти (предмети) тааррузи ҷиноятӣ; 2) шароити содир кардани ҷиноят; 3) тавсифи шахсияти ҷинояткор; 4) тавсифи шахсияти ҷабрдида; 5) усулҳои маъмули содир кардани ҷиноят; 6) осорҳои маъмули содир кардани ҷиноят; 7) оқибатҳои содир кардани ҷиноят [22, с. 239].

Андешаи С.И. Коновалов дар ин замина аҳаммияти хосе дорад. Вай хусусиятҳои хоси унсурҳои сохтории тавсифи криминалистикии ҷиноятҳоро бо истифода аз таҳлили басомади истифодашавии онҳо аз ҷониби таҳқиқотчиён муайян мекунад. Ӯ таркиби зерини унсурҳои асосии сохтории тавсифи криминалистикии ҷиноятҳоро пешниҳод мекунад: 1) усули ҷиноят, ки маълумот дар бораи хусусиятҳои пинҳон кардани ҷиноятро дар бар мегирад; 2) олот ва воситаҳои фаъолияти ҷиноятӣ; 3) субъекти ҷиноят (хусусиятҳои шахсияти ҷинояткори эҳтимолӣ, мақсад, ҳадаф, робитаҳои ҷиноятӣ); 4) вазъияти содир шудани ҷиноят (шароити содир намудани ҷиноят, ҳолатҳои маъмули содир кардани ҷиноят); 5) объекти (предмети) тааррузи ҷиноятӣ [36, с. 88].

Ақидаи А.А. Шнайдер [172, с. 96] ва С.Н. Чурилов [97, с. 48] низ дар ин маврид ҷолиб буда, муаллифон зикр мекунанд, ки мазмуни тавсифи криминалистикӣ набояд аз доираи предмети криминалистика берун бароядҳ, яъне он бояд ба тавсифи қонуниятҳои механизми ҷиноят мувофиқат намояд. Дар бобати меъёрҳои интихоби ҳар яке аз ин унсурҳои тавсифи криминалистикии ҷиноятҳо, бояд ба андешаи коршиносони соҳа В.А. Образсов [146, с. 10] ва А.В. Самойлов [157, с. 5-6] такя намуд, ки онҳо талаботи зеринро асосӣ ҳисобидаанд: 1) доштани исботи назариявӣ (аз ҷумла бо таҷрибаи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ тасдиқшуда); 2) аҳаммияти яке аз онҳо барои ҳалли илмӣ ва амалии масъалаҳои муайн кардан, ошкор намудани ҷиноятҳо ва зери назорат гирифтан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ҷинояткорон.

Мафҳуми криминалистикии истилоҳи «ба худкушӣ расондан» ба амалҳои шахсе дахл дорад, ки мустақим ё ғайри мустақим шахси дигарро ба худкушӣ оварда расонидааст. Тавсифи чунин ҷиноят метавонад омӯзиши ҷанбаҳои равонӣ ва рафтории амалҳои ҷинояткор, таҳлили сабабҳо ва далелҳои тасдиққунандаи таъсир ба ҷабрдида, инчунин муайян кардани қасди ҷинояткорро барои ба худкушӣ расондан дар бар гирад. Барои муайян кардани фактҳои ҷиноят аз усулҳои судӣ-тиббӣ ва экспертиза бояд истифода бурда шавад ва барои исботи гуноҳи ҷинояткор тамоми далелҳои имконпазир ҷамъоварӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, барои тавсифи криминалистикии ҷинояти ба худкушӣ расондан аломатҳои такроршавандае муҳиманд, ки онҳоро чунин метавон тавсиф кард: 1) тарзи содир шудани ҷиноят; 2) маҳал ва вазъият; 3) вақти содир намудани ҷиноят; 4) шахсияти ҷабрдида (зарардида): 5) шахсияти ҷинояткор; 6) осорҳои маъмули ҷиноят.

Барои ба худкушӣ расондан аломатҳои мазкури тавсифи криминалистикии ҷиноятҳо низ мавҷуд мебошад, ки баррасии онҳо ба манфиати кор аст:

**1) Тарзи содир кардани ба худкушӣ расондан.** Дар илми криминалистикаи муосир то ҳол фаҳмиши ягона дар бораи тарзи содир кардани ба худкушӣ расондан вуҷуд надорад. Андешаи ягонагии тарзи содир кардани ба худкушӣ расондан дар тамоми соҳаҳои илм, ки онро ба предмети тадқиқоти худ дохил мекунанд, мавриди интиқоди ҷиддӣ қарор гирифт ва моҳияти ин танқид хусусан дар он буд, ки ҳатто дар сурати ба ҳам мувофиқ омадани объектҳо ҳар як илм онҳоро дар доираи муносибатҳо ва қонуниятҳои қатъиян муайян меомӯзад ва инро аз он нуқтаи назаре анҷом медиҳад, ки бо предмет ва усулҳои он асоснок шуда бошанд.

Як қатор мутахассисони соҳа чунин мешуморанд, ки маълумот дар бораи тарзи содир намудани ҷиноят унсури асосии тавсифи криминалистикии ҷиноят мебошад. Албатта, дар ин самт масъалаҳои баҳсталаб зиёданд. Ба андешаи мо, фикри олими соҳа А.Н. Хоменко

нисбатан дурусттар мебошад, ки «ҳангоми содир кардани ҷиноят шахсияти ҷинояткор бевосита ба тарзи содир кардани ҷиноят вобаста аст. Танҳо ӯ амалҳои омодагӣ дидан, содир кардан ва пинҳон намудани ҷиноятро, ки хамчун объекти асосӣ баромад мекунад, амалӣ менамояд, шахсияти ҷинояткор ҳамон тарзеро ба кор мебарад, ки қобилият ва маҳоратҳои касбии ӯ ба ин имкон медиҳад ва бинобар ин, хислатҳои инфиродии шахсият дар натиҷаи фаъолияти он зоҳир мегардад» [191, с. 156].

Ба андешаи Г.Г. Зуйков, тарзи содир намудани ҷиноят – ин низоми мукаммали амалҳо оид ба омодагӣ дидан, содир кардан ва пинҳон сохтани ҷиноят мебошад, ки бо шароитҳои муҳити атроф ва хусусиятҳои психофизиологии шахс, ки ба истифодаи интихобии воситаҳо, шароитҳои маҳал ва вақти мувофиқ алоқамандӣ дорад, муайян карда мешавад» [185, с. 26]. Р.С. Белкин низ ҳамин нуқтаи назарро тарафдорӣ карда, оид ба ин масъала мавҷудияти хусусиятҳои дигарро зикр менамояд, ӯ аҳаммияти назариявии баррасӣ намудани тарзи содир намудани ҷиноятро ҳамчун системаи амалҳо оид ба омодагӣ дидан, содир кардан ва пинҳон сохтани ҷиноят, ки бо шароити муҳити атроф ва хусусиятҳои психофизологии шахс пешакӣ муайян карда шудааст, қайд мекунад. Ин мафҳум дар мазмуни худ далели мавҷудияти усули ба истилоҳ комилан сохтории содир кардани ҷиноятро дар мавриде, ки он усулҳои амалӣ кардани ҳама марҳилаҳои мақсади ҷиноятиро муттаҳид мекунад, инъикос мекунад [47, с. 131-133].

Баъзе муаллифон ба тарзи содир кардани ҷиноят танҳо ҳамон амалҳоеро дохил мекунанд, ки бевосита ба содир намудани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок нигаронида шудаанд ва чунин меҳисобанд, ки амалиёти пинҳонкунӣ дар ҳамаи мавридҳо аз доираи усули содир кардан берун мемонанд. Боз дигар нуқтаи назаре оид ба муносибати байни мафҳумҳои тарзи содир намудани ҷиноят ва тарзи пинҳон доштани ҷиноят вуҷуд дорад, ки мувофиқи он амалҳои пинҳонкунии ҷиноят метавонанд дар баъзе ҳолатҳо ба таркиби унсурҳои усули содир намудани ҷиноят дохил шаванд, баъзан онҳо берун аз доираи он амалӣ мегарданд [18, с. 56]. Метавон гуфт, ки равишҳои

номбаршуда то андозае бо истифодаи истилоҳоти сермаъной «тарзи содир намудани ҷиноят» асоснок мебошанд, ки тарзи омодагӣ дидан, инчунин худи тарзи содир намудани ҷиноятро дар бар мегирад.

Чунин нуқтаи назар дуруст ба назар мерасад, ки сохтори тарзи содир кардани ҷиноят дар криминалистика категорияи ноустувор аст. Он метавонад сезинагӣ бошад: рафтори субъект пеш аз содир намудани ҷиноят, дар давоми он ва баъд аз содир кардани он, ин равандро вобаста ба хусусият ба гурӯҳҳои дигар низ метавон тасниф кард, ки рафтори субъектро танҳо дар давоми худи ҷиноят арзёбӣ мекунанд.

Дар аксари мавридҳо ҳангоми кӯшиши даст ба худкушӣ задан, шахс хоҳиши мурдан надошта, баъзе амалҳои худкушӣ танҳо як аксуламали беихтиёрона ба омилҳои шадиди равонӣ-иҷтимоӣ мебошанд. Монеа эҷод кардан барои дастрасӣ ба воситаҳои худкушӣ як ҷузъи асосии талошҳои пешгирӣ кардан аз худкушӣ мебошад.

Дар асоси ин мулоҳизаҳо метавон тасдиқ намуд, ки истеъмоли маводи кимиёвии заҳролуд яке аз маъмултарин тарзҳои худкушӣ дар ҷаҳон аст. Агар ин омил воқеиятро ифода кунад, пас ин гуна иттилоот барои пешгирӣ кардан аз худкушӣ аҳаммияти калон дорад, зеро маҳдуд кардани дастрасӣ ба маводҳои кимиёвии заҳролуд, ҳарчанде душвор аст, одатан нисбати маҳдуд кардани дастрасӣ ба воситаҳои ба дор овехтан имконпазиртар аст.

Дар ин самт мисолҳои зиёд ба назар мерасанд. Масалан, шаҳрванд Н.Н. соли 2010 бо шаҳрванд Т.М.Қ. тариқи никоҳи мусалмонӣ оиладор шуда ва ақди никоҳашонро дар САҲШ-и шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гузоштаанд, пас аз оиладор шуданашон Н.Н. бо шавҳараш Т.М.Қ. дар манзили истиқоматии хусуру хушдоманаш дар суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоев, гузаргоҳи 3, хонаи 6 «А» зиндагонӣ намудаанд, ки аз зиндагонии якҷояашон соҳиби 2 фарзанд гардидаанд. Зиндагонии Н.Н. бо шавҳараш Т.М.Қ. он қадар хуб набуд, зеро пас аз таваллуд шудани фарзанди дуюм Н.Н.-ро мавриди лату кӯб қарор дода буд. Пас аз ин Т.М.Қ. аз моҳи декабри соли 2014 то моҳи январи соли 2022 дар

муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дошт ва ба таври фосилавӣ муносибати дурушт мекард ва ҳар гуна аксҳои духтарони ношиносро дар ҳолати урён ба Н.Н. тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ равон мекардааст ва ба Н.Н. мегуфтааст, ки чеҳрааш маъқул намебошад ва дашном низ мекардааст. Дар ин давом Т.М.Қ. барои гирифтани шаҳрвандии Федератсияи Россия тариқи судӣ мехостааст, ки аз Н.Н. ҷудо шавад ва санаи 03 январи соли 2022 ба суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе рафта, дар ин хусус муроҷиат намудааст.

Т.М.Қ. моҳи январи соли 2022 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омада, бинобар сабаби мунокишаҳои оилавӣ ҳамсараш Н.Н.-ро бо дасташ шаппотии сахт зада ва бо ин сабаб Н.Н. ба хонаи падару модараш қаҳр карда, рафта будааст, дар ҳақиқат зери чашми Н.Н. сиёҳу кабуд шуда буд ва санаи 17 феврали соли 2022 маҳлули сирко истеъмол намудааст, ки баданаш заҳролуд шудааст. Бинобар заҳролуд шудани Н.Н. санаи 18 феврали соли 2022 дар беморхона фавтидааст [201].

Тибқи таҳқиқоти дигаре, маъмултарин тарзи худкушӣ дар ин ё он ҷамъият метавонад бо шароитҳои муҳити атроф муайян карда шавад, бо мурури замон зуд тағйир ёбад ва аз як ҷомеа ба ҷомеаи дигар паҳн шавад. Дигар тарзҳое, ки вақтҳои охир дар баъзе минтақаҳо маъмул гаштаанд, омехта кардани моддаҳои кимиёвӣ барои ҳосил кардани сулфиди гидроген (масалан, дар Ҷопон) ва истифодаи гелийи газгун мебошанд. Ин маълумотҳо аз зарурати назорати доимии тарзҳои ҳам барои худкушӣ ва ҳам кӯшиши худкушӣ истифодашаванда далолат медиҳанд, то ин ки дар стратегияҳо оид ба маҳдуд кардани дастрасӣ ба воситаҳои худкушӣ ва корҳои иттилоотӣ бо ҷомеа хусусиятҳои тағйирёбандаи ин масъала мадди назар гирифта шаванд.

Аз баррасии адабиёт ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳама тарзҳои худкуширо ба 8 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: худдоркашӣ, худзаҳролудкунонӣ (бо кислотаи атсетат, доруҳо, пайвастагиҳои фосфорорганикӣ ва дигар моддаҳо), афтидан аз баландӣ, осеб расонидан бо ашёи тезу бурро, осебҳо аз тирандозӣ, осеби омехта, осеби роҳи оҳан ва ғ.

Интихоби тарзи худкушӣ аз омилҳои гуногуни тиббӣ-равонӣ ва иҷтимоӣ (синну сол, ҷинс, касб, хусусияти меҳнат ва тарзи зист), инчунин аз дастрасии ин ё он усул вобаста аст.

Аммо дар ба худкушӣ расондан тарзи содир намудани ин ҷиноят ҳамоно баҳсталаб боқӣ мемонад. Дар ин маврид, тарзи ҷиноятро аз нуқтаи назари муайянкунии кирдори на ҷабрдида, балки худи ҷинояткор баррасӣ кардан лозим аст.

Тавсифи криминалистикии аломатҳои ба худкушӣ расондан метавонад унсурҳои зеринро дар бар гиранд:

1. Таъсири манипулятсионӣ (водор кардан): Ин метавонад тасвиб, таҳдид, найранг ё дигар намудҳои манипулятсияро (водоркуниро) бо мақсади ба худкушӣ расондани ҷабрдида дар бар гирад.

2. Таъсири равонӣ: Таъсир ба ҳолати руҳии ҷабрдида, аз қабили зӯроварии равонӣ, таҳқир, ҷудо кардан (канор гузоштан) ё дигар шаклҳои таъсир, ки метавонад боиси афзунгардии эҳсосоти яъсу ноумедӣ гардад.

3. Барқасдона фароҳам овардани шароит: ҷинояткор метавонад шароит ё ҳолатҳои муайянеро ба вуҷуд оварад, ки ҷабрдидаро ба тасмими худкушӣ кардан оварда мерасонад, масалан, фароҳам овардани воситаҳои худкушӣ ё ба вуҷуд овардани эҳсоси ноумедӣ.

Падидаи худкушӣ аз нигоҳи илмҳои гуногун – фалсафа, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ (психология) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар замони муосир як самти махсуси илмӣ – суитсидология ба вуҷуд омадааст. Консепсияи мукаммали таҳиянамудаи А.Г. Амбрумова дар илм эътироф гардидааст, ки мувофиқи он худкушӣ ҳамчун падидаи дезадаптатсияи иҷтимоӣ-психологии шахс дар шароити муноқишаҳои микроиҷтимоӣ баррасӣ шудааст [106, с. 22].

Таҳти адаптатсияи иҷтимоӣ мутобиқсозӣ ё мувофиқати байни шахс ва ҷомеа фаҳмида мешавад, ки фаъолияти равонии инсон дар он нақши муҳимро мебозад. Мафҳуми дезадаптатсия дараҷаи гуногуни ноқобилии

субъектро барои баромадан аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ ва ҳалли мушкилоти пайдошаванда инъикос мекунад [106, с. 23].

А.Г. Амбрумова ду ҷиҳати муҳимми дезадаптатсияро (носозгорӣ ё номутобиқатиро) муайян мекунад, яъне объективӣ ва субъективӣ. Ба тариқи объективӣ носозгорӣ (дезадаптатсия) дар аксуламалҳои рафторӣ, маҳдуд ё вайроншавии қобилияти ба роҳ мондани муносибати дурусти мутақобилаи иҷтимоӣ зоҳир мешавад. Ифодаи субъективии носозгорӣ (дезадаптатсия) дар ҳолати ботинии равонии шахс инъикос мешавад, ки дар доираи васеи аксуламалҳо ва ҳолатҳои манфии эҳсосӣ (ташвиш, андуҳ, ғазаб, ноумедӣ ва ғ.) зоҳир мешавад.

Дар ҷараёни инкишофи дезадаптатсияи (мутобиқнашавии) иҷтимоӣ-равонӣ (психологӣ) ва гузариш ба марҳилаи худкушӣ нақши ҳалкунандаро низоъ мебозад. Муноқишае, ки шахс аз сар мегузаронад, дар асоси ду ё зиёда тамоюлҳои гуногунсамт ба ҳамдигар мухолиф ба вуҷуд меояд. Илова бар ин, он метавонад дохилишахсӣ (байни ду ангеза, масалан, тарс ва уҳдадорӣ), инчунин зоҳирӣ (байнишахсӣ) бошад.

Нуқтаи муҳим дар ҷараёни худкушӣ дар он аст, ки муноқишаи худкушиовар дар як соҳа ба вуҷуд омада, тамоюл ба умумият пайдо намудан, васеъгардии доираи одамони ба он ҷалбшуда, гузаштан ба дигар соҳаҳои ҳаётро дорад [11, с. 6].

Дар ҷараёни инкишофи худ низоъ «нуқтаи критикӣ»-ро мегузарад, ки он бо хусусиятҳои зерин тавсиф меёбад:

– бо маҳдудкунӣ (ё ба сифр расонидан)-и шаклҳои ҳалли низоъ, ки ба субъект маълуманд;

– бо баҳодиҳии субъективии усулҳои маъмули ҳалли низоъ чун бесамар ё шахсан ғайриқобили қабул.

Дар натиҷаи баҳодии субъективии вазъият ҳамчун ҳалнашаванда ва хусусияти баланди осебпазирӣ ва аҳаммияти шахсӣ доштани он, шахс метавонад даст задан ба худкуширо ҳамчун роҳи ягонаи бартараф кардани низоъ интихоб намояд. Рафтори субъект дар вазъияти муноқишавӣ аз вазъи

мунокишавии баамаломада ва аз ҳолати эмотсионалии шахс вобастагӣ дорад. Агар чунин мавқеъ маҳдуд бошад, пас шахс имконияти воқеии тағйир додани вазъияти мунокишаро надорад ва эҳтимолияти даст задан ба худкушӣ ҳамчун усули худро канор гирифтан, гурехтан аз вазъияти аз ҷиҳати субъективӣ тоқатнопазир, ҳалнашаванда ва барои ҳолати рухӣ осебрасон арзёбӣ мегардад [11, с. 6].

Бухрони равонӣ вақте ба амал меояд, ки шахс дар роҳи қонеъ гардонидани ҳадафҳои муҳимтарини ҳаётиаш ба монеаи бартарафнашаванда дучор мешавад ва ин омил боиси вайрон шудани мутобиқшавии иҷтимоии ӯ мегардад. Дар ҳолати бухронӣ одамони руҳан солим ҳолати махсуси равониро аз сар мегузаронанд, ки он бо ҳолатҳои эҳсосӣ, изтироб ва парешонхотирии зоҳиран намоён, номуташаккилии фаъолияти зеҳнӣ ва рафтор тавсиф меёбад. Хусусияти муҳимми ин ҳолат дар он мебошад, ки вазъияти бамиёномада илоҷнопазир, ноумедкунанда ва мунокишаи бавуҷудовардаи он ҳалнашаванда дарк карда мешавад. Одатан, ба бухрони равонӣ хусусияти кӯтоҳмуддатӣ (якчанд ҳафта) хос мебошад. Агар дар ин муддат субъект барои рафъи бухрони равонӣ имконият пайдо накунад, вазъи он бадтар мешавад ва барои ба амал омадани рафтори худкушӣ заминаҳои воқеӣ ба вуҷуд меоянд [107, с. 100-102].

Сарфи назар аз гуногунии мунокишаҳои худкушиовар, сабабҳо ва ангезаҳои мушаххаси худкушиҳо, ҳама омилҳои берунӣ ва дохилии ба худкушӣ расонанда, боз унсурҳои шабеҳеро метавон ҷудо кард, ки онҳо хоси афроди аз ҷиҳати руҳӣ солиме мебошанд, ки қасди худкушӣ ва худкушӣ намудаанд. А.Г. Амбрумова ба қатори ин гуна унсурҳо ин омилҳоро мансуб медонад:

1. Таҳаммулпазирии паст ба ҳолатҳои эҳсосӣ.
2. Асолати зеҳнӣ, максимализм, қатъият.
3. Норасоӣ ё сифати паст доштани соҳаи алоқа.
4. Худбаҳодиҳии нодуруст ба имконоти худ.
5. Заъф дар ҳолати равонии (психологии) шахсӣ.

6. Паст гаштан ва ё аз даст додани арзиши бузург [104, с. 53].

Дар асоси ин гуфтаҳои боло, метавон ба чунин хулосае омад, ки одамоне, ки қасди худкушӣ менамоянд, бо хусусиятҳои фардии нисбатан «нозук» ва ҳассосияти баланд ба таъсироти манфӣ фарқ мекунанд.

Ҳангоми ба худкушӣ расондан ҷинояткор, одатан камтар бо таҳдид маҳдуд ва ё қаноатманд мешавад. Аксар вақт ба ин таҳдидҳо муносибати бераҳмона ва таҳқири шаъну шараф илова карда мешаванд, ки ин дар зеҳни ҷабрдида эҳтимолияти субъективии амалӣ шудани таҳдидҳоро ба таври назаррас зиёд менамояд. Муносибати бераҳмона – ин муносибати муназзами сангдилона, дағалонаи ҷинояткор нисбати ҷабрдида мебошад. Ин мафҳум фаҳмишии васеи илмиро фарогир мебошад. Дар луғатҳои забони русӣ рафтори бераҳмона бо ифодаҳои «ниҳоят сахт, сангдилона, бераҳмона» маънидод шудааст [66, с. 193].

А.Р. Ратинов ва О.Д. Ситковская бар ин назаранд, ки «танҳо он кирдорҳоеро бераҳмона шуморидан мумкин аст, ки хусусияти озордиҳандагии онҳо аз ҷониби субъект дарк карда мешавад ва ба нияти ӯ дохил мегардад, яъне дар сурати мавҷудияти қасди бавосита ё бевосита. Дар баробари ин, дар сохтори фаъолияти ҷиноятӣ шиканҷа додани ҷабрдида нақши гуногун мебозад. Дар баъзе ҳолатҳо, онҳо ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафи муайян истифода мешаванд, дар баъзеи дигар бошад, онҳо худ натиҷаи дилхоҳи ҷинояткор мебошанд» [154, с. 7]. Ҳамин тариқ, барои баҳодиҳии муносибати бераҳмона ангезаи ин рафтори ҷинояткорро омӯхтан лозим аст. Дар ин раванд бояд муайян кард, ки чаро субъект ба ҷабрдида муносибати зиддиинсонӣ кардааст, оё вай медонист, ки бо рафтори худ ба ҷабрдида азоби руҳӣ ва ҷисмонӣ расонидааст, оё ӯ кӯшиши инро дошт ё не.

Мафҳуми муносибати бераҳмона кирдорҳои (амал ё беамалии) гуногунеро дар бар мегирад, ки боиси азоби ҷисмонӣ ва руҳии ҷабрдида (лату кӯб, шиканҷа, таҳқир, аз манзил рондан, ба вуҷуд овардани шароити тоқатнофарсои зиндагӣ, маҳрум кардан аз ғизо ва об, воситаҳои зиндагонӣ,

ёрии тиббӣ, маҳдуд кардани озодӣ, маҷбур кардан ба иҷрои кори беҳуда, хастакунанда ва ғайра) мешаванд.

Аксар вақт, худкушӣ ё кӯшиши худкушӣ дар натиҷаи якҷояшавии амалҳои мансуб ба бераҳмӣ ва таҳқири шаъну эътибори шахсӣ ба амал меояд.

Ҳамаи ин корҳо ба он оварда расонид, ки ҷабрдида таҳқирҳои мунтазамро дигар таҳаммул карда натавонист ва бо роҳи ба дор овехтан қасди худкушӣ намуд. Дар ин маврид, муносибати бераҳмонаи айбдоршаванда ба ҷабрдида бо паст задани шаъну эътибори шахсии ӯ якҷоя ба амал омадааст, ки ин дар ҳукми суд инъикос ёфта буд [16, с. 246].

Ҳангоми баҳодиҳии муносибати бераҳмона шахсияти ҷабрдида, ақидаҳо, мақсадҳо ва низоми арзишҳои ӯро ба назар гирифтан лозим аст. Ҳамин тариқ, зуҳури зӯроварӣ дар оила, лату кӯб аз ҷониби шавҳар барои баъзе занҳо як омили эҳсоси нописандӣ, вале ногузир дар муносибатҳои оилавӣ аст: «мезанад – яъне дӯст медорад», барои дигарон – як шакли шахсан қатъиян ғайри қобили қабули бераҳмӣ ва таҳқири шаъну шараф маҳсуб мешавад.

Мунтазам паст задани шаъну шарафи инсон дар амалҳои бисёр такроршавандаи таҳқир, масхара нисбати ҷабрдида, дунболагирии доимии ӯ, паҳнкунии маълумоти туҳматомез дар бораи ӯ, танқиди ноҳақ ва ғайра ифода меёбад. Ба гуфтаи Н.А. Сафонова, ба паст задани шаъну шарафи инсон бояд амалҳоеро (беамалиҳоеро) мансуб донист, ки дар натиҷаи он ранҷу азобҳои маънавие расонида мешавад, ки бо тааррузи барқасдона ба шаъну шарафи шахс вобаста буда, зуҳуроти беэътиноӣ нисбат ба он мебошанд [190, с. 21].

Масалан, шаҳрванд А.Н. аз миёнаҳои соли 2015 сар карда, то санаи 18 августи соли 2021, яъне муддати зиёда аз панҷ сол нисбати ҳамсараш Д.Р. муомилаи бераҳмона ва пастзании мунтазами шаъну эътибораш намуда, муносибати сангдилонаро раво дида, мавриди дашномҳои қабеҳ, таҳқир ва лату кӯб қарор додааст. Аз ин муносибати сангдилона ва пастзании мунтазами шаъну эътибори ҳамсараш Д.Р. тахминан моҳи августи соли 2015

дар манзили истиқоматии падару модараш, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Мирзобек, гузаргоҳи-1, хонаи 5/2 бо истифода аз маҳсулотҳои дорувории «Ношпа», ки тақрибан 20-25 ададашро истеъмол намуда буд, баданаш заҳролуд шуда, ӯро табибон наҷот додаанд.

Боз А.Н. такроран ба пастзании шаъну эътибори ҳамсараш Д.Р. машғул гардида, ӯро мавриди лату кӯб ва дашномҳои қабеҳи ғайриинсонӣ намудааст, ки ҳамсараш Д.Р. ба ин ҳаракатҳои шавҳараш тоб наоварда, санаи 18 августи соли 2021 тахминан соати 17:30 дақиқа дар ҳуҷраи хонаи истиқоматии шавҳараш воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ-192, хонаи 35 зарфи шишагини хушбӯйкунандаро (атр) зада шикаста, бо истифода аз шишаҳои он дастонашро бурида, даст ба суиқасди худкушӣ задааст [200].

Дар баробари таҳлилу баррасии мавридҳои таҳдид ё муносибати бераҳмона, ҳангоми таҳлили далелҳои таҳқири шаъну шарафи инсон зарур аст, ки шахсияти ҷабрдида, ҳассосияти ӯ ба изҳороти манфӣ ва амалҳое, ки ба худшиносӣ ё эътибори ӯ дар ҷомеа таъсир мерасонанд, ба назар гирифта шавад.

Аз нигоҳи равоншиносӣ ин гуна муносибат нисбатан одилона ба назар мерасад. Амали (ё беамалии) субъект, ки боиси ба амал омадани худкушӣ шудааст, метавонад бо мақсадҳои гуногун анҷом дода шуда бошад: «барои нишон додан, ки дар хона сардор кист», «бо ман низ ҳамин тавр рафтор карданд – ин анъана аст», «барои таҳкими тартиботу интизом, «барои аз ҳад нагузарад» ва ғайра. Ангезаҳо дар ин ҷо низ метавонанд хеле гуногун бошанд – ҳам худсобиткунӣ, ҳам майлу хоҳиш ба қудрат ва ҳам хоҳиши тамасхур кардани заифтарҳо.

Таъсири манфии равонӣ ҳангоми ба худкушӣ расондан ҳамеша ба таври ошкоро зуҳур менамояд ва аён мебошад. Шаклҳои пинҳонии таъсири манипулятсиониро (водорсозиро) ҳангоми содир намудани кирдорҳое, ки ба паст задани шаъну эътибор нигаронида шудаанд, танҳо ҳамчун воситаи иловагӣ истифода бурдан мумкин аст. Таъсири равонии ҷиноятӣ дар

мавридҳои ба худкушӣ расондан бевосита, ҳангоми алоқаи байни ҷинояткор ва ҷабрдида сурат мегирад. Аз ҷиҳати назариявӣ инчунин истифодаи таҳдидҳое имконпазиранд, ки тавассути зангҳои телефонӣ, мактубҳо ё почтаи электронӣ ба амал оварда мешаванд, аммо чунин ҳолатҳо дар амалия дида намешаванд.

Тавре ки таҳлили равоншиносӣ нишон медиҳад, таъсири равонии ҷиноятӣ ҳангоми ба худкушӣ расондан метавонад ба доираи ниҳоят васеи сохтори равонии шахс таъсир расонад, ки «ҳадафҳо»-и ин таъсир мешаванд. Он қодир аст, ки талаботҳои гуногуни субъектро аз ҳаётан муҳим, биологӣ (талабот ба ғизо, бехатарии ҷисмонӣ) сар карда, то талаботҳои олии иҷтимоӣ, аз қабили талабот ба худэҳтиромкунӣ ва эътироф аз ҷониби дигарон қатъ созад.

**2) Аломати дигари тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан макони содир шудани ҷинояти мазкур мебошад**. Аз таҳлили худи шароитҳои маҳалле, ки шахси худкушикарда барои худ интихоб кардааст, шумораи зиёди хулосаҳоро баровардан мумкин аст. Аз ҷониби шахс иҷро карда шудани амалҳо дар шароитҳое, ки ба ӯ хуб маълуманд ва барои ӯ муҳити муқаррарӣ ҳастанд, хеле анъанавӣ маҳсуб мешавад. Маълумот дар бораи ин робитаҳо ба муфаттиш аз хабари ибтидоии ҷойи ёфт шудани ҷасад маълум мешавад. Дар ин бора маълумотро инчунин аз гувоҳии шоҳидоне, ки ҷасадро пайдо намудаанд, худи ҳалокшударо тавсиф мекунанд ва дар наздикии маҳалли ёфт шудани ҷасади ҷабрдида зиндагонӣ менамоянд, муайян кардан мумкин аст. Шароитҳо дар ҷойи марги ҷабрдида, мазмуни амалҳои барои иҷроиш тахминшаванда, инчунин метавонад аз шиносоии худи ҷабрдида бо ин муҳит, хуб бохабар будани ӯ аз шароитҳое, ки амалиёти худкушӣ анҷом дода шудааст, дарак диҳад [141, с. 14].

Ҳамзамон, онҳо дар низоми ин ҷиноятҳо низ мавқеи муайянро ишғол намуда, бо дигар унсурҳо ба таври муайян алоқаманд буда, бо хусусияти муайян фарқ мекунанд. Воқеан, ҷиноятҳои гурӯҳи таҳқиқшаванда метавонанд дар ҷойҳои гуногун содир карда шаванд, ки вобаста ба

хусусиятҳояшон онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) бино; 2) маҳалли муайян. Дар гурӯҳи аввал ду зергурӯҳро ҷудо намудан мумкин аст: бинои истиқоматӣ; бинои ғайриистиқоматӣ. Ба зергурӯҳи аввал мансуб карда мешавад: хонаҳо, истиқоматгоҳҳо, ҳуҷраҳо дар хонаҳо. Ҷойҳои номбаршуда, ба як гурӯҳ якҷоя кардани онҳо бо худи биноҳои истиқоматӣ, ба назар менамояд, ки муфид хоҳад буд, зеро ҷинояткорон онҳоро барои расидан ба ҳадафҳои худ аз он хотир истифода мебаранд, ки шахсони дар бинои истиқоматӣ зиндагикунанда (ё ба он дохилшаванда) ҳатман аз зинапояҳо ва чорхонаҳои зинапояҳо убур менамоянд, онҳоро барои ҷойгир кунондани қуттиҳои хат (почта) ва ғайраҳо истифода мебаранд. Бинобар ин, дар рафти тафтиши ҷиноятҳои категорияи баррасишаванда ҳамаи ин ҷойҳоро якҷоя аз назар гузарондан лозим аст.

Ба зергурӯҳи биноҳои ғайриистиқоматӣ метавон биноҳои идора ва биноҳоеро, ки барои гузаронидани чорабиниҳои гуногуни оммавии иҷтимоӣ, аз қабили ҷамъомадҳо, митингҳо, лексияҳо, вохӯриҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра пешбинӣ шудаанд, мансуб намуд. Ба маҳалли муайян (гурӯҳи дуюм) боғҳо, гулгаштҳо, кӯчаҳо, майдонҳо ва дигар ҷойҳое мансуб мебошанд, ки наметавонанд ба гурӯҳи «бино» дохил карда шаванд. Аён аст, ки ҳар яке аз номгӯҳои дар боло зикршуда мукаммал нест ва буда ҳам наметавонад, зеро ҳеҷ кафолате нест, ки фардо ҷинояткорон барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ягон ҷойи наве истифода нахоҳанд кард, ки қаблан ҳамчун ҷойи содир кардани ҷиноятҳои гурӯҳи баррасишаванда истифода нашуда бошад. Ҳангоми таҳқиқи ҷойи ҳодиса яке аз нуктаҳои муҳимми тактикӣ дуруст муайян кардани минтақаҳои алоҳидаи он мебошад. Инак, агар ҷиноят дар қитъаи маҳалле содир шуда бошад, маҳз муайян кардан лозим аст, ки ҷинояткорон чӣ гуна кирдорҳо ва дар куҷо бевосита содир кардаанд: масалан, бевосита дар майдон, дар кӯчаҳои ба он ҳамсоя (ҳамшафат), заминҳои холии назди ҳавлиҳо.

**3) Вақти содир кардани ба худкушӣ расондан.** Вақти содир намудани ҷиноятро бисёр бахшҳои илмҳои криминалӣ меомӯзанд. Аммо бояд эътироф

намуд, ки дар адабиётҳои соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи вақти содир шудани ҷиноят ба таври бояду шояд тавзеҳ наёфтааст. Ба ҷанбаҳои алоҳидаи он дар доираи чунин илмҳо, аз қабили криминалистика таваҷҷуҳи бештар дода шудааст [109, с. 408; 26, с. 267]. Вақти ба худкушӣ расондан метавонад барои таҳқиқоти криминалистикӣ (судӣ) ниҳоят муҳим бошад.

Криминалистон барои муайян кардани вақти содир шудани ба худкушӣ расондан метавонанд аз усулҳо ва равишҳои гуногун истифода баранд, аз қабили таҳлили тағйироти бадани ҷабрдида, таҷзияи маводҳои органикӣ ва муайян кардани аломатҳои вайронкунӣ ё тағйирот дар муҳити атроф. Таҳлили маълумоти камераҳои назоратии ҷамъиятӣ, телефонҳои мобилӣ, компютерҳо ва дигар дастгоҳҳо низ метавонад барои муайян кардани фаъолияти шахсоне, ки эҳтимолан дар ба худкушӣ расондан даст доранд, истифода шаванд.

Баъдан, вақти дақиқи содир шудани кирдори ба худкушӣ расондан дар гузаронидани тафтишоти судӣ ва равшан кардани вазъиятҳои ҳодиса омили муҳим мебошад.

**4) Шахсияти ҷабрдида (қурбонӣ).** Маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдидаи маъмулӣ унсури муҳимми тавсифи криминалистикии гурӯҳҳои гуногуни ҷиноятҳо мебошад. Ба гуфтаи Хоменко А.Н., маълумот дар бораи ҷабрдида бояд маълумоти демографӣ, маълумот дар бораи хусусият ва андозаи зарари ба ӯ расонидашуда, хусусиятҳои ҷисмонӣ, биологӣ ва равонии ҷабрдида, тарзи ҳаёт, бемориҳо, фидокорӣ, сатҳи фарҳанг, арзишҳои ӯ, доштани робита ва муносибатҳо бо одамони дигарро дар бар гирад [191, с. 156]. Маълумот дар бораи ҷабрдидагон ва рафтори онҳо имкон медиҳад, ки самт ва ангезаҳои рафтори ҷинояткор, хислатҳои умумӣ ва инфиродии ӯ шарҳ дода шавад.

Ба андешаи мо, аксар вақт худи ҷинояткорон гирифтори заъфи равонӣ буда, бисёре аз онҳо сотсиопат мебошанд. Масалан, В.С. Белобородов ва В.С. Гритсенко сотсиопатия гуфта, ихтилоли (харобшавии) шахсияти инсонро мефаҳманд, ки дар сарфи назар кардани меъёрҳои иҷтимоӣ,

хашмгинӣ, ҳардамхаёлии шадид ва нигоҳ дошта натавонистани робитаҳои муътадили байнишахсӣ зоҳир мегардад [111, с. 110-111].

Ҷинояткороне, ки ин намуди ҷиноятҳоро содир мекунанд, аксар вақт сарнавишти ғайриоддие доранд: дар кӯдакӣ онҳо аз муҳаббат ва таваҷҷуҳи волидон баҳравар набуданд ва ё волидон бо онҳо бераҳмона муносибат мекарданд – ҳамаи ин дар ҳаёти ояндаи онҳо асар мегузорад. Синну соли чунин ҷинояткорон маъмулан аз 19 то 26-сола аст.

Ҳамин тариқ, ҳангоми тафтиши ҷиноятҳое, ки бо ба худкушӣ расондан ё моил кардан ба анҷом додани он алоқамананд, зарур аст, ки ангезаҳои ҷинояткорон аниқ карда шавад, оқибатҳои амалҳои ҷиноятии онҳо муайян карда шавад, хусусиятҳои шахсияти ҷабрдида ва ҷинояткор муфассал омӯхта шавад ва инчунин шароитҳое, ки ба содир кардани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок мусоидат мекунанд, муқаррар карда шаванд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса баровард, ки мавҷудияти аломатҳои тамоюли қурбоншавӣ (виктимӣ) аз хусусиятҳои муайяни психофизиологии шахс вобаста буда, ба амал омадани онҳо бошад, ба хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ, ахлоқию ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Дар баробари ин, олимон чунин ақидаро эътироф менамоянд, ки шахсият бояд ҳамчун як таркиби яклухте баррасӣ карда шавад ва он аз якчанд унсурҳо иборат буда, маҷмуи онҳо сохтори онро ташкил медиҳанд.

Рафтори худкушии шахс яке аз мушкилоти ташвишовари ҷомеаи муосир буда, ҳамчун нишондиҳандаи махсуси тандурустии аҳолӣ ва некӯаҳволии иҷтимоӣ хизмат мекунад. Масъалаҳои ҷараёни инкишофи рафтори худкуширо ба ҳолати руҳӣ, маънавӣ-ахлоқии шахс ва майли ахлоқии иҷтимоӣ ӯ вобаста мебошад. Вақте ки низоми арзишҳои инсон вайрон мешавад ё таҳдиди назар карда мешавад, инчунин ҳангоми аз ҷаҳони моддӣ ноумед гардидан, метавонад дар шахс рафтори худкушӣ пайдо шавад.

А.С. Орешкина роҳи мубориза бо стресси шахсони худкушикунандаро дар муқоиса бо шахсони шартан солим таҳқиқ намудааст. Ба андешаи муҳаққиқ, дар гурӯҳи шахсони шартан солим чунин рафтори муқовимат, аз

қабили банақшагирии қарорҳо, ҷустуҷӯи дастгирии иҷтимоӣ ва азнавбаҳодиҳии мусбии вазъяти ҳаётӣ бештар мушоҳида мешавад. Ба гурӯҳи қурбониёни худкушӣ чунин рафтори муқовимат, ба мисли фирор – дурӣ ҷустан бештар хос мебошад, ки ин гуна рафтор вазъияти мушкилро ҳал намекунад. Муаллиф дар муқоиса бо гурӯҳи шахсони солим, инчунин мавҷудияти эҳсоси субъективии танҳоиро дар байни қурбониёни худкушӣ қайд мекунад [148, с. 44-45].

Н.М. Абрамова қайд мекунад, ки одамони худкушикунанда тибқи маълумоти оморӣ воқеан камтар стратегияҳои муқовимати мутобиқшавандаро, аз қабили «таҳлили мушкилот», «оптимизм», «ҳамкорӣ» истифода мебаранд [178, с. 16]. Баръакс, онҳо аксар вақт стратегияҳои мутобиқнашавандаи муқовиматро, ба монанди «хашмгинӣ», «нодида гирифтан», «ошуфтагӣ», «беист дурӣ ҷустан» ба кор мебаранд. Ташаккули стратегияҳои муқовимати мутобиқнашаванда бо сохторҳои дохилии муноқишавии муносибати шахсият ба худаш: «муноқишаҷӯйии ботинӣ», «худро айбдор кардан», «худро таҳқир кардан» алоқаманданд. Муаллиф қайд мекунад, ки дар одамони худкушикунанда мавҷудияти ҷанбаҳои ҷубронкунандаи муносибат ба худ дар шакли худпазирӣ, худсимпатия (худписандӣ ё худдӯстӣ) ва худэҳтиромкунӣ мушоҳида мешавад.

Ҳамин тариқ, барои пешгирии рафтори худкушӣ ба хусусиятҳои шахсияти одамон, ки аз майл ба рафтори худкушӣ дарак медиҳанд, диққат бояд дод. Инчунин, истифодаи стратегияҳои муборизаи мутобиқшаванда метавонад як воситаи бартараф кардани рафтори худкушӣ бошад.

Яке аз психотипҳои маълумтарине, ки даст ба худкушӣ мезананд – ин психотипи истероидӣ (ҷалбкунанда) ё намоишкорона мебошад. Ба психотипи мазкур худбаҳодиҳии зиддиятнок (ҷанҷолӣ ё муноқишаҷӯёна) хос мебошад. Ин равандро метавон бо он маънидод кард, ки аз як ҷиҳат, дар психотипи мазкур хислати худпарастӣ ва тавсифи аҳаммиятнокии худ дар назари омма мушоҳида мешавад. Аз ҷиҳати дигар, чунин психотипи шахсият ҳангоми қабули қарорҳо ва иҷрои вазифаҳои додашуда ҳамеша ба тавоноии худ

эътимод надоранд. Одамоне, ки ба психотипи истероидӣ тааллуқ доранд, зуд ва пурра аз мушкилоти воқеӣ ба ҷаҳони некӯаҳволии хаёлӣ (яъне, аз ҳушу хаёл дур кардан) мегузаранд. Онҳо муоширати интихобӣ доранд ва танҳо шахсонеро ҳамсуҳбати худ интихоб менамоянд, ки табиати намоишкоронаи онҳоро ҳамон гунае, ки зоҳир шудан мехоҳад, дарк мекунанд [21, с. 23]. Навъи истероидӣ хеле худписанд мешавад ва эстетикаро (зебоиро) муҳимтарин омили ҳаёт медонад, бинобар ин, онҳо ҳеҷ гоҳ худро аз баландӣ ба поён намепартоянд, рагҳои вариди дасташонро намебуранд ва ба худ тирандозӣ намекунанд, зеро ин метавонад намуди зоҳириро бадшакл намояд ва эстетикӣ намебошад. Одамоне, ки шахсияти навъи истероидӣ доранд, даст ба худкушии худпарастона мезананд ва бо рафтори хеш чун ҳолати бемадории доимӣ, ки фаъолияти инсонро халалдор месозад, тавсиф мешавад. Ин навъ дар дарки робитаи тарафайн бо олами беруна ва таъсири омилҳои беруна ба рафтори шахс душворӣ мекашад. Муаллифон дар асоси хусусиятҳои ин психотипи шахсият махсусан қайд мекунанд, ки шахс нисбат ба ашёҳо, одамон ва ҳодисаҳои атрофаш беэътиноиро пеша мекунад, зеро ин омилҳо барои ӯ норохаткунанда буда, танҳо дарди ӯро бештар мекунанд.

Барои муҳофизати худ, ин гуна одамон бевосита ба шахсияти худ, ба эҳсосот, талаботҳо, манфиатҳо, ҳиссиёт, ҳавасҳо ва самтҳои арзишии худ диққат медиҳанд, аммо бо чунин рафтор онҳо танҳо ҳолати танҳоиро амиқтар месозанд. Аксар вақт ин навъи шахсият барои анҷом додани худкушӣ истеъмоли доруро афзалтар медонад, аммо навъи истероидӣ пеш аз марг ба намуди зоҳирии худ ғамхорӣ менамояд (аҳаммият медиҳад). Психотипи навбатӣ – эпилептиодӣ мебошад. Ба эпилептиодҳо ҷамъшавии ниҳонии эҳсосоти манфӣ хос мебошад, ки баъдан ногаҳон ба муҳити беруна дар рафтори барои ин шахс ғайричашмдоште, ки бо доштани хусусияти зиддиҷамъиятӣ тавсиф мешавад, хуруҷ менамояд. Онҳо тафаккури часпанда ва хотираи эҳсосии интихобӣ доранд, ки ба шарофати он метавонанд дар тӯли якчанд солҳо ранҷишҳоро ба ёд оранд ва ғаму андуҳи онро аз сар гузаронанд. Онҳо мизантропҳо (инсонбадбинҳо) мебошанд, ки дар аксар

ҳолатҳо ангезаи амиқи рафтори онҳоро муайян мекунад [195]. Онҳо дуруштхӯ, қавиирода, хашмгин буда, ба ҳаёт (хусусан, ҳаёти дигарон) муносибати бепарвоёна доранд. Рафтори онҳо пешгӯинашаванда мебошад, ки сабаби ин тундмизоҷӣ (бадқаҳрӣ) ва мавҷудияти майлу ҳавасҳои зиддиҷамъиятие мебошад, ки эпилептоид ба он муқобилат карда наметавонад (масалан, қиморбозӣ, оворагардӣ, мастигарӣ, ҳамҷинсгароӣ (ливотагароӣ, ливота, гомосексуализм). Эпилептоидҳо чи дар ҷойи кории худ ва чи дар хона ба тозагӣ ва ботартиб ҷойгиршавии объектҳо диққати калон медиҳанд. Онҳо мустақилона, дар ҷойи инфиродӣ (алоҳида), бе кумак ва бе шарикон кор карданро афзалтар медонанд. Ин психотипи шахсият бо назофат ва аккуратизми (покизакории) безоркунанда (дилгиркунанда) тавсиф меёбад.

Афзалият ба мӯйи сари кӯтоҳ, нохунҳои покиза гирифташуда ва мӯйи бодиққат тарошидашуда дода мешавад. Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки агар шахси худкушинамуда эпилептоидӣ бошад ва дар ҷойи ҳодиса ашёҳо ба ҳар тараф партофташуда бошанд, пас қотилро бояд ҷустуҷӯ намуд. Ҳангоми аз ҳад зиёд ҷамъ шудани эҳсосоти манфӣ ин навъ худро зери мошинҳо ва қаторaҳо мепартояд. Ин намуди шахсият аксар вақт даст ба худкушии аномикӣ мезанад. Ин намуди худкушӣ аз худкушии худхоҳона бо он фарқ мекунад, ки содир кардани он ҳамеша табиатан эҳсосотист, аммо ҳамзамон ҳавасе, ки ба он илҳом мебахшад, комилан дигаргун мебошад. Ба андешаи Дюркгейм, эҳсосе, ки дар ин маврид бартарӣ дорад, ин хашм мебошад. Агар дар худкушии худхоҳона шахс нисбати муҳити беруна нафрат ҳис накунад, пас дар худкушии аномикӣ шахс зидди ҳаёти худ маҷмуи эҳсосот нишон медиҳад [194]. Ҳолати ба қатл расонидани шахсе, ки худкушикунанда ӯро дар нокомиҳои худ гунаҳкор медонад ва худкушии минбаъдаро метавон хусусияти хоси ин намуди шахсият ҳисобид. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон ба хулосае омад, ки шахсе, ки барои ҳодисаи рухдода худро масъул меҳисобад, хашму ғазаби худро бар зидди худ равона месозад ва агар худро гунаҳкор надонад, пас ба муқобили

шахси дигар амал менамояд. Дар ҳолати аввал худкушӣ рӯй намедиҳад, аммо дар ҳолати дуюм худкушӣ метавонад пас аз зӯроварӣ ба миён ояд. Ҳангоми таҳлили худкушии намуди мазкур ва омори онҳо ба андешаи Г. Белоглазов такя намудан ба манфиати кор аст, ки ба ақидаи ӯ афзоиши худкушиҳои аномикӣ ба суботи низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ, дар марҳилаи навин комилан метавон дар бораи чунин мафҳум ба монанди аномия сухан гуфт ва ин мафҳум маънои онро дорад, ки худкушии аномикӣ дар ҳаёти имрӯзаи мо ба намуди бартаридоштаи худкушӣ табдил ёфтааст [194]. Ба типи параноидӣ (дар ғояҳо дармонда) ғояҳои шахсии дурнашаванда ва муболиға кардани аҳаммияти иҷтимоии онҳо хос аст. Ин тип дар ҳама ҳолат аз нуқтаи назари худ дифоъ менамояд. Ин тоифа майл дорад, ки ақида ва манфиатҳои худро маъқули дигарон созад, бо вуҷуди ин худ ва атрофиёнро амиқ таҳлил менамояд. Ба дурустии рафтори худ дигарон ва худро озодона мутмаин месозад [197]. Шахси типи параноидӣ ҳангоми аз байн рафтани ғояҳои ӯ даст ба худкушӣ мезанад ва барои ин кор усулҳои гуногунро интихоб менамояд. Дар дохили истиқоматгоҳи шахсони типи мазкур ғояе, ки инсон тамоми умр ба хотири он зинда будааст (дар орзуи он будааст) (ширкат, клуби варзишӣ, зиёфат), равшан ифода ёфтааст. Аксаран ин типи шахсият даст ба худкушии беғаразона мезананд, ки комилан муқобили худкушии худхоҳона мебошад. Баръакси худкушии эгоистӣ (худпарастона), ки одатан бо талафи пурраи қувват тавсиф мешавад, худкушии алтруистӣ ба эҳсоси пурҷӯш, ки бо зуҳури қуввату ғайрат ба миён меояд, асос ёфтааст [25, с. 117].

Намуди навбатии шахсият бо мафҳуми эҳсосӣ алоқаманд аст. Хусусиятҳои ин психотип дар системаи сусти асаб намоён мешаванд, ки аксуламали эҳсосӣ дар он ҳадди паст дорад. Аломати асосии ин шахсият дар тарбияи хайрхоҳона зоҳир мегардад, ки ба маърифатнокии эҳсосию эстетикии шахсият таъсир мерасонад. Одамони дорои чунин хусусиятҳо дар таҳлил ва эҳсоси ҳиссиёти атрофиён хеле бодиққат мебошанд, онҳоро одатан осонтар намоён кардани таъсирпазирии ҳодисаҳои рӯзмарра тавсиф

мекунанд (нозукдиланд). Онҳо бештар ба нигоҳ доштани намуди зоҳирии хеш, ороишҳои оддӣ ва ба таври «намунавӣ» мӯйиланд. Либоси онҳо асосан аз буришҳои кушод ва тарҳҳои аниматикӣ орӣ буда, онҳо аз дуруштӣ дурӣ меҷӯяд. Мӯйи дароз барои онҳо бештар мансуб аст.

Дар баҳсҳои доманадору мураккаб одамони ин тип маъмулан дунболагир нестанд, балки боқувват, созишкор ва оромтабиат бо дигарон муносибат мекунанд, инчунин дар ҳолатҳои камтар муҳимми ҳаёт майл ба гузашт карданро доранд. Ҳангоми изҳори эътироз онҳо кӯшиш мекунанд, ки рафтори нарм ва дипломатикӣ дошта бошанд, то манзараи рақибонро наранҷонанд. Муносибати онҳо бо ҳамсуҳбатон ором ва сабурона аст ва онҳо дар гурӯҳҳо фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Ин типи шахсият, дар акси ҳолат, ба сабаби ишқи беҷавоб ё душвориҳои эҳсосӣ, ки наметавонанд онҳоро бартараф кунанд, метавонад даст ба худкушӣ бизанад ва барои ин усули афтидан аз баландиро интихоб намояд [79, с. 278].

**5) Шахсияти ҷинояткор.** Шахсияти ҷинояткор бо кумак ба як қатор аломатҳои гуногун тавсиф мешавад, ки метавонанд ба таври зерин гурӯҳбандӣ шаванд: аломатҳои демографӣ – ҷинс, синну сол, вазъи саломатӣ ва дигар хусусиятҳои табиии шахсият. Аломатҳои ахлоқӣ (маънавӣ) – ҷаҳонбинӣ, манфиатҳо, мақсадҳо ва арзишҳои шахсият, ки дар рафтор ва интихоби амалҳои ӯ таъсир мерасонанд. Аломатҳои иҷтимоӣ – вазъи оилавӣ, муносибатҳо ва шароити маишии шахс, ки метавонанд на танҳо ба таҳқиқи ҷиноят, балки ба пайдоиши он низ таъсир расонанд. Аломатҳои равонӣ – хислат, эҳсосот, хислатҳои иродавӣ ва дигар хусусиятҳои равонӣ, ки ба таъсири амалҳои ҷинояткор дахл доранд. Ин аломатҳо дар хислатҳои инфиродии шахсияти ҷинояткор ва муносибати ӯ бо ҷабрдида инъикос меёбанд.

Чунин аломатҳои аз ҷиҳати криминалистикӣ муҳим инҳоянд: муносибати бераҳмона бо ҷабрдида, таҳқири шаъну шарафи инсонии ӯ, таҳдид, истифода аз вобастагии моддӣ ва дигар вобастагии ҷабрдида аз ҷинояткор, паҳн кардани овозаҳо дар бораи қасди эҳтимолии ҷабрдида

барои даст задан ба худкушӣ, вонамуд кардан ба худкушӣ ё ҳолати фоҷиавӣ, метавонад аз маккории шахси ҷинояткор, савияи зеҳнии вай гувоҳӣ диҳад.

Тавсифи шахсияти ҷинояткор маълумотҳои зеринро дар бар мегиранд:

а) иҷтимоӣ – вазъи иҷтимоӣ, маълумоти илмӣ, миллат, вазъи оилавӣ, касб ва ғ.;

б) равонӣ (психологӣ) – ҷаҳонбинӣ, эътиқод, дониш, малака, одатҳо, эҳсосот, шавқу рағбат, табъ ва ғ.;

в) биологӣ – ҷинс, синну сол, хусусиятҳои ҷисмонӣ, қувва, қад, вазн, нишонаҳои махсус ва ғ.

Вобаста ба ҳукмҳои судӣ барои давраи аз соли 2017 то охири соли 2019 мо намудҳои зерини ҷинояткоронро вобаста ба вазъи иҷтимоии онҳо дар ҷомеа тасниф намудем:

1) шахсоне, ки наздикони худро ба худкушӣ мерасонанд – «муфтхӯрон дар оила», «абюзерҳо», яъне шахсоне, ки нисбат ба хешовандони наздик ва ҳамхонаҳои худ зӯроварии равонӣ ва ё ҷисмонӣ анҷом медиҳанд. Ин навъи ҷинояткоронро метавон ба ду гурӯҳ тасниф кард:

1. Шахсоне, ки нисбат ба ҳамсари худ ҷиноят содир мекунанд.

2. Шахсоне, ки нисбати волидони пиронсол ва хешовандони солхӯрда ҷиноят содир менамоянд. Ин намуди ҷинояткорӣ, ки мо дар рисолаи худ онро бештар мавриди таҳлил қарор додем, дар ҷомеа бештар вомехӯранд.

Аз таҳлили 10 парвандаи ҷиноятӣ хулосаронӣ карда шуд, ки шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ баркамоли аз 30 то 45-сола мебошанд, ки ин намуди ҷиноят аз ҷониби мардон то 85% ва аз тарафи занон то 15% содир мешаванд. Аз ин тоифаи одамон то 95%-и одамон маълумоти миёнаи махсус, 5% маълумоти миёнаи нопурра доранд. Аз 28 ҳукми айбдоркунӣ 4 нафар қаблан барои содир намудани ҷиноят доғи судӣ доштанд. Ин гурӯҳ 90% оила ва фарзандониноболиғ доранд ва танҳо 10% бо волидони худ зиндагӣ мекунанд.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки ин намуди ҷинояткорон ҷойи кори доимӣ надоранд ва ё расман бо кор таъмин нестанд. Дар шахсони маҳкумшуда

вобастагӣ ба машруботи спиртиро мушоҳида менамоем, 60% шахсон ҳангоми нӯшидани машрубот ба наздикони худ зӯроварии ҷисмонӣ ё равонӣ нишон додаанд, яке аз маҳкумшудагон гирифтори нашъамандӣ будааст;

2) вобаста ба амали шахсоне, ки ҳадафи ғаразнокро пайгирӣ мекардаанд, ҷинояти онҳоро то 30% тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии ҶТ метавон тасниф намуд. Шахсони бадкору манфиатдор шахсонеанд, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ баркамол буда, одатан онҳо мардони аз 35 то 45-сола – 80%, ҷавонони аз 20 то 25-сола то 20%-ро ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин, 90%-и маҳкумшудагон оила ва фарзандони ноболиғ доранд. 80%-и ҷинояткорон маълумоти олӣ, 20% маълумоти миёна ва миёнаи махсус доранд. 40%-и ҳукмҳо нисбат ба шахсоне, ки қаблан барои ҷиноятҳои молу мулкӣ суд шуда буданд, бароварда шудаанд.

Вобаста ба хусусият шахсияти ҷинояткоронро аз рӯйи вазъи иҷтимоӣ ба назар гирифта, инчунин бояд ин навъи ҷинояткориро тибқи меъёрҳое чун далеловарӣ таҳлил кард. Ин навъро дар навбати худ метавон ба чунин намудҳо тақсим кард: зӯроварӣ, тамаъкорона-зӯроварӣ ва қаллобӣ.

Ба намуди зӯроварӣ он ҷинояткороне дохил мешаванд, ки ҳадафи асосии онҳо ҳукмфармоӣ аз ҷиҳати руҳӣ ва ҷисмонӣ ба шахсони заиф буда, дар 90% ҳолатҳо ин амалро нисбати наздикони худ раво мебинанд. Ин намуди ҷиноят ба шахсоне бештар дахл дорад, ки ҷиноятро бо далели заъфи арзишҳои ахлоқиашон содир кардаанд, яъне онҳо нисбати наздикони хеш шафқат ва садоқат надоранд.

Масалан, шаҳрванд тахминан соли 2012 бо Л.С. тариқи мусулмонӣ оиладор гашта, ақди никоҳашонро тариқи САҲШ-и шаҳри Душанбе ба расмият даровarда, аз зиндагии якҷояашон соҳиби ду фарзанд (Б. санаи таваллудаш 30 августи соли 2013 ва М. санаи таваллудаш 21 июни соли 2015) гардидаанд. Баъдан, тахминан аз аввалҳои соли 2015 то 02 феврали соли 2021 А.Д. бе сабаб бо модараш Б.К. ва ҳамсараш Л.С. ҷангу ҷанҷол намуда, модар ва ҳамсарашро дар назди хешу таборон ва ҳамсояҳои гирду атрофаш бо

лафзи қабеҳ фоҳиша ва бероҳагард гӯён, дашномҳои қабеҳ ва ғайриинсонӣ намуда, шаъну шарафашонро мунтазам паст зада, мавриди лату кӯб қарор медодааст. Аз ин рафтори А.Д. модараш Б.К. хаста шуда, тахминан моҳи августи соли 2015 ва дуюм маротиба 02 феврали соли 2021 бо мақсади аз ҳаёт маҳрум сохтани худ, «Сирко» истеъмол намуда, заҳролуд шуда, дар беморхона аз марг наҷот меёбад. А.Д. пайдарҳам муддати 6 сол бо роҳи таҳдид, муомилаи бераҳмона ба пастзании мунтазами шаъну эътибори модараш даст зада, модарашро маҷбур намудааст, ки қасди худкушӣ кунад.

Дар мурофиаи судӣ судшаванда А.Д. пурра иқрор шуда, чунин нишон дод, ки модараш Б.К. будааст, ӯ соли 2012 бо Л.С. бо тариқи никоҳи мусалмонӣ ва қонунӣ оиладор шуда ва ақди никоҳашонро дар САҲШ-и шаҳри Душанбе ба қайд гузоштаанд. Ӯ бо ҳамсараш муносибати хуб надоштааст, ки модараш ин ҳолатро дида ғамгин шуда, аз пушти ҳамсараш бо ӯ ҷангу ҷанҷол карда ва ӯ низ асабонӣ шуда, бо онҳо ҷангу ҷанҷол менамудааст ва онҳо ҳар гуна суханҳои нодурустро мегуфтанд. Аз ҳамин сабабҳо ҳамсараш Л.С., ки муддати 7-8 сол зиндагонӣ карда будаанд, бо тариқи қонунӣ дар суди ноҳияи Шоҳмансур ақди никоҳашонро бекор карда ва тариқи мусалмонӣ бошад, ҷавобашро надодааст. Ҳамин тавр, муддати чанд сол шудааст, ки ӯ бо ҳамсар ва модараш муносибати хуб накарда истода будааст, ки аз ҳамин сабаб, модараш хаста шуда, бо сабаби ба худкушӣ даст задан санаи 02.02.2021 с. сирко «Уксус» истеъмол намудааст [199].

**6) Нишонаҳои хоси ҷиноят.** Ҳангоми содир кардани ҷиноятe, ки боиси худкушӣ мегардад, аксаран дар ҷойи ҷиноят ва бадани шахси лату кӯбшуда осори ҷиноят пайдо мешавад. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар асоси гузориш дар бораи худкушии анҷомдодашуда инҳоро метавон ошкор кард:

• нишонаҳои изшиносӣ (дастҳо, пойафзолҳо, дастпӯшҳо, гиреҳҳо ва ҳалқаҳо дар ресмон);

• нишонаҳои биологӣ (хун, манӣ, мӯй);

• захмҳо ва осеб дар ҷасад;

• қайдҳо оид ба худкушӣ дар шакли дастнавис ва электронӣ;

• сабти видеоии хонаводагӣ вобаста ба таҳқири шаъну шарафи инсон ва муносибати бераҳмона (лату кӯб, шиканҷа ва ғ.).

Изҳои ошкоршудаи дастҳо, пойафзолҳо ва дастпӯшҳо бояд бо изи шахси фавтида муқоиса карда шаванд, то эҳтимолияти иштироки шахсони дигар дар марги шахс (куштор, аз беэҳтиётӣ боиси марг шудан) истисно карда шавад. Масалан, дар ҳолатҳои ба дор кашидан, агар ашёи такякунӣ мавҷуд бошад, пас дар рӯйи он изи пойафзол ва дар зери он осори фишор ба хоки мулоим боқӣ мемонад. Набудани чунин нишонаҳо метавонад аз вонамудкунонии худкушӣ дарак диҳад.

Ин масъала ҳамеша таваҷҷуҳи олимони соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Ба таври мисол, В.С. Бурданова дар таҳқиқоти худ аз амалия мисол овардааст, ки муфаттиш вонамудкунонии худкуширо бо ба дор овехтан тасдиқ кардааст, зеро дар зери сатили чаппашуда ягон аломати фишор ба реги зери он вуҷуд надошт ва марҳум бе такя ба ашё ҳалқаро мустаҳкам карда наметавонист [18, с. 48]. Гарду хоки шубҳаовар инчунин метавонанд дар таги кафши ҷасад боқӣ монанд (масалан, замони шаклгирии қабатҳои хок ба замони ёфтани ҷасад мувофиқат намекунанд). Ҳангоми азназаргузаронии гиреҳ муфаттиш бояд тафтиш кунад, ки оё худи фавтида ҳалқаи дорро баста метавонист, зеро ки усули бастани гиреҳ маҳорати иловагиро талаб намуда, барои бастани он малакаҳои махсус бояд дошт. Санҷиши эҳтимолияти куштор ва ҷалб намудан ба худкушӣ бештар ба ҳалли ин масъалаҳо вобаста аст. Ҷустуҷӯи изи биологӣ на танҳо барои муайян кардани шахсони бегонае, ки дар ин ҳодиса иштирок доранд, балки барои ошкор кардани ҷиноятҳои дигар (масалан, таҷовуз ба номус, ки пас аз куштор ё он сабаби худкушӣ шудааст) нигаронида шудааст. Набудани осори лату кӯб ва осори захми ашёи сахт дар дасту пойи марҳум далолат медиҳад, ки ҷасад ба ҳалқа овезон карда шудааст, зеро одами зинда ҳангоми ҳаракатҳои бехудона зарар мебинад. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса

бо гумони худкушӣ аз силоҳи оташфишон, ба ғайр аз осори дар боло зикршуда, ёфтани силоҳи оташфишон, тирдон, шумораи тирҳо, инчунин маълумот оид ба самт ва масофаи парронидан [85, с. 56] бо мақсади ҳалли масъалаи худкушӣ ва ё куштор муҳим аст. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар мавриди куштор бо ашёи тез (корд задан, буридан ва ғ.) муфаттиш бояд ҳангоми расонидани зарар ба ҷасад дар бораи истифодаи силоҳи мушаххас қарор қабул кунад. Оид ба хусусияти ин навъи куштор мавҷудият ва ё набудани буриши сатҳии либос ва пӯст, осори хун, инчунин ҷойгиршавии дақиқи захмҳо ва доғҳои хун дар бадан ва либоси ҷасад далолат медиҳад. Масъалаи муҳимме, ки муфаттиш бояд дар мавриди худкушии шахс ҳангоми аз баландӣ афтидан ҳал кунад, ин аст ки оё марҳум воқеан аз ҳамон ҷойи нишондодаи аризадиҳанда афтодааст ё не. Дар ин маврид мисолҳоро аз амалия меорем, ки онҳо дорои як қатор хусусиятҳо мебошанд. Дар ин маврид ҳангоми азназаргузаронии ҳуҷра ё зинапоя бояд ба он диққат дода шавад, ки оё тирезаҳо шикастаанд, дар болои тиреза, шиша, қулфҳо ва дигар қисмҳои он осори ангушт ё дастпӯшак мавҷуд аст ё не?; оё дар болои тиреза осори пойафзол, либос, инчунин ашёи такякунанда барои баромадан ба болои тиреза мавҷуд аст (дар ҳолатҳое, ки он аз фарш хеле баланд аст); оё дастхат оид ба худкушӣ вуҷуд дорад; оё ягон осори ба дор овехтан ва ё муқобилият нишон додан, инчунин асбобҳои шиканҷа, мактубҳои таҳқиромез ва ғ. вуҷуд доранд.

Дар асоси таҳқиқи гузаронидашуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

Тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан аз аломатҳои зерин иборатанд: 1) тарзи содир шудани ҷиноят; 2) маҳал ва вазъият; 3) вақти содир намудани ҷиноят; 4) шахсияти ҷабрдида (зарардида): 5) шахсияти ҷинояткор; 6) осорҳои маъмули ҷиноят.

Аломатҳои мушаххаси таъсиррасонандаи содиршавии худкушӣ:

Таъсири равонӣ: аксар вақт ҷалб намудан ба худкушӣ бо таҳрики шуури ҷабрдида, вақте ки ӯ худро нотавон, оҷиз ё ночиз ҳис мекунад, алоқаманд аст.

Сабабҳои ҷиноят: ин метавонад қасос, рашк, қасос барои вайрон кардани меъёрҳои иҷтимоӣ ё оилавӣ, хоҳиши халос шудан аз шахс ё аз таъсири онҳо ба манфиатҳои шахсии ҷинояткор бошад.

Ҳаракатҳои ниҳоӣ: ҷабрдида худкушӣ мекунад ё кӯшиши ин корро мекунад.

Усулҳои маъмулии сабабҳои худкушӣ:

Фишори шифоҳӣ: таҳдид, таҳқир, манипулятсия, тарсондан.

Фишори равонӣ: муносибати бераҳмона, таҳқир, пахш кардани ирода ва мустақилият.

Таъсиси муносибатҳои вобаста: масалан, тавассути бартарияти молиявӣ ё эмотсионалӣ.

Поймол кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ: таҳдиди ифшои маълумоти шахсӣ, боиси шармандагӣ ё гунаҳкорӣ.

## 1.2. Таҳқиқоти криминалистикии одамкушии ҳамчун худкушӣ вонамудкардашуда

Дар амалияи судӣ-тафтишотӣ ҳолатҳоеро метавон дучор гардид, ки сохтакориҳо дар содир намудани ҷиноят ба роҳ монда мешаванд. Дар байни онҳо фаъолиятҳои марбут ба пинҳон кардани куштор махсусан хавфи зиёд доранд. Ин мавзуъ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи олимон қарор дошт. Олимони соҳа Е.В. Баранова ва Ю.Г. Торбин бар он андешаанд, ки «Тафтиши ҷиноятҳое, ки ба таври вонамудсозӣ воқеъ мешаванд, махсусан душвор аст, зеро мақсаду ангезаҳои воқеии содир кардани онҳоро ҷинояткорон бо кирдорҳои махсус бодиққат пинҳон месозанд, то бо ин роҳ тафтишотро ба дигар самт равона созанд. Аксар вақт барои ошкор кардани худи далели вонамудкунонӣ вақт ва қувваи зиёд сарф карда мешавад. Дар ин маврид ҳолатҳое ба қайд гирифта шудаанд, ки вобаста ба вонамудкунониҳои моҳирона тафтишоти пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ боздошта шуда, шахсони гунаҳкор муддати тӯлонӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуданд

ва шахсони бегуноҳ ҳамчун айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд» [13; 24, с. 98; 159, с. 117].

Дар илми криминалистика мафҳуми вонамудкунонии худкушӣ чунин шарҳ ёфтааст – ин амалҳои шахси ҷинояткор барои ба таври сунъӣ эҷод кардани ҳолатҳои ғайривоқеӣ, далелҳо, нишонаҳое мебошанд, ки ба худкушӣ хос буда, тавассути азбайнбарии далелҳо ва сохтакории далелҳои нав барои пинҳон кардани куштор роҳандозӣ карда мешавад [196].

Зери мафҳуми вонамудкунонӣ (adaption) бояд ҷараёни ҳодисаи муайян дарк карда шавад, ки он вобаста ба тарзи содиршавии худ ба ҳодисаи дигаре айният дошта, дар асл онҳо ба ҳамдигар алоқамандӣ надоранд [13, с. 28].

Дар адабиёт мафҳуми вонамудкунонии криминалистикиро олимони соҳа ба таври гуногун арзёбӣ менамоянд, ки баъзе андешаронииҳои олимонро ба таври мухтасар таҳлилу баррасӣ менамоем.

Ба таври мисол, О.Я. Баев вонамудкунониро чунин шарҳ додааст: «аз тарафи ҷинояткор дидаю дониста ба миён овардани далелҳо, ки дар маҷмуъ онҳо вазъи баамаломадаро инъикос намуда, ба хости ҷинояткор мувофиқат менамояд» [46, с. 318].

Олими дигари соҳа Р.С. Белкин чунин мешуморад, ки ташкили ҷиноят «эҷоди вазъиятест, ки амалан ба ҳодисаи дар ин ҷо рухдода мувофиқат накарда, инчунин он метавонад бо рафтор ва нишондодҳои бардурӯғ ва омилҳои вонамудкунонии иштирокчиёни он, шахсони бо ӯ алоқаманд пурра карда шавад» [15, с. 125].

Г.Н. Мудъюгин дар ин хусус қайд мекунад, ки вонамудкунонӣ «яке аз намудҳои муқовимат аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба эҷоди зуҳури ҳодиса тавассути ҳадафмандона ворид кардани тағйирот ба ҳолати ҳодисаи баамаломада барои аз воқеият дур кардани муфаттиш равона карда шудааст» [61, с. 36].

Дар ин самт таърифи нисбатан мукаммал аз ҷониби В. Фадеев пешниҳод шудааст, ки ба андешаи олим вонамудкунонӣ «фаъолияти субъекти вонамудкунониро баамалоранда барои ба вуҷуд овардани муҳити

ғайривоқеӣ, тақлидкории ҳодисаи ҷиноятие, ки воқеан рух надодааст, мебошад ва он дар фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи содир шудани ҷиноят иштибоҳ ба миён оварда, ба фаъолияти самарабахши онҳо, қабули қарори дахлдор таъсири манфӣ мерасонад» [93, с. 18].

Дар адабиёти криминалистикӣ таснифи ин мафҳуми ҳуқуқӣ борҳо сурат гирифта, таснифоти мукаммалтар ба қалами Р.С. Белкин тааллуқ дорад. Ин таснифот фарогири асосҳои воқеӣ ва далелҳои илмӣ буда, паҳлуҳои гуногуни мафҳуми вонамудкуниниро ифода менамояд.

Баъзе ҷузъҳои ин таснифотро дар хусуси вонамудкунонии одамкушӣ, ҳамчун худкушӣ пинҳон карда шудаанд, пешниҳод менамоем:

1) аз рӯйи вақти иҷрои ҷиноят; баъд аз содир шудани ҷиноят иҷро кардан;

2) аз рӯйи субъекти вонамудкунонӣ, онро ки ҷинояткор анҷом медиҳад ва аз ҷониби шахсони дигар амалӣ карда мешавад;

3) дар ҷойи содиршавии вонамудкунонӣ, ки дар ҷойи ҷиноят ва ё дар ҷойи дигар сурат мегирад;

4) бо усули легализатсия (ба расмиёт даровардани) вонамудкунонӣ, ки бо мақсади муайян кардани маълумоти иҷрокунанда ва ё шахсони бо ӯ алоқаманд роҳандозӣ шудааст; барои ошкор намудани шахсони бегона пешбинӣ шудааст;

5) аз рӯйи давомнокии амал – вонамудкунонӣ, ки барои тамоман ошкор нагардидани ҳодисаи воқеӣ амалӣ мегардад; бо мақсади бурд кардан аз ҳисоби вақт роҳандозӣ мешавад;

6) аз ҷиҳати сохтори вонамудкунонӣ дар осори моддии ҳодиса дар якҷоягӣ бо рафтори дахлдор ва додани маълумоти бардурӯғ [15, с. 130].

Вобаста ба меъёри интихобшуда дар таснифи мафҳуми вонамудкунонӣ кӯшишҳои муфаттиш метавонад ба интихоби роҳи муносиби (оптималии) тафтиши муайяни ҷинояти дорои хусусиятҳои вонамудкунона равона карда шавад.

Бояд қайд кард, ки вонамудкунонӣ аз нуқтаи назари

ҷанбаи криминалистикӣ муҳим арзёбӣ гардида, он усули содир кардани ҷиноятеро нишон медиҳад, ки мувофиқи қоидаҳои қабулшуда низоми амалиёти омода кардан, содир кардан ва пинҳон кардани ҷиноятро таҳти мафҳуми ягонаи ҷинояткорӣ ифода мекунад [120, с. 583].

Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми вонамудкунонӣ дар соҳаи криминалистика мо метавонем равандеро дарк намоем, ки дар ин раванд ҷинояткор як қатор далелҳои ғайривоқеиро ба таври сунъӣ ба миён оварда, онҳо дар якҷоягӣ вазъи умумии ҳодисаи муайянро инъикос менамоянд. Мақсади ин амали ғайриқонунӣ тасдиқи ҳолати бардурӯғи аз ҷониби ҷинояткор бамиёномада мебошад, ки дар муайян кардани сабабҳои ҷиноят, хусусият ва ҳолати ҳодисаи тафтишшаванда душворӣ пеш меоранд [126, с. 192].

Моҳияти ба миён овардани вонамудкунониро дар ҷиноятҳо ҳамеша ба таври сунъӣ эҷод кардани аломатҳои моддӣ ташкил медиҳанд. Шахс ҳангоми эҷоди вонамудкунонӣ ҷойи воқеаро тавре тағйир медиҳад, ки ҷузъиёти асосии воқеаи баамаломада диққати муфаттишро ба худ ҷалб намояд ва дар ин асос ӯ ба чунин сурат гирифтани ҳодиса эътимод пайдо кунад. Вобаста ба ин, роҳҳои ба миён овардани вонамудкунониҳо метавонанд ба таври зерин бошанд:

1) ба таври сунъӣ тағйир додани маҳалли ҳодисаи муайян;

2) тағйир додани баъзе унсурҳои вазъияти мавҷуда дар маҳалли ҳодиса (тағйири ҷойи ашёҳо, нест кардани пайи ҷинояткор ва ғ.).

Вонамудкунониро бо мақсади рӯйпӯш кардани куштор аз амали шахсоне, ки аввал ҷасадро ёфтаанд ва бо сабабҳои гуногун вазъиятро тағйир додаанд (масалан, ҳангоми кӯшиши расонидани кумак, хоҳиши ифшо накардани далели худкушӣ ва ғ.) фарқ мебояд кард. Дар ин маврид, эҳтимолияти ба вуҷуд омадани ҳолатҳои гуногун имконпазир буда, вонамудкунониҳо дорои хусусиятҳои хос мегарданд, яъне шахси гунаҳкор барқасдона ба ҳолати ҳодисаи рухдода дидаю дониста тағйирот ворид месозад ва метавонад даъво кунад, ки он тасодуфан ё аз хунукназарӣ рух

додааст. Аз ин рӯ, гуфтаҳои ин гуна шахсон бояд бодиққат тафтиш карда шавад.

Фаъолияти ҷинояткор раванди вонамудкунониро ба се марҳилаи алоҳида табдил медиҳад:

1) вонамудкунонии тасаввуротӣ – ташаккул додани тасаввурот дар зеҳни субъект оид ба вазъияте, ки ӯ мехоҳад бо мақсади пӯшонидани ҷинояти содиршуда эҷод кунад;

2) иҷрои нақша, дар амал татбиқ намудани он дар шакли вонамудкунонӣ;

3) омодасозии далелҳо дар асоси далелҳои муқаррарнамудаи муфаттиш [163, с. 32].

Барои равшанӣ андохтан ба ин раванди мураккаби ҷиноятӣ бояд ҳар яке аз марҳилаҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем. Ҳамин тавр, дар марҳилаи якуми фаъолияти зеҳнӣ ҷинояткор аз ҳамаи усулҳои маълум он усуле, ки мувофиқи ҳолат воқеӣ ба ҳисоб меравад, интихоб намуда, ин ҳолат хусусияти криминалӣ надоранд.

Марҳилаи дуюм – амалисозии нақшаи ҷиноятӣ, моҳиятан раванди мураккабнизом буда, он талошҳои руҳӣ ва ҷисмонии шахсро талаб мекунад, ки бояд ба усулҳои роҳандозишуда мувофиқ гардонида шавад, аммо ин усул на ҳамеша ба таври дилхоҳ амалӣ карда мешавад. Дар ин раванд монеаҳои гуногун ба амал омада метавонанд, ки ба иҷрои нақша халал мерасонанд. Дар ин раванд шахс водор мешавад, ки усули вонамудкунониҳоро тағйир диҳад; аксар вақт ҳолатҳое ба миён меоянд, онҳоро наметавон иҷро кард ва ё қисман метавон онҳоро амалӣ кард. Марҳилаи сеюм – омода кардани далел барои тавзеҳи эҳтимолӣ дар ҳолатҳои ба миён омадани шубҳа (фиристодани мактубҳо аз номи шахсе, ки гӯё ба дигар ҷой рафтааст, аммо дар асл кушта шудааст), инчунин таҳияи рафтори ғайрисамимиро талаб мекунад, инчунин вонамудкунониҳо дар рафтори шахси дахлдор, ки беэътиёна буда, хусусиятҳои таассуфу талафотро фарогир мебошад.

Бо дарназардошти сохтори унсурҳои хусусиятҳои криминалистикии

кушторҳое, ки таҳти вонамудкунонии худкушӣ шудаанд, метавон хулосагирӣ намуд, ки дар таснифи ин намуди ҷиноят ба инобат гирифтани унсурҳои зерин муҳим ба шумор меравад:

а) усулҳои содир намудан ва пинҳон доштани ҷиноят;

б) механизми дарки изшиносӣ (тасаввуроти умумӣ дар бораи осори ҷиноят);

в) маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор;

г) маълумот дар бораи хислатҳои шахси ҷабрдида ва робитаи ӯ бо ҷинояткор.

Чунин ҷузъиёти тавсифи криминалистикӣ на танҳо ба ин гурӯҳи куштор хосанд, балки барои тафтиши онҳо муҳим ба ҳисоб меравнд.

Ҳамчун як роҳи пинҳон кардани ҷиноят дар куштор чун омилҳои вонамудкунониҳоро метавон номбар кард:

1) вобаста аз вонамудкунониҳо дар ҷойи ҳодиса:

а) муҳити ба таври сунъӣ ба вуҷудомада дар ҷойи содир намудани ҷиноят, ки тавассути таҳайюлот ва маълумоти бардурӯғ аз ҷониби шахсе, ки ин муҳитро ба вучуд овардааст, амалӣ гардад;

б) муҳити ба таври сунъӣ бавуҷудомадаи маҳалли ҳодисаи дахлдор, ки хусусияти ҷиноятӣ надошта, он метавонад ба рафтори минбаъдаи эҷодкарда ва маълумоти бардурӯғи шахси ин муҳитро таъсисдода алоқаманд бошад;

2) аз рӯйи дараҷаи душворӣ:

а) вонамудкунонии оддие, ки то дар ҷузъиёти он омилҳои муҳим сарфи назар шудаанд ва бо дарназардошти ин, чунин намуди ҷиноятҳо ба осонӣ фош карда мешавад. Ин ҳолат вақте рӯй медиҳад, ки куштор бо қасди ногаҳонӣ, бидуни омодагӣ анҷом дода мешавад;

б) вонамудкунониҳои мураккаб, яъне пешакӣ андешидашуда, ки усули мураккаби кирдори ҷинояткорро ифода мекунад ва ифшои он таҷрибаи муайян ва мавҷудияти воситаҳои махсуси техникиро талаб мекунад [163, с. 32].

Ин раванди мураккабнизоми ҳуқуқӣ ҳамеша диққати олимони соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Масалан, А. Светличий чунин мешуморад, ки «интихоби усули пинҳон доштани ҷиноят, монеъ шудан ба гирифтани маълумот аз ҷабрдидагон ва шоҳидон, интихоби маҳал ва вақти ҷиноят бевосита таъсир мерасонад. Онҳо тавре интихоб карда мешаванд, ки шоҳидони содир кардани ҷиноят мавҷуд набошанд ва ягон омили тасодуфӣ ба иҷрои нақшаи ҷиноятӣ монеъ нашавад» [159, с. 118].

Дар марҳилаи ибтидоӣ ин омилҳо бояд муқаррар карда шаванд: 1) будан ё набудани осори шахси дуюм дар ҷойи ҷиноят – осори муқобилият дар бадани фавтида, инчунин осори муқобилият дар ҳолати баамаломада, инчунин далолат аз ҳузури шахси бегона дар ин ҳодиса, масалан, парешонии ашёҳо, ҷевонҳои кушода, осори кофтукови онҳо; 2) хусусият ва ҳолати зарар, инчунин имконияти расонидани зарари бевосита аз ҷониби ҷабрдида ба худ; 3) усул ва объекти кирдор ва макони он, масалан, агар худкушӣ бо тирпарронӣ аз таппонча рух дода бошад, пас ин ашё бояд дар ҷойи ҳодиса бимонад; 4) мувофиқат кардан ва ё номувофиқ будани ҷароҳатҳо ба сабабҳои марг, масалан, марҳум аз бом ба поён афтидааст, вале дар гардани ӯ осори буғӣ кардан пайдо шудааст; 5) ҳолатҳои тағйири макони ҷисми шахси фавтида, масалан, ҳангоми тирандозӣ тағйири ҳолати истодани ҷисми шахси фавтида дар рӯйи замин ва мавҷудияти изи кашолакунӣ; 6) мувофиқат ва ё номувофиқатии доғҳои ҷасад ва макони ҷисми шахси фавтида вобаста ба ҳолати баамаломада; 7) мавҷудият ва ё набудани нома дар бораи худкушӣ ё дигар иттилооту ишораҳо, андешаи худкушӣ, масалан, тафтиши мукотиба дар шабакаҳои иҷтимоӣ ё паёмҳо, аксҳо, видео ва сабтҳои аудиоӣ; 8) маълумот дар бораи шахси фавтида, ки барои муайян кардани майлҳои худкушӣ мусоидат мекунад ва ё баръакс онро рад мекунад. Ба андешаи олимони соҳа, ин раванд бояд ба таври муфассал ва дақиқ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирад [58, с. 83; 18, с. 45]. Дар ин асос, ин равандро вобаста ба аломатҳои он низ бояд тасниф кард.

Аломатҳои асосии вонамудкуниҳои худкуширо ба таври зайл метавон тасниф намуд:

а) мавҷуд набудани курсӣ, ки дар зери ҷасаде, ки худро дор кашидааст ва пойҳояш ба фарш ва замин намерасанд; б) мавҷуд набудани осори вазн дар хоки зери поя; в) пойафзоли тозаи шахси фавтида, ки ба дор кашида шудааст (ҷуроб ва ё бо пойи урён), дар сурати ғализии макони ҳодиса; в) резиши уфуқии хун ва зардоб аз ҷисми осебдидаи ҷабрдида; г) мавҷудияти аломатҳои шубҳаовар дар банди шахси овехташуда; д) дар гардани фавтида дар баробари осори ресмон мавҷудияти изи фишори дастӣ ва осеби атрофи даҳону бинӣ; е) мавҷудияти ожангҳои сунъӣ дар гардани ҷабрдида; ё) мавҷудияти захм дар дасти ҷасаде, ки таппонча дорад, нишонае аз тири худи фавтида (изи харошидан, резиши хун, осори ҷоришавии луоб аз мағзи сар ва ғ.); ж) ҷароҳатҳои ҷисмонии ҷабрдида, ки аз худмуҳофизатӣ далолат медиҳад (ҷароҳатҳои дастҳо ва ғ.); з) расонидани зарар бо силоҳе, ки барои худкушӣ хос нест (табар ва ғ.); и) ҷароҳатҳои дохилии ҷисм дар об (агар шахси манфиатдор дар бораи худкушӣ бо роҳи ғарқшавӣ шаҳодат диҳад); й) мавҷудияти гиреҳи шубҳаовар дар ресмоне, ки ҷасад дар он овезон буд; к) дар дастони шахси гумонбар мавҷудияти ожангу гардҳо, ки онро метавон дар ресмони шахси овехташуда мушоҳида метавон кард; қ) мавҷудияти осор ҳангоми берун кашидани ҷасад тавассути тиреза, даҳлез ва ё таҳхона; л) аз номи шахси фавтида навиштани мактуби вонамудкунона дар бораи қасди худкушӣ; м) мавҷудияти далели дар бораи он ки ҷабрдида шахси хушахлоқ буда, саломатии хуб ва дар оянда нақшаҳои зиёд дошта, ҳеҷ гоҳ нияти худкушӣ накардааст; н) бо ташхиси тиббӣ ва ё муоинаи комплексии тиббию криминалистикӣ муқаррар намудани он, ки ҷабрдида имкони ба худ расонидани захмҳои дар ҷасаддоштаро надошт; о) бо муоинаи тиббӣ муқаррар намудани номувофиқатӣ байни гиреҳҳои ҳалқаи ресмон, ки ҷабрдида овехта шудааст; п) бо роҳи муоинаи тиббӣ муқаррар намудани ожангҳо баъди марг; р) дар асоси муоинаи тиббӣ муайян кардани он, ки марг натиҷаи ҳарорати баланд нест.

Ҳангоми вонамудкунониҳо дар худкушӣ субъектҳо кӯшиш мекунанд, ки аз ҳолатҳои худро ба дор кашидан, корд задан, захмбардорӣ аз тирпарронӣ, афтидан аз баландӣ, қасдан заҳролудшавӣ ва ғ. моҳирона ба манфиати худ истифода намоянд [48, с. 210].

Ҳангоми дарёфтани ҷасад (ки дар назари аввал аз худкушӣ далолат медиҳад), аввалин омил ин муайянкунии вонамудкунониҳо дар худкушӣ мебошад. Ин раванд туфайли санҷиши ҳамаҷонибаи макони ҳодиса ва ҳолати ҷасад имконпазир аст, ки дар он аломатҳои хос метавонанд асли воқеаро ифшо намоянд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои зиёди ин мафҳуми ҳуқуқӣ В.В. Семеногов усулҳои зерини вонамудкунониҳои худкуширо ҳангоми одамкушӣ муайян мекунад:

1) ба дор овехтан;

2) бо истифода аз силоҳи оташфишон;

3) бо истифода аз ашёҳои ғайриоташфишонӣ;

4) ғарқ шудан;

5) сӯзондан;

6) заҳролудшавӣ;

7) афтидан аз баландӣ [82, с. 59].

Ҳар яке аз усулҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

Агар ба дор кашидан бо роҳи буғӣ кардан ва ё овехтан анҷом дода шавад, ҳангоми азназаргузаронии ҷасад ба натиҷаи муоинаи аломатҳои сар ва гардан, инчунин азназаргузаронии чуқурии буғӣ, ҳалқа ва маводи ҳалқа (арғамчин, ресмон) диққати ҷиддӣ бояд дод. Баъзан, вобаста ба намуди ҳалқа ва тарзи бофтани гиреҳҳо, метавон хулоса кард, ки онҳо на танҳо аз ҷониби шахс ба кор бурда шудааст, балки ин раванд аз малакаҳои касбии ҷинояткор далолат медиҳад. Дар ин маврид, инчунин ба мавҷудияти аломатҳои муқобилият нишон додан, тарзу усул ва макони васлшавии ришта ва изи ҷоришавии хун ҳангоми аз ҷониби шахси гунаҳкор кашида бурдани ҷасад

бояд диққат дод. Барои муоинаи минбаъда ҳалқаи гардан ва гиреҳҳои он бояд нигоҳ дошта шавад [64, с. 11].

Ҳангоми буғӣ кардан ва баъдан овехтани ҷабрдида, бо тақлид ба худ овехтан бояд ба мавҷудияти аломатҳои хос, аз ҷумла: 1) мавҷуд будани осори буғӣ кардан бо даст (ожангҳо, шаклҳои мудаввар); нишони доғҳо дар гардани ҷабрдида ҳангоми бо даст буғӣ кардан); 2) ошкор намудани харошиданҳо, захмҳо дар атрофи бинии ҷабрдида ва аломатҳои дигаре, ки дар натиҷаи баста шудани роҳи нафаскашӣ боиси марг гардидаанд; 3) доғҳои ҷасад, хун ва дигар аломатҳо, ки ба ҳолати ҷасад истодан мувофиқ нестанд; 4) номувофиқатӣ миёни ҳалқаи ресмон ва изи он дар гардан; 5) дар гардани марҳум мавҷуд будани изи чуқури уфуқӣ; 6) аломатҳои шубҳаовар дар ҳалқаи ресмон ва макони он; 7) мавҷудияти якчанд аломати шубҳаовар дар мавриди буғӣ кардан; 8) тозагии дастони ҷабрдидаро дар ҳолати ғализии ҳалқаи овехташуда; 9) набудани масофаи зарурии байни поя ва ҷасад; 10) набудани осори лой дар пойафзол ва ё пойи шахси овехташуда, бо вуҷуди он ки гирду атроф бо лой пӯшонида шудааст; 11) номувофиқатӣ мавриди навиштани нома дар бораи худкушӣ ва ё аз ҷониби шахси дигар бо хати ҷабрдида навишта шудани чунин номаи вонамудкунонӣ; 12) мавҷудияти аломатҳои муқобилият дар ҳуҷра, дар ашёҳои макони ҳодиса ва дар ҷасад [67, с. 106].

Дар мавриди вонамудкунонии худкушӣ бо истифода аз силоҳи оташфишон бояд ба чунин ҳолатҳо, аз қабили имкони тирпарронӣ аз силоҳи дар ҷасад ёфтшуда, имконнопазирии тирпарронии беихтиёрона, номутобиқатии миёни осори тирпарронӣ дар ҷасад, ки бояд ҳангоми истифодаи силоҳ аз ҷониби шахси қасди худкушидошта ба амал меоянд, диққат дода шавад [63, с. 142].

Ҳамин тариқ, ҳолатҳои зерин ба ошкор кардани куштор бо истифода аз силоҳи оташфишон, ки ҳамчун худкушӣ анҷом дода шудаанд, мусоидат мекунанд: «1) дар ҷойи ҳодиса мавҷуд набудани силоҳ ва ё мавҷудияти он дар

ҷое, ки ҳангоми амали худкушӣ бояд намебуд; 2) дар ҷасад мавҷуд набудани аломатҳои тир аз масофаи наздик; 3) имконнопазирии расонидани зарари ҷисмонии фавтида ба худ дар он қисми бадан, ки пайдо шудааст; 4) муқаррар намудани парронида шудани тири дар ҷасад ёфтшуда аз аслиҳае, ки дар ҷойи ҳодиса буд; 5) номувофиқатии ҳолати силоҳ ва ҷойи ҷасад далолат аз он медиҳад, ки тир аз ҷониби шахси дигар парронда шудааст; 6) дар ҷойи ҳодиса мавҷуд набудани тирҳои (патронҳои) истифодашуда (истифодаи патронҳои калибри дигар); 7) мавҷудияти ду тир, ки ҳар кадоми онҳо марговар буданд ва ғ.» [64, с. 13].

Баррасии силоҳи ошкоршуда дар рафти тафтишот аҳаммияти калон дорад. Ҳангоми таҳқиқот, силоҳ бояд бодиққат ва дақиқӣ мавриди омӯзиш қарор гирад ва ҳолатҳое, ки метавонанд нишонаҳои як худкушии сохташударо нишон диҳанд, бояд сабт шаванд. Ба ин ҳолатҳо шомил мегарданд: а) ҳузури масофаи назаррас байни осори тир ва силоҳи оташфишон, ки эҳтимолан дар дасти ҷабрдида қарор дошт; б) ҳолати бехатарии кулангии силоҳ; в) дар тирдони силоҳи ғайриавтоматӣ ва худкор пурра мавҷудияти тирҳо (патрон) ва вобаста ба хусусияти худ захми бардоштаи ҷабрдида иҷрои амалҳои фаъолро пас аз тирпарронӣ истисно мекунад; г) дар мили силоҳи оташфишон набудани маводи тирпарронӣ, вале мавҷудияти равған; ғ) масофаи тир ва дарозии аслиҳа дар сурати набудани воситаҳои ёрирасон пахш кардани куланги силоҳи оташфишонро имконпазир мегардонад; д) номувофиқатии байни андозаи сӯрохии бадан ва сӯрохии мавҷудаи аслиҳаи истифодашуда, ки дар ҷойи ҳодиса ёфт шудааст; е) тири аз ҷасад пайдошуда гӯё аз силоҳи барои худкушӣ истифодашуда парронда нашудааст; ё) дар дасти фавтида маводи тирпарронӣ мавҷуд нест [152, с. 200].

Чор ҳолати номбаршудаи охирро танҳо бо ёрии мутахассисон ва коршиносон метавон муайян кард. Вонамуд кардани худкушӣ, ки бо истифода аз корд содир шудааст, хусусан дорои хусусиятҳои хос мебошад. Дар ин маврид, ҳангоми азназаргузаронии макони ҳодиса ва ҷасад,

аломатҳое ошкор мешаванд, ки эҳтимолан ба вонамуд кардани куштор ишора мекунанд, ки ба монанди: 1) буридани дастони фавтида, ки метавонад нишонаи муқовимат бошад; 2) ҳузури осорҳои мушаххасе, ки ба муқовимати ҷабрдида ишора мекунанд; 3) ҷойгиршавии ҷароҳатҳо, ки мувофиқи маҳалли онҳо ҷабрдида наметавонист ин зарарро ба худаш расонад; 4) ду ҷароҳат, ки ҳар кадоме тибқи хулосаи коршинос марговар мебошанд; 5) пайдо шудани изи ангуштҳо дар аслиҳаи тирдор, ки ба шахси дигар тааллуқ доранд; 6) набудани осори пошхӯрии хун дар дастони ҷабрдида, ки бояд ҳангоми расонидани зарар ба худ барҷаста мешуданд ва дигар аломатҳо [64, с. 15].

Ҳангоми таснифи аломатҳои худкушӣ бо роҳи вонамудкунонӣ, баррасии ақидаҳои олимон метавонанд гуногун бошанд. Масалан, И.Ф. Герасимов муҳиммияти аломатҳои зеринро дар мавриди чунин намуди куштор таъкид мекунад: а) дар соҳили обанбор мавҷуд будани осорҳои кашолакунии ҷасад, либос ё пойафзоли фавтида; б) мавҷуд будани захмҳо дар кафи даст, ки ба амалҳои худмуҳофизатӣ тааллуқ доранд; в) шиносоӣ бо аломатҳои муқобилият дар ҷое, ки эҳтимолан шахс аз баландӣ ба об афтодааст; г) чуқурии дарё ё кӯл дар ҷойи нишондодашударо, ки нисбатан кам буда, марҳум метавонад осон шино кунад ва ба осонӣ аз он барояд; ғ) азназаргузаронии ҷасад, ки осебҳо ва изи зарба ё захмҳои зиёд доранд, ки наметавонанд дар натиҷаи ғарқшавӣ ба амал оянд.

Ба ғайр аз нишонаҳои зикршуда, дар рафти экспертизаи судӣ-тиббӣ аксар вақт маълум мешавад, ки ҷабрдида пас аз марг ба об партофта шудааст.

Вақти муайян кардани ҳолати заҳролудшавӣ, чунин ҳолатҳо ба назар мерасанд: 1) муайян кардани сабаби марг, ки дар натиҷаи таъсири миқдори зиёди моддаҳои заҳролуд ба бадани ҷабрдида сурат намегирад; 2) имконнопазирии марг дар натиҷаи миқдори муайяни моддаҳои заҳролуд, ки дар ҷабрдида ошкор шудааст [82, с. 59].

Одатан, моддаҳои заҳролуд ба маводҳои спиртӣ, доруворӣ, маводи мухаддир ё ғизо омехта карда мешаванд. Ин гуна омехтаҳо, ки ба нӯшокиҳои

ҷабрдида, ки аксар вақт аз ҷониби ӯ истифода мешаванд, як роҳи маъмули ташкил кардани марги табиӣ ба ҳисоб мераванд.

Аммо дар чунин ҳолатҳо, нишонаҳои заҳролудшавии аниқ вуҷуд доранд ва ба онҳо таваҷҷуҳи махсус бояд дод, вақте ки пурсиши шоҳидон ва экспертизаи судӣ-кимиёвӣ гузаронида мешавад. Нишонаҳои марбут ба заҳролудшавӣ метавонанд чунин бошанд: «1) осори рангпаридагӣ дар рӯйи марҳум; 2) нишонаҳои араќи сард ва рагкашиҳо; 3) осеби меъда; 4) дарди шадиди шикам; 5) тангшавии мардумаки чашм; 6) бӯйи моддаи заҳролуд аз даҳони ҷабрдида» [169, с. 208].

Баъзан кушторҳо тавассути эҷоди ҳолатҳои вонамудкунонӣ, ки гӯё ҷабрдида аз баландӣ афтидааст, ташкил карда мешаванд. Аломатҳои хос барои шубҳа намудан ба чунин гуна кушторҳо метавонанд чунин бошанд: 1) фосилаи бузург байни ҷасад ва қисми берунии объект (масалан, девори бинои истиқоматӣ), ки гӯё ҷабрдида аз баландӣ афтидааст; 2) номувофиқатии усули худкушӣ бо таъсири афтидан аз баландӣ ва хусусияти ҷароҳатҳо (масалан, мавҷудияти захм дар фарқи сар, ки натиҷаи зарба бо ашёҳои ғайритеғдор аст, ки аз ҷароҳатҳое, ки дар натиҷаи афтидан ба вуҷуд меоянд, фарқ мекунанд); 3) нишонаҳои бархӯрд ё муқовимат дар ашёҳои минтақае, ки ба назар мерасад ҷабрдида дар он ҷо афтидааст; 4) далелҳои шоҳидон, ки худкуширо зери шубҳа мегузоранд [156, с. 75].

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, яке аз вазифаҳои асосӣ дар чунин вазъият муайян кардани мавҷудияти осори вонамудкунониҳо дар худкушӣ, инчунин мазмун ва самти чунин навъи ҷиноят мебошад.

Муфаттиш метавонад вонамудкунониҳоро дар асоси чунин омилҳо муайян кунад:

• мавҷудияти изҳо, ки ҷинояткор тасодуфан нест накарда, онҳо нишонаҳо ва натиҷаҳои куштори содиркардаи ӯ мебошанд;

• ба таври зиёд нишон додани хусусиятҳои ғайритабиии осорҳо ва ашёҳое, ки бо сабабҳои дигар ба марги фавтида ишора мекунанд;

• осор ва ашёҳо, аломатҳо ва ҳолатҳое, ки сабабу ҳолати марги ҷабрдидаро тибқи нишондиҳандаҳои хешовандони фавтида инкор мекунад ва ин аз вазъи умумии ҷойи ҳодиса бармеояд;

• имконнопазирии иҷрои амалҳое, ки ба фавтида нисбат дода мешаванд;

• ихтилофот дар шоҳидии шахсони манфиатдор дар бораи сабабҳои аслии марги ҷабрдида [156, с. 75].

Дар байни чунин ҳолатҳои манфӣ дар кушторҳои вонамудкунона омилҳои зерин метавонанд, нишон дода шаванд:

• тағйироти муҳит дар ҷойи ҷиноят;

• мавҷудияти аломатҳои муқовимат, аз ҷумла нишонаҳои худмуҳофизатӣ дар бадани ҷабрдида;

• аломатҳои тағйир додани ҷойи ҷасад дар макони марг;

• номувофиқатии мавқеи доғҳои ҷасад ва ҳолати он;

• хусусияти ҷароҳатҳои ҷасад, ки бо усул ва ҳолатҳои куштор, ки дар нишондодҳои хешовандони фавтида омада, мувофиқат намекунад;

• номувофиқатии вақти марги фавтида, ки ҳангоми муоина ошкор шудаанд [137, с. 118].

Хусусияти асосии ин ҳолатҳои манфӣ дар он аст, ки онҳо шаклу мазмуни овардашударо инкор мекунанд, яъне як далел дар як мавриде хусусияти манфӣ дошта, вале ҳамзамон метавонад, далели дигареро тасдиқ кунад. Ҳангоми тафтиши парвандаҳои куштор, ки бо роҳи вонамудкунонӣ амалӣ гардидаанд, муфаттиш дар ҷараёни амалиёти тафтишотӣ усулҳои махсусро истифода мебарад, ки онҳо барои муайян кардани куштор самаранок мебошанд. Ба ин мақсад, усулҳои зерин метавонанд дар раванди муайян кардани аломатҳои вонамудкунониҳо истифода шаванд:

• Мушоҳида (изҳо, ҳодисаҳо, омилҳо), ки бо ёрии он маълумот дар бораи ҳодисаи рӯйдода ҷамъоварӣ мешавад.

• Усули таҳлилу баррасӣ (изҳои инфиродӣ, рафтори шахсони мушаххас ва ғ.).

• Муайянсозии усулҳои рӯйдоди ҳодиса дар асоси маълумоти ҷамъовардашуда ва баровардани хулосаи муҳим.

• Тафтиши фарзияҳо, яъне тафтиши мувофиқатии хулосаҳои тахминӣ бо далелҳои воқеияти объективӣ [37, с. 113].

Ин усулҳо ҳангоми амалиёти тафтишотии ибтидоии бо ҳам алоқаманд истифода мешаванд. Ин раванд ба самарабахшии фаъолияти муфаттиш дар зинаи ибтидоӣ, ки ба муқаррар намудани сабаб ва ҳолатҳои аслии марги ҷабрдида нигаронида шудааст, заминаи мусоид фароҳам меорад.

# БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ТАФТИШИ БА ХУДКУШӢ РАСОНДАН

## 2.1. Хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо аломатҳои худкушӣ

Ҳар як тағйироти баамаломада дар муҳити атроф аз худ осори ашёӣ мегузорад. Ба ин қатор осори ҷиноятро низ метавон дохил намуд. Ошкор намудани тағйироти криминалии ҳолати ашёҳо ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса имкони дарки механизми пайдоиши изҳо, алоқамандии онҳо бо объектҳои ошкоршуда ва ошкорсозии шахсони дар ин ҳодиса иштирокдоштаро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса яке аз омилҳои муҳимтарин ва зинаи ибтидоии тафтишот ба ҳисоб рафта, тамоми рафти тафтишоти ҷиноятӣ ба он алоқамандӣ дорад [55, с. 3].

Бо қабули қонунгузории нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 дар илми ҳуқуқшиносии муосир бори дигар ба фаҳмиши илмии ташкил, роҳу равиш ва усулҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса диққати асосӣ равона гардид [192].

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса амали асосии тафтишӣ ҳангоми санҷиши хабар дар бораи ҷиноят мебошад. Дар мавриди ошкор шудани ҷасад санҷиш ҷараёни мураккабро фаро гирифта, муфаттиш бояд барои тасдиқи асли воқеа диққати худро ба чунин фарзияҳои асосӣ равона намояд: одамкушӣ (ба шакли оддӣ ё касбӣ) ва ё ба худкушӣ расондан, аз беэҳтиётӣ ба марг расондан.

Ин ҳолат дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамеша мариди таваҷҷуҳи олимони соҳа қарор дошт. Ба таври мисол, Р.С. Белкин усул ва технологияи тафтиширо ба назар гирифта, намудҳои зерини онро муайян менамояд: «аз назар гузарондани ҷойи ҳодиса; азназаргузаронии ҳолати берунии ҷасад дар ҷойи пайдошудаи он; азназаргузаронии объектҳо; санҷиши санадҳои мавҷуда; азназаргузаронии ҳайвонот дар ҷойи ҳодиса; азназаргузаронии майдонҳо ва биноҳое, ки ҷойи ҳодиса ба ҳисоб намераванд. Намуди махсуси азназаргузаронӣ ин шаҳодаткунонии шахс, яъне азназаргузаронии ӯ

мебошад» [9, с. 551].

Андешаи олимонро дар баррасии ин масъала гуногун метавон дарёфт. О.В. Меремянова қайд менамояд, ки «асос барои гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса зарурати гирифтани маълумот дар бораи ҳолатҳои ҳодисаи рухдода (ошкор кардани осори ҷиноят, муайянсозии вазъият дар ҷойи ҳодиса ва ғ.) фаҳмида мешавад, ки ба парванда дахл доранд ва (ё) барои қабули қарорҳои мурофиавӣ ё имконияти ба даст овардани ин маълумот ҳангоми иҷрои он заруранд» [187, с. 19-20]. Мо метавонем ба ин гуфтаи О.В. Меремянова то андозае розӣ бошем, зеро ки дар ин қайди худ олим баъзе омилҳои муҳимро ба назар нагирифтааст. Аввалан, ҳангоми тафтиши ҷойи ҳодиса ашёҳо, ҳуҷҷатҳо, ашёҳое, ки осори ҷиноятро доранд, бояд аз назар гузаронида шаванд. Баъдан, дар мавриди «маълумот» бояд он «маълумоте, ки аз ҷиҳати судӣ басо муҳим аст», ба назар гирифта шавад. Сеюм, муаллиф маълумотеро зикр намекунад, ки он барои фавран оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ имкон медиҳад. Чорум, дар ин андеша иштироки эҳтимолии мутахассис ва истифодаи воситаҳои илмию техникӣ дар ҷараёни тафтиш, инчунин бақайдгирӣ ва баррасии ин раванд пешниҳод карда нашудааст.

Ин раванди мураккабнизомро олимони соҳа ба тоаври гуногун шарҳу тавзеҳ додаанд. И.Р. Лукин дуруст қайд мекунад, ки азназаргузаронии ҷойи ҳодиса заминаи иттилоотиро фароҳам оварда, дар асоси он муфаттиш нақшаи тафтиши ҷиноятро муайян мекунад [54, с. 15]. Дар баробари ин, чунин асос метавонад шахсияти ҷабрдида бошад, ки доштани маълумот дар бораи ӯ барои муайян кардани мавҷудияти шахсони эҳтимолӣ дар одамкушӣ мусоидат намояд. Маҷмуи маълумоте, ки дар натиҷаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва муайян кардани шахсияти ҷабрдида ба даст омадааст, натиҷаҳои беҳтарин дар тафтишот маҳсуб ёфта, он имкон медиҳад, ки дар як вақт таҳлил ва баҳодиҳии тамоми маълумоти ибтидоӣ анҷом дода шавад. Бояд гуфт, ки сатҳи маълумот дар робита ба азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва муайян кардани шахсияти ҷабрдида метавонад гуногун бошад. Бо

дарназардошти ин, дар баъзе ҳолатҳо, базаи иттилоотие, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба даст омадааст, метавонад комилан пурра буда, он аксаран барои ҷустуҷӯи саривақтӣ ва боздошти ҷинояткор мусоидат намуда, дар ҳолатҳои дигар дар ин раванд маҳдудият ба миён омада, ташкили ҷустуҷӯи оперативӣ, роҳандозии чораҳо ва фарзияи тафтишӣ хеле мураккаб мегардад. Дар чунин ҳолатҳо, таваҷҷуҳи муфаттиш ба ҷабрдидагони ҷиноят, муайян кардани шахсияти ӯ, робитаҳои эҳтимолӣ, инчунин сабабҳои содир намудани ҷиноят ва шахсони ба ҷиноят манфиатдор ё гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ нигаронида мешавад. Дар ин маврид И.Р. Лукин бар он андеша аст, ки мукаммалии базаи иттилоотӣ дар ҳар яке аз ин ҳолатҳо аз дараҷаи касбияти муфаттиш, мақсад ва самаранокии татбиқи он далолат медиҳад [54, с. 16-17].

Албатта, ин нуктаи муҳим барои асосноknamoии чунин раванди ҳуқуқӣ, пешниҳоди тавсияҳои ташкиливу методӣ оид ба азназаргузаронии ҷойи ҳодиса арзишманд ба ҳисоб меравад.

Муаллифони дигар муҳиммияти азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро барои муайян кардани хусусият ва шароити ҳодисаи мавриди назар вазифаи аввалиндараҷаи муфаттиш ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса медонанд. Ба таври мисол, Т.С. Анненкова ба ин андеша аст, ки «ҷинояткор дар рафти содир кардан ва пинҳон доштани ҷиноят ба таври ногузир ба ҳолати мавҷудаи ҷойи ҳодиса тағйирот ворид мекунад, дар ин макон ашёҳо ва осори гуногун мегузорад. Аз ин рӯ, ҳолати моддии ҷойи ҳодиса, ки амали ҷинояткорро инъикос мекунад, яке аз манбаъҳои маълумот дар бораи ҳодисаи мавриди назар ва иштирокчиёни он мебошад. Бо дарназардошти ин, қонунгузор ҳангоми таҳияи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ин равияро тарафдорӣ менамояд, ки мафҳуми «муайянсозии ҳолатҳои дигари барои парванда муҳим» дар худ ҳолатҳои гуногуни ҳодиса, аз ҷумла ҳолатҳои ба амал омадани ҳодисаро фарогир мебошад» [179, с. 22-23].

Дар даврони муосир маълумоте, ки дар рафти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба даст омадааст, ҳангоми омодагӣ ва гузаронидани дигар амалҳои тафтишӣ бояд истифода шавад.

Ин масъаларо ба инобат гирифта, Е.Ю. Березутский комилан дуруст қайд мекунад, ки «омӯхтани ҳолати моддии ҷойи худкушӣ бояд танҳо дар доираи амалиёти тактикӣ (криминалистикӣ) гузаронида шавад. Танҳо дар ин ҳолат имкони воқеии пурра омӯхтани ҷойи худкушӣ ва истифодаи маълумоти бадастомада ҳангоми гузаронидани дигар амалҳои тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконпазир мегардад [182, с. 18].

Масалан, дар натиҷаи азназаргузаронӣ муайян карда шуд, ки объекти муоина ҷасади Н.Н. (таваллудаш 1991, миллаташ тоҷик) дар болои мизи дар хона рӯй ба боло, дастону пойҳояш моил ба қадаш хобидааст. Дар вақти муоина дар бадани ҷасад ба ғайр аз уребча (памперс) дигар либосҳо дида намешуданд. Бадани ҷасад нағз инкишоф ёфта, миёнафарбеҳ мебошад. Ҳангоми палмосидани ҷасад баданаш хунук буд. Доғҳои ҷасад дар қисмати қафои бадан ҷойгир буда, дар вақти зер кардан бо ангуштони панҷаи даст нопадид гашта, баъди гирифтани ангушт ҳолати аввалаи худро зуд барқарор мекунанд. Мӯйҳои сари ҷасад сиёҳ, дарозиашон то 60-70 см., милки чашмони ҷасад пӯшида, гавҳараки чашмон доирашакл, қутрашон 0,5 см. Дар ҳар кадомаш ҳангоми ламс кардани устухон ва тағоякҳои бинӣ тағйироти патологӣ дида нашуд. Даҳон пӯшида, забон дар ковокии даҳон дар хати қафои дандонҳо ҷойгир аст. Дар ҷоғи боло дандонҳои 3,4,5 аз рост аз металли зард, дигар дандонҳои ба чашм аён аз они худаш бенуқсон. Аз ковокии даҳон ва сӯрохиҳои гӯшҳо ҷоришавии ягон хел моеъ дида намешавад. Аз сӯрохиҳои бинӣ ҷоришавии моеи зард мушоҳида шуд. Гардани ҷасад мутаносибан ба бадан ҷойгир мебошад. Қафаси сина шакли муқаррарӣ дошта, дар қабурғаҳо, шикам, қафаси сина каме беканор ҷойгир аст [203].

Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар мавриди пайдо шудани ҷасад муфаттиш кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки мавҷудияти изҳоро барои тасдиқи се фарзия пайдо кунад: куштор, ба худкушӣ расондан.

Бо дарназардошти ин се аломат тафтиши ҳодиса ва азназаргузаронии ҷойи он оғоз мешавад. Аз амалияи тафтишот бармеояд, ки аксаран осори ҷиноят ҳангоми тафтиш ба назар намерасанд ва агар вазифаи саривақт ошкор намудани онҳо ба миён гузошта нашавад, ин изҳо ба осонӣ аз мадди назар дур мешаванд. Муайян намудани далели воқеӣ танҳо аз рӯйи нақшаи дуруст амалӣ мегардад. Бо дарназардошти алоқамандии ҷустуҷӯи осори ҷиноятҳо ба аслиҳае, ки боиси қатл шудааст, хусусияти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар асоси ин намуди қатл бозгӯӣ мешавад: овехтан, аз силоҳи оташфишон, асбоби нӯгтез ва ғайра. Дар баробари ин, бо дарназардошти тартиби тафтиш шахси масъул баъзе қоидаҳоро сарфи назар мекунад: ба он изҳое, ки ноаён ба назар мерасанд, бештар таваҷҷуҳ менамояд.

Ин масъала ҳамеша диққати олимони соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Ба таври мисол, В.С. Бурданова қайд мекунад, ин ҳолат дар он мавридҳое низ бояд ба назар гирифта шавад, ки дар муносибати шахсони наздик ва хешовандон бо ҷабрдида сардӣ ба назар расад ва онҳо хоҳони марги ӯ бошанд. Дар сурати ба назар нагирифтани ин далел ҳангоми санҷиш осори зиёди ҷиноятро ошкор наметавон кард [18, с. 41].

Андешаи Е.Ю. Генисаретский низ дар ин маврид қобили қабул мебошад. Ин муҳаққиқ чунин мешуморад, ки «самаранокии амалиёти тактикӣ ҳамчун системаи амалиёти тафтишӣ ва оперативӣ истифодаи самарабахши маҷмуаи иттилооти гирифташуда, бахусус татбиқи ҳадди имконпазири натиҷаҳои амалиёти фаврии тафтишотиро пешбинӣ мекунад. Дар ҳолати сарфи назар кардани баъзе маълумоте, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба даст омадааст, метавонад тамоми раванди тафтишотро бесамар гардонад.

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир ҳолати ба худкушӣ расондан ҳамоно таҳқиқталаб боқӣ мемонад ва дар адабиёти криминалистикӣ ин гуна ҳодиса

ба таври дақиқ инъикоси илмии худро наёфтааст. Дар ошкор сохтани ин раванд усули тафтиши кушитор аҳаммияти аввалиндарача дорад.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳама гуна осор ва ашёро ошкор намуда, муфаттиш оид ба таъини экспертиза қарор қабул мекунад, то фарзияҳои пешниҳодкарда тасдиқи худро ёбанд.

Ба сифати камбудиҳои асосии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки ба санҷиши ҷасад алоқамананд, омилҳои зеринро метавон номбар кард: сари вақт ба ҷойи ҳодиса наомадани ҳайати пурраи тафтишӣ, ки боиси ба даст наовардани маълумоти зарурӣ мегардад; сари вақт бехатариро таъмин накардан дар маҳалли пайдо шудани ҷасад ва ҳифзи изҳои ҷиноят, ки боиси қисман ё пурра нобуд шудани осори ҷиноят ва тағйир ёфтани мавқеи аслии ашёҳо дар ҷойи ҳодиса мегардад; ба сифати шоҳид ҷалб намудани хешовандон ва наздикони шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, ки ба рафти тафтишӣ халал мерасонанд (аз ин рӯ, пешакӣ даъват намудани ин шахсон тавсия карда мешавад); сари вақт роҳандозӣ накардани корбарӣ бо ҳамаи иштирокчиёни азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки ин боиси қисман несту нобуд ва тағйир ёфтани осори ҷиноят, дастгир кардани ҷинояткор аз рӯйи изҳои мавҷуда, инчунин ба вуҷуд омадани осорҳои наве, ки ба ин ҳодиса марбут нестанд, мегардад; вайрон кардани қоидаҳои коркарди осорҳои моддӣ дар маҳалли ошкор шудани онҳо, ки боиси вайрон ва гум шудани далелҳои муҳим ва баъдан ба расмиятчигӣ дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ мегардад; муносибати ғайрикасбӣ ҳангоми азназаргузаронии изҳои мавҷуда, ки ин боиси азбайнравии далелҳои муътамад мегардад ва дар натиҷа тафтишотро ба мушкилӣ рӯ ба рӯ месозад; беэътиборӣ ба ҷузъиёти ҳодиса ҳангоми азназаргузаронии ҷасад; риоя накардани меъёрҳои мурофиавии бақайдгирии объектҳо дар мавриди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки бо гузашти вақт арзиши исботкунии худро аз даст медиҳанд; азназаргузаронии такрории ҷойи ҳодисаро дар рӯзона ба роҳ нагузоштан, ки дар шабона гузаронида шуда буд; маҳдудияти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса

дар маҳалҳои алоҳида, ки ин омил боиси зиёд шудани муҳлати тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ мегардад; набудани натиҷаҳои пешакии осори ҷиноят ва ҷинояткор дар маҳалли ошкор шудани онҳо, ки омил барои кормандони оперативӣ имкони таъқиб ва дастгир кардани ҷинояткорро аз рӯйи изҳои мавҷуда душвор месозад.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса масъалаҳои зерин бояд таҳқиқ карда шаванд:

1. Оё марг дар натиҷаи худкушӣ рух дода буд, сабаби худкушӣ ё ангезаҳои дигар чӣ буд?

2. Қурбонии ин ҷиноят кист, ӯ бо чӣ кор машғул буд?

3. Худкушӣ кай содир шудааст ва дар ин вақт гумонбари ба худкушӣ расондан дар ҷойи ҳодиса қарор дошт?

4. Худкушӣ дар куҷо содир шудааст?

5. Усули худкушӣ чӣ гуна аст ва ҷабрдида аз кадом асбоб истифода бурдааст?

6. Кӣ барои ба худкушӣ расондан сабаб шудааст, чанд нафар дар содир кардани он иштирок кардаанд?

7. Ҷабрдида ба ҷойи ҳодиса чӣ гуна расид?

8. Дар ҷойи ҳодиса аз ҷабрдида чӣ гуна изҳоро метавон пайдо кард ва ё кадом осорҳо дар ин маврид зуд аз байн мераванд?

Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҷасад низ аз назар гузаронида мешавад. Шумораи зиёди муҳаққиқони криминалистикӣ ба масъалаи усули гузаронидани ташхиси берунии ҷасад дар макони ошкоршудаи он таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд [68, с. 50-55]. Дар таҳқиқоти худ ин олимон бештар ба масъалаҳои мансуб ба ҷасади ҷабрдида диққат намуда, маҳз дар ҳамин замина раванди ба роҳ мондани тафтишро ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса муносиб донистаанд, ки онро ба таври зайл метавон тавсиф намуд:

– дар сурати имконнопазирии гузаронидани ташхиси пурраи ҷасад дар ҷойи ҳодиса, азназаргузаронии умумии ҷасад ба таври ҳатмӣ ва дар шакли мукаммал дар мурдахона (морг) гузаронида мешавад;

– баъди ба охир расидани азназаргузаронии ҷойи ҷасад ба шуъбаи экспертизаи судии тиббӣ ё мурдахона барои гузаронидани ташхиси судӣ-тиббӣ фиристода мешавад;

– аксаран азназаргузаронии берунии ҷасад ҳамзамон бо азназаргузаронии ҷойи ҳодиса гузаронида мешавад ва он дар санади ин амали тафтишӣ сабт карда мешавад [69, с. 24].

Ҳангоми тафтиши ҳодисаи худкушӣ, азназаргузаронии ҷасад яке аз муҳимтарин ва мушкилтарин қисми ташхис дар азназаргузаронии ҷойи ҳодиса мебошад. Муфаттиш дар ин раванди мураккаб бояд ба омилҳои зерин диққати асосӣ диҳад:

1. Азназаргузаронии ҷойи ошкор шудани ҷасад, бо нишон додани ду аломати муқарраршуда дар ҳуҷра ё макони он (аз девор, тиреза, хонаву дарахтон ва ғ.).
2. Ҳолати ҷасад.
3. Маълумоти умумӣ дар бораи ҷинс, синну сол, ҷусса.
4. Макони ҷасад.
5. Пайдо шудани ҷасад.
6. Ҳолати сару либос, осори мубориза дар он.
7. Хусусият ва рафъи зараре, ки дар бадани мурда ошкор шудааст.
8. Хусусият ва рафъи зарар дар қисмҳои кушодаи бадани ҷасад.
9. Осори доғи хун ва дигар аломатҳо дар либос ва бадани мурда, миқдор ва дараҷаи онҳо.
10. Ашёҳои дар наздикии ҷасад пайдошуда, изҳои дар онҳо бақайдгирифташуда [68, с. 365].

Ташхиси берунии ҷасад амали зарурии тафтишӣ ҳангоми ошкор намудани ҷасад мебошад. Дар ин маврид, пеш аз ҳама, барои муайян кардани сабаби марг изҳо ва дигар далелҳои шайъӣ ҷустуҷӯ карда мешаванд.

Масалан, азназаргузаронӣ дар шароити равшании табиӣ анҷом дода шуд. Дар натиҷаи азназаргузаронӣ муайян карда шуд, ки ҷойи ҳодиса

манзили истиқоматии шаҳрванд А.Б. буда, дар ҷамоати деҳоти Гулхона, деҳаи Тоҷикобод, кӯчаи Ҳ. Шерозӣ, ҳавлии №11 мебошад. Ҳангоми азназаргузаронии манзили истиқоматии шаҳрванд Абдуллоев Б. муайян карда шуд, ки ҳавлии истиқоматии номбурда бо дарвозаи оҳанини дутабақаи чӯбини рангаш сурхчатоб ба назар мерасад. Ҳангоми даромад ба манзили истиқоматии мазкур аз тарафи дасти рост манзилҳои истиқоматии ёрирасон, аз қабили ошхона, ҳаммом ҷойгир мебошанд. Аз тарафи дасти чап як курсии тахминан 3 ва 4 ҷойгир буда, дар дохилаш тахти кӯрпачаҳо мушоҳида шуда, дар мобайни хонаи мазкур ҷасади ноболиғ А.С. ба назар мерасад. Ҳангоми дидан аз манзили истиқоматии мазкур боз аз тарафи дасти чап як манзили истиқоматии меҳмонхона ҷойгир мебошад. Ҳангоми баромадан аз манзили истиқоматии мазкур аз тарафи поён тахминан дар 2 га майдони кишти зироатҳои гуногун дида мешавад. Инчунин, ҳангоми аз дари манзили истиқоматии мазкур даромадан як адад соат ба назар мерасад, ки дар болои кати кӯрпачаҳои ҳарранга гузошта шудааст. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса муайян карда шуд, ки ҷое, ки ноболиғ А.С. тариқи худовезӣ худкушӣ кардааст, дар паҳлӯи манзили истиқоматии мазкур, манзили истиқоматии бобояш Абдуллоев Р. ҷойгир мебошад. Ҳангоми ба назди манзили истиқоматии шаҳрванд Абдуллоев С. наздик шудан як адад автомашинаи рангаш сафед тамғаи ОПЕЛ мушоҳида карда мешавад.

Дар вақти азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ё ин ки манзили истиқоматии мазкур дар вақти даромадан як адад оғилхона, ки дар дохилаш молҳои калони шохсар ва майдаи шоҳпар мушоҳида карда мешаванд, ки аз суханони хешовандони ноболиғ А.С., ки гӯё дар толори оғилхона даст ба худкушӣ зада, ба ҳалокат расидааст. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҷомадони тафтишӣ истифода бурда шуда, аз ҷомадони тафтишӣ чунин предметҳо истифода бурда шудаанд. Метр барои чен кардани қад ва толори оғилхона истифода бурда шуд. Инчунин, аз ҷомадони муфаттиш дар ҷойи ҳодиса

истифода бурда шуд. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аз тарафи иштирокчиёни он ягон арзу шикоят, даъво ворид нашуд» [205].

Ҷасад бояд мувофиқи дастурҳои умумии криминалистикӣ ва судӣ-тиббӣ аз назар гузаронида шавад. Азназаргузаронии ҷасад бо иштироки ҳатмии коршиноси судӣ-тиббӣ ва ё табиб гузаронида мешавад. Дар ин маврид, пеш аз ҳама, бояд мавқеи ҷасад сабт карда шавад, муайян карда шавад, ки оё мавқеи он тағйир дода шудааст, дар сурати тағйир додани мавқеи ҷасад сабабҳои он бояд муайян карда шавад, бояд аниқ карда шавад, ки оё ҷабрдида пас аз гирифтани ҷароҳати ҷисмонӣ метавонист мустақилона ҳаракат кунад, мавқеи худро мустақилона метавонист тағйир диҳад ва ё ин амалро бо дахолати шахсони дигар анҷом додааст [68, с. 368].

Мавқеи ибтидоии ҷасадро аз рӯйи ҷойгиршавӣ ва дараҷаи доғҳои ҷасад метавон муайян кард. Баъдан, азназаргузаронии ҳамаҷонибаи сару либос, ҳолат ва яклухтии он, дуруст пӯшидани он, дуруст гузаронидани тугмаҳои он, хушк ё тар будани он ва ғ. сурат мегирад. Ҳангоми азназаргузаронии минбаъдаи либос метавон аз пурбин (лупа) барои ҷустуҷӯи зарраҳои ноаён (дар мӯй, қисмҳои растаниҳо, хок, микрозарраҳои дигар) истифода намуд, ки баъди таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи лабораторӣ онҳо чун далелҳои шайъӣ ба парванда ворид карда мешаванд [173, с. 108].

Баъдан, ҳангоми азназаргузаронии ҷасад қисмҳои кушодаи он барои муайян кардан ва ба қайд гирифтани доғҳо ва ҷоришавии хун, самти ҷоришавии онҳо ва мувофиқат ба ҳолати ҷасад мавриди тафтиш қарор дода мешавад. Дар ҳолати мусоид будани обу ҳаво ва ҳолат ҷасадро дар ҷойи пайдошуда барои ташхис метавон урён намуд. Азназаргузаронии ҷасад дар мурдахона низ ба мисли дар ҷойи ҳодиса гузаронида мешавад. Дар ин маврид, зери либоси бадани ҷабрдида ҷароҳатҳое пайдо мешаванд, ки тахминҳоро дар бораи сабабҳои марг тағйир дода, оид ба вонамудкунонии одамкушӣ фарзияҳоро ба миён меоранд, ки ин омил барои муайян кардани самти нави тафтишот асос мешаванд. Ҳангоми даридани либос, ҳар як ҷузъи

мушоҳидашаванда ва ҷайби марҳум бояд бодиққат тафтиш карда шавад, зеро ин як омили муҳим дар тафтиши фарзияи вонамудкунонии одамкушӣ аст (шояд дар ҷайби марҳум мактуби пешазмаргӣ мавҷуд бошад). Ҳамаи ҷайбҳои марҳум бодиққат тафтиш карда мешаванд ва ҳар гуна ашёҳои хурду калон (монанди хока ва маҳлулҳо) бояд эҳтиёткорона мавриди омӯзиш қарор гиранд. Ин ашёҳо дар лифофа ё халтаи махсус гузошта мешаванд ва барои санҷиш ва истифода ҳамчун далелҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Ҳангоми ёфтани ҷасад ба ҳолати ҷасад, шахсияти он, доғҳо, ранги бадан, пӯсиш ва хушкшавии он аҳаммияти махсус бояд дода шавад. Азназаргузаронӣ метавонад чанд соат идома кунад ва дар ин давра, ҳолатҳое, ки дар ҷасад мавҷуданд, метавонанд тағйир ёбанд, аз ин рӯ, ҳамаи тағйиротҳо бояд дар протоколи азназаргузаронӣ сабт шаванд. Инчунин, вазъи обу ҳаво, ки метавонад ба тағйироти ҳолати бадан таъсир расонад, бояд дар назар гирифта шавад. Ҳарорати баланди ҳаво пӯсиши баданро зудтар мегардонад ва хунукшавии баданро суст мекунад, дар ҳоле ки ҳарорати паст баръакс таъсир мерасонад. Ҳангоми муайян кардани вақти марг, ҳарорати ҳаво дар макони ҳодиса бояд ҳатман ба назар гирифта шавад. [149, с. 68].

Захмҳои мавҷуда ва ҳолати чашм бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳамзамон, ковокии гӯш ва роҳҳои нафаскашӣ бояд муайян карда шаванд, ки оё онҳо озоданд, аз онҳо хун ё зардоб ҷорӣ нашудааст, ҳангоми ташхиси сӯрохиҳои бинӣ муайян карда мешавад, ки оё дар он ягон хунравӣ мавҷуд аст ва дар сурати будан ҳолати онро бояд муайян кард. Даҳонро бояд кушод ва ангушти ишоратӣ ба холигии он дохил карда мешавад. Ҳангоми азназаргузаронӣ мавҷудияти бозмондаҳои хӯрок, лахтаҳои хун ва унсурҳои бегона дар даҳон муайян ва ба қайд гирифта мешаванд. Бояд ба назар гирифт, ки ҷабрдида барои дифои худ метавонист ягон қисми бадани ҳамлакунандаро газад, бо дастон харошад, бинобар ин, бояд дар холигии даҳон ва дандонҳо осори онҳоро метавон пайдо кард, ки барои тафтиш

далели шайъӣ ба ҳисоб мераванд. Дар протокол бояд мавқеи забон (оё он паси дандон аст ё берун баромадааст) ва ҳолати нӯги он (оё хушк аст, аломатҳои газидан ва ё осеб диданро дорад) сабт карда шавад [69, с. 28].

Барои муайян кардани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ дар ҷасад пайдарпайии муайянро бояд риоя кард, то ин ки дар ин раванд ҷузъиёти нозук (доғ, ҷойи сӯзандору, изи газиданҳо ва ғ.) сарфи назар нагардад. Азназаргузаронӣ аз сар оғоз шуда, баъд гардан, тан ва дасту пойҳоро муоина мекунанд. Ҳангоми азназаргузаронии осеб қисми бадан ва маҳалли ҷойгиршавии захмҳоро дақиқ бояд нишон дод, шакли онҳо (ҳамвор, гирдшакл, ноҳамвор, печонидашуда ва ғ.), инчунин хусусиятҳои сатҳи онҳо (мавҷудияти зарраҳои хурд дар қаъри захм), гӯшаҳои захм (ҳамвор, ноҳамвор, фурӯрафта, печонидашуда) қайд карда шавад. Ҳангоми ташхиси доғҳои хун андоза, намуди зоҳирӣ ва самти онҳоро бояд нишон дод. Агар дар бадан ҷароҳат надошта бошад, ин дар санади тафтиш қайд карда мешавад [69, с. 28]. Вобаста ба ҳолати вазнинӣ ва хусусияти зарар онро бо изҳои боқимонда бояд муқоиса кард. Масалан, агар шубҳа пайдо шавад, ки рагҳои ҷабрдида бурида шуда бошанд ва дар ҷойи ҳодиса ҷоришавии миқдори зиёди хун ба мушоҳида нарасад, ин ҳолат манфӣ бояд арзёбӣ шуда, омилҳои интиқоли ҷасад ба ҷойи дигар ва расонидани зарар баъди марг бояд мавриди тафтиш қарор гиранд. Мувофиқи он, пинҳон кардани ҷиноят бо роҳи худкушӣ анҷом дода мешавад. Дар ин асос вонамудкунонии одамкушӣ ба таври дақиқ муайян мегардад.

Ҳангоми азназаргузаронӣ анҷом додани амалҳое, ки метавонанд намуди аввала ё хусусияти зарарро тағйир диҳанд, манъ аст. Ин маънои онро дорад, ки дар осеби сабтшуда, аз рӯйи пӯст ва либоси мурда доғҳои хун ва дигар аломатҳоро тоза кардан манъ мебошад [173, с. 109].

Вобаста ба усули ба марг расондан, азназаргузаронии бадан хусусиятҳои хоси худро дорад. Масалан, дар ҳолати осебрасонии ашёи кунд ё буранда, зарарҳои расонидашуда, либос, шакл, андоза, миқдор ва ҷойгиршавии онҳоро бояд бо якдигар алоқамандона санҷида шаванд. Дар ҷараёни

ташхиси захмҳои тир, мавҷуд будани осори гарду чанг ва борутҳои носӯхта бояд қайд шаванд ва дар натиҷа ба теъдоди захмҳо, ҷойгиршавӣ, шакл ва андозаи онҳо диққат дода шавад. Барои ошкор кардани худкушии сохтакорона бо истифода аз силоҳ, муайян кардани масофаи тир ва пайдо кардани патронҳои сарфшуда аҳаммияти махсус дорад. Агар дар масофаи наздик осори тир ва аслиҳаи истифодашуда мавҷуд набошанд, дар чунин ҳолат мавҷудияти чандин захмҳои марговар шубҳаовар ҳисобида шуда, онҳо бояд ҳамчун вонамудкунонии худкушӣ тафтиш шаванд [170, с. 151].

**Хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми ба дор овехтан.** Худкушӣ тавассути ба дор овехтан дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳодисаи маъмулӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин намуди худкушӣ ҷасад аввал дар ҳалқа аз назар гузаронида шуда, баъдан он аз дор озод карда мешавад. Барои дарки воқеият ба гиреҳи ҳалқаи дор диққати махсус медиҳанд, ки он аз амали қурбонӣ ё қотил далолат медиҳад. Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад ба ожангҳои тани ӯ, мавқеи он, ҳолати фурӯрафтаи он, ранг ва дигар хусусиятҳо диққат карда мешаванд. Ҳамин тариқ, мавҷудияти якчанд изи ресмон дар бадан аз худкушии сохтакорона далолат медиҳад. Ҳолати ҷасад ҳангоми ба дор овехтан метавонад гуногун бошад: бо нӯги пойҳояш ба замин расида метавонад, рӯйи замин истода бошад, ҳолатҳои бо зону рост истодан, нишастан ва ҳатто хобидан ба қайд гирифта мешавад [82, с. 86], аз ин рӯ, дар бораи сабабҳои марг пешакӣ наметавон хулоса баровард.

Дар ин маврид як омили дигарро низ бояд ба инобат гирифт, ки ҳангоми ташхиси ҷасад ожангҳо ба назар нарасида, онҳо бо гузашти вақт, пас аз хушк шудани он метавонанд пайдо шаванд. Аз ин рӯ, агар шубҳа дар бораи ҳолати бавуҷудоии марги ҷабрдида ба миён ояд, тавсия дода мешавад, ки азназаргузаронӣ ба таври шартӣ ба таъхир гузошта шавад, зеро ки захмҳои дохилӣ пас аз чанд вақт дар бадани мурда пайдо мешаванд [69, с. 31].

Мавқеи ҷойгиршавии доғҳо дар ҷасад барои дарки марги бо сабаби ба дор овехтан аҳаммияти калон дорад. Дар сурати мавҷудияти доғҳо дар дасту

панҷа метавон хулоса намуд, амали худкушӣ анҷом ёфтааст. Агар ин доғҳо дар пушт ва дигар узвҳои бадан мавҷуд бошанд ва ё онҳо дар дасту пойҳои фавтида барвақттар пайдо шуда бошанд, ин ҳолат аз фаросии марг пеш аз овехтан шаҳодат медиҳад [82, с. 87].

Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки омили он ба дор овехтан бошад, муфаттиш бояд ба чанд савол посух ҷӯяд: оё марҳум метавонист худаш гиреҳро мустаҳкам бубандад ва худро ба ҳалқаи дор андозад. Санҷиши фарзияҳои одамкушӣ ва худкушӣ (аниқтараш, ба худкушӣ расондан) бештар ба ҳалли ин масъала вобаста аст.

Тартиби азназаргузаронии ҳолати марги ба дор овехтан аз он вобаста нест, ки ҷасад то ба ҷойи ҳодиса омадани муфаттиш овезон аст ва ё аз он хориҷ карда шудааст. Дар ин маврид ба ин омилҳо диққат бояд дод: 1) азназаргузаронии сатҳи фарш ё замин ҳангоми наздик шудан ба ҷасад ва зери ҷасад; 2) азназаргузаронии сатҳи берунии либос, пойафзол ва қисмҳои кушодаи бадан; 3) азназаргузаронии ҷойи васлшавандаи банд; 4) азназаргузаронии ашёи мавҷуда дар ҷойи ҳодиса; 5) азназаргузаронии ҷасад; 6) азназаргузаронии ҳалқаи дор; 7) тафтиши ашёҳои макони ҳодиса. Ҳангоми ба дор овехтан баррасии хусусиятҳои тафтиши ҷойи ҳодиса дар асоси таҷрибаи судӣ ба манфиати кор мебошад. Масалан, ҷабрдида ҳангоми дар ҳудуди бошишгоҳи чорводорӣ ба лату кӯб ва таҳқири пайвастаи шарики худ тоб оварда натавониста, дар натиҷаи ин таҳқиру паст задани шаъну шараф ӯ худро дар макони муайян ба дор овехтааст. Марг дар ҷойи худкушӣ дар натиҷаи басташавии роҳи нафас дар натиҷаи фишурдани узвҳои гардан бо ҳалқа рух додааст.

Аломатҳои берунии асфиксия (басташавии роҳи нафас) иборатанд, аз:

1. Сианоз (кабудшавии)-и рӯй, ки одатан дар ин мавридҳо варами гардан мушоҳида шуда, он дар натиҷаи ҷоришавии шадиди хун дар рагҳои бадан ба амал меояд.

2. Пайдоиши босуръати доғҳои сиёҳранги зиёд дар натиҷаи хунравии

дохилӣ (экхимоз). Захмҳои обакӣ ва ранги доғҳои ҷасад аз ҳолати хуни фавтида (нарасидани ҳаво дар он) далолат медиҳанд.

3. Осори хунравиҳоро мушоҳида намудан дар пилкҳои боло ва поёни чашм (экхимозҳои субконъюнктивӣ), ки ҳангоми азназаргузаронии он ба берун гардонидани он дар сатҳи паси онҳо намоён мешаванд. Баъзан чунин хунравиҳо дар рӯй, гардан, қафаси сина ва луобпардаи даҳон низ рух медиҳанд (хунравӣ дар луобпардаи даҳон ва ҳалқ аломати усули Бруардел аст). Ин аломат аз афзоиши якбораи фишори дохили капиллярӣ ва сатҳи баланди ҷоришавиҳо дар девори рагҳо шаҳодат медиҳад.

4. Беихтиёр пешоб кардан, ҷоришавии ахлот.

Аломатҳои пайдошуда дар натиҷаи кашиши мушакҳо ҳангоми ҳолати кашидавии рагҳо. Ҳангоми азназаргузаронии ҷасади занҳо метавон басташавии луобпардаеро пайдо кард, ки он дар натиҷаи кашиши мушакҳо пайдо мешавад.

5. Ба таври оҳиста хунук шудани ҷасад ва шахшавии босуръати дасту панҷаҳо.

6. Бармаҳал ба амал омадани пӯсиши бадан.

Ба дор овехтан – ин як навъи асфиксияи бошуурона мебошад, ки дар он ҳалқаи ба ашё пайвастшуда ба гардан гузошта шуда, ба он вазни бадан ё як қисм партофта мешавад. Дар ҳолати аввал ҷисм озодона дар ҳалқа овезон мешавад, дар мавридҳои дигар ҳолати ҷасад метавонад гуногун бошад (хобида, ҳолати такя кардан, нишаста ва ғ.).

Байни ба дор пурра овехтан ва бадоркашии озод, инчунин ба таври нопурра ба дор овехтан вобаста ба ҳолати ҷасад ва нуқтаи такягоҳи он фарқият ба мушоҳида мерасад. Дар ин маврид аксаран ҳолатҳои ба «зону нишастан», «шакли нимхез», ба замин тавассути зонувон такя намудан ба қайд гирифта мешаванд. Барои фаро расидани марг (асфиксияи марговар) вазни тамоми бадан лозим нест. Барои баста шудани ҳалқаи дор одатан вазни 4 кг кифоя аст. Хурӯҷи хун тавассути рагҳои гардан дар фишори хеле

паст қатъ мешавад, рагҳои хоб ҳангоми маҳкам кардани ҳалқа тавассути вазни то 3-5 кг ва рагҳои сутунмуҳра то вазни 15-20 кг фишурда мешаванд.

Буғӣ кардан бо роҳи пурра ё қисман печонидани гардан бо ҳалқа сурат мегирад. Дар доркашии маъмулӣ ҳалқа, гиреҳ ва бастаи озод мавҷуд буда, он мустаҳкам баста мешавад. Инчунин, дар доркашӣ ҳалқаҳои навъи дигар низ мавҷуданд. Навъи ҳалқа аз рӯйи сохти гиреҳи он муайян карда мешавад. Агар гӯшаҳои гиреҳ дар пушти сар ҷойгир бошад, пас ин намуди маъмулии гиреҳбандӣ дар дор мебошад. Агар он дар пеш ё дар паҳлӯ бошад, онро метавон шакли ғайримаъмулӣ ҳисобид.

Андешаронии олимонро дар ин ҷода гуногун метавон арзёбӣ кард. Ба таври мисол, Е.С. Мишин навъҳои гиреҳро чунин тасниф менамояд:

– гиреҳ аз пеш: фишори асосии ҳалқа дар пеш аст, дар ин маврид бор ба камтар қисмати паҳлӯии гардан меафтад;

– гиреҳ аз пушт: фишори асосии ҳалқа ба пушти гардан равона карда мешавад;

– гиреҳи паҳлӯӣ: фишори асосӣ ба сатҳи паҳлӯи рост ё чапи гардан меафтад (вобаста ба ҷойгиршавии ҳалқа онро метавон бозгӯӣ кард);

– фарогиранда: ҳалқа гарданро аз ҳар тараф фаро мегирад;

– ҳолатҳои дигар (тавассути даҳон, манаҳ ва қисми поёнии лаб ва ғ.) [188, с. 305].

Таснифи мукаммалтарини ашёҳои буғӣ карданро бо дарназардошти хусусиятҳои сохторӣ ва механизмҳои осебрасонии онҳо Ю.А. Молин пешниҳод менамояд [60, с. 28].

А. Ашёҳое, ки аз онҳо ҳалқа метавон сохт ва онҳо дорои чандирии муайян, тобоварӣ ва бандҳои мустаҳкам буда, таснифи ин ашёҳо ба таври зайл аст:

I. Аз рӯйи сохтор:

1) шакли кушода – гиреҳ мавҷуд нест (ресмони сахт, ҳалқаи матрасӣ), гардан дар ин маврид қисман фишурда мешавад;

2) васеънашаванда (мустаҳкам ва беҳаракат) – гардан қисман фишурда шуда, дар ин маврид гиреҳ фарогири гардан ва ё берун аз он ҷойгир аст;

3) лағжанда (халқаҳои ҳаракаткунанда) – ҳалқа гарданро сахт буғӣ мекунад.

II. Аз рӯйи шумораи ҳалқаҳои гиреҳ:

1) дорои як баста;

2) дорои ду баста;

3) дорои чанд баста.

III. Тибқи аз кадом масолеҳ омодашавии дор:

1) сахт (занҷир, симтаноб, сим);

2) то андозае мулоим (арғамчин);

3) нарм (галстук, рӯймол, дастмол ва ғ.);

4) омехта (аз масолеҳи гуногун, бо рӯйпӯши нарм).

IV. Мувофиқи паҳноии ҳалқа:

1) тунук (то 0,3 см);

2) ғафс (то 1 см);

3) васеъ (бештар аз 1 см).

В. Ашёҳое, ки аз онҳо наметавон ҳалқаи дорро сохт:

1) ашёи рӯзгор (дастаҳои мебел, чорчӯбаҳои тиреза, пояҳои зинапояҳо ва ғ.), дар ин маврид сатҳи пеши гардан буғӣ карда мешавад;

2) ашёҳои макони кушода (шаххои дарахт, панҷараҳои девор ва ғ.), дар ин маврид, пеш аз ҳама сатҳҳои паҳлӯи гардан буғӣ карда мешавад.

Дар ҳолати фаворасии марг ҳангоми доркашӣ бодиққат ҳалқаи онро бояд тафтиш кард. Дар баъзе мавридҳо (бо талаби муфаттиш) онро аз гардани мурда мегиранд.

Барои амалӣ гардидани ин раванд усули ба ном Барсегянс Л.О. истифода бурда мешавад: барои нигоҳ доштани гиреҳи ҳалқа онро аз тарафи муқобил бурида, баъдан охири онро тавассути ашёҳои дастӣ метавон маҳкам баст [108].

Дар ин маврид диққати муфаттиш бояд ба усули бастани гиреҳҳои ҳалқа бояд ҷалб карда шавад, зеро гиреҳҳо сервазифаанд (масалан, гиреҳҳои бандҳои баҳрӣ, бофандагӣ ва ғ.). Усули бастани гиреҳ аз дараҷаи касбият далолат медиҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса тағйир додани ҳолати гиреҳи дор, кушодан ва ё бастани он қатъиян манъ аст.

Аломати асосии фарорасии марг ҳангоми ба дор кашидан ин изи банд дар гардан аст – изи ҷойи ҳалқаи дор аз хусусияти он далолат медиҳад.

Ҳангоми ҳодисаи ба дор кашидан азназаргузаронии ҷасад бо тартиби зерин сурат мегирад: 1. Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад сатҳи он, маҳал ва масофаи ба он наздик аз назар гузаронида мешавад. 2. Қисмҳои кушодаи бадани мурда ва сатҳи берунии ашёи мавҷуда дар бадан ташхис карда мешаванд. 3. Ашёи наздик ба ҷасад аз назар гузаронида мешавад. 4. Ҳалқаи дор тафтиш карда мешавад. 5. Азназаргузаронии ҷасад амалӣ мегардад. 6. Ҳолати воқеӣ дар ҷойи ҳодиса тафтиш карда мешавад [59, с. 47].

Ҳангоми тафтиши ин ҳодиса усули иҷрои амал низ аҳаммияти калон дорад. Агар овехтан бо истифода аз ашёи такякунанда, ба монанди курсӣ, сатил, миз ва дигар ашёҳо анҷом дода шуда бошад, бояд ба мавҷудияти изҳо дар рӯйи ин ашёҳо ва мувофиқати пойафзолҳои дар ҷасад ё изи пойҳо диққат дода шавад. Масофаи дуруст байни ҷасад ва ашёе, ки барои овехтан истифода шудааст, мушаххас карда мешавад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки амали овехтан мустақилона иҷро шудааст. Дар ҳамин вақт, мавҷудияти ашёи лағжанда, зер кардани онҳо ва дигар аломатҳо, ки мавҷудият ё набудани ҷалби худкушӣ барои шахсро нишон медиҳанд, бояд муайян карда шаванд.

Масалан, ҳангоми азназаргузаронии ҷасад дар манзиле, ки ҳалқа ёфт шудааст, агар муфаттиш ягон маводи такякунанда наёбад, дар асоси ин маълумот муайян карда мешавад, ки изи буғӣ кардан бо марг алоқаманд набуда ва дар ин ҳолат, асфиксия бо усули механикӣ вуҷуд надорад. Бо дарназардошти ин омилҳо, фарзияи ҷиноят оид ба куштор пешниҳод карда мешавад, ки он тасдиқи худро хоҳад ёфт [55, с. 171].

Мисол, «С.А. барои гирифтани об бо ҳамсоя меравад. Аз сабаби навбунёд будани манзили истиқоматии онҳо дар рӯйи ҳавлӣ об надоштаанд. Падараш аз сабаби хаста шудан дар рӯйи хона дароз кашида буд ва ҳамроҳи ӯ ду фарзандаш А. ва М. дар наздаш қарор доштаанд. Аз байн якчанд вақт гузашта, ӯ ба фарзандаш А. гуфтааст, ки рафта, хоҳарашро хабар гирад, агар ягон чиз лозим бошад, оварда диҳад. Аъзамҷон аз наздаш баромада, дигар барнагаштааст. Ӯ хавотир шуда, дилаш барои чизе гувоҳӣ додааст. Аз ин рӯ, худаш ба рӯйи ҳавлӣ баромада, дидааст, ки С. ва А. нестанд. С.-ро фарёд кардааст, ки А. ба наздаш омада гуфтааст, ки хоҳарашро надидааст. Ӯ ба тарафи оғилхонаашон рафтааст, ки тағораи ҷомашӯии либосҳо истодаасту С. дар он ҷо қарор надорад. Баъдан фикр кардааст, ки ӯ барои овардани об ба воситаи дарича ба ҳавлии хушдоманаш гузаштааст. Аз ин рӯ, ба тарафи ҳавлии хушдоманаш гузашта, ногоҳ чашмаш ба оғилхона афтидааст. Дидааст, ки духтараш С. худашро дар оғилхона бо банд овехта, дар ҳолати овезон қарор дорад. Зуд ӯро аз банд халос карда, ба назди даромадгоҳи оғилхона бароварда, хонаводаашро фарёд кардааст. Онҳо ба назди ӯ омада, ба рӯйи ӯ об пошиданд, баъдан духтурро даъват намудаанд. Духтур ӯро аз назар гузаронида, вафот карданашро қайд намудааст».

Дар ин маврид азназаргузаронии ҳолати берунии ҷасад, қисмҳои кушодаи бадани ӯ муҳим ба ҳисоб меравад. Барои муайян кардани ҳолати аслӣ ба ин омилҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад:

1. Шабеҳият доштани моддаҳои дар пойафзол пайдошуда бо моддаҳое, ки дар сатҳи замини зери ҷасад қарор доранд.

2. Пайдо кардани моддаҳо дар либоси марҳум, ки онҳо дар ҷойи пайдо шудани ҷасад мавҷуд набуданд. Ин ҳолат метавонад ба худкушӣ далолат намояд. Омили дигар ҳангоми азназаргузаронии ҷасад лаҳзаи дар ҳалқа будани ҷасад мебошад, зеро ҳангоми аз он ҷо хориҷ кардани ҷасад осори мавҷуда метавонад аз байн равад.

I. Дар марҳилаи дуюм ҷое, ки ҳалқа ба он баста, мустаҳкам карда мешавад, мавриди тафтиш қарор мегирад. Дар ин марҳила ба омилҳои зерин диққат медиҳанд:

1. Мавҷудияти ранг, масолеҳи сохтмонӣ ва гарду хок дар ҷое, ки ҳалқаи дор баста, мустаҳкам карда шудааст. Агар шахс ҳалқаҳоро мустақилона васл карда бошад, пас нишонаҳо дар ҷойи пайвастшавӣ бо аломатҳои ангуштони ҷасад бояд мувофиқат кунанд. Бевосита дар бадани гумонбаршуда ва худи ҳалқа осори моддаҳо пайдо мешаванд. Агар дар дасти ҷабрдида моддаҳои зикршуда мавҷуд набошанд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шахс дар овехтани ҷабрдида иштирок накардааст ва аз ин рӯ, онро метавон чун амали худкушӣ арзёбӣ намуд.

2. Инчунин, ба тафовути ҷое, ки ҳалқаи дор баста, мустаҳкам карда шудааст, пеш ва баъд аз гирифтани ҷасад диққат дода мешавад. Ин аломат дар он ҷое пайдо мешавад, ки ҳалқа қаблан васл шуда буд ва дар такягоҳ осори кашидашавии ҷасад ва ҳаракат кардани он дида мешавад.

3. Агар пойҳои ҷасад ба рӯйи такягоҳ нарасида бошанд, бояд мустаҳкамии банд ва вазни ҷасад санҷида шавад, ки ин амал пас аз аз ҳалқа баровардани ҷасад иҷозат дода мешавад, то иқтидори бардошти банд ҳангоми овехтан муқаррар карда шавад. Аммо ин усулро бо ҷалби мутахассис гузаронидан лозим аст, то ки ӯ устувории такягоҳ, масолеҳи он, дарозӣ, ғафсӣ, ҳолати онро дуруст тасвир кунад, онро дар шакли аксбардориҳо сабт намояд.

II. Азназаргузаронии ашёҳо, ки дар назди ҷасад ёфт шудаанд. Дар ин маврид, он ашёҳое дар назар дошта мешаванд, ки шахс пеш аз марг ҳангоми бастани ҳалқа ба онҳо даст мерасонид ва ё дар айни замон бадани онҳо ба он ашёҳо мерасад. Дар ин ҳолат, ба омилҳои мазкур диққат бояд дод:

1. Ҳангоми тафтиши расидани ҷасад ба сатҳи замини зери он (замин, фарш ва дигар ашё) бояд «масофа аз нуқтаи пайвастшавии ҳалқа ба фарш ё замин то ба таги пойафзоли ӯ, инчунин то гиреҳи ҳалқаи ба гардан

басташуда» [18, с. 43]; масофа аз нуқтаи васлшавии такягоҳ то нуқтаи пайвасткунии ҳалқа дар такягоҳ, баландии тахта (тахта, харак, курсӣ) чен карда шавад; маълумоте, ки дар натиҷаи чунин ченак ба даст оварда шудааст, имкони муайян кардани онро медиҳад, ки оё шахс дар ҳолатҳои мазкур метавонист ва ё не.

2. Ҳангоми омӯхтани алоқамандиҳои байни ҷасад ва ашёҳои дар назди он ҷойгиршуда бояд ба зарраҳои аён, сатҳи ашё, инчунин мавҷудияти будани ноҳамвориҳо, мех ва дигар ашёҳо диққат дода шавад. Ҳангоми овехтан ҷисми мурда ба ашёҳое, ки дар паҳлӯи он ҷойгиранд, ҳатман мерасад. Агар худкушӣ рух дода бошад, он гоҳ шахс пеш аз марг дар ҳолати ранҷу азоб машаққат мекашад, ки дар натиҷа дар бадани ӯ захму доғҳои зиёд пайдо мешаванд. Дар сурати мушоҳида нагардидани ин аломатҳо метавон гуфт, ки ҷасад дар ҳалқа гузошта шудааст ва бо дарназардошти ин худкушӣ дорои аломатҳои сохтакорона мегардад. Яке аз аломатҳои сохтакории ҷиноят дар либос ва бадани марҳум мавҷуд будани моддаҳое мебошад, ки дар ашёи гирду атроф пайдо нашудаанд [18, с. 43-44]. Ҷасади фавтида пас аз анҷоми амалҳои зикршуда аз ҳалқа бароварда мешавад, ки ин баробар бо азназаргузаронии сатҳи замин зери ҷасад, ашёи гирду атроф, тавсифи ашёи мавҷуда ва ғайра мебошад. Барои расидан ба мақсад, аввал бадан бояд бардошта шуда, фишор ба ҳалқа суст карда шавад, пас ҳалқа тавре бурида мешавад, ки ба гиреҳи он осеб нарасад.

III. Ташхиси ҷасади ҷабрдида [43, с. 312; 48, с. 315]. Дар ин маврид тамоми маълумоти мавҷуда дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса сабт карда мешавад. Онҳоро вобаста ба хусусият метавон ба умумӣ ва махсус тақсим кард:

1. Маълумотҳо дар бораи ҷинс, синну сол, дарозии қад, танумандии он ва дигар омилҳо мансуби маълумоти умумӣ мебошанд.

2. Маълумоти махсус аз хусусияти марги шахс бармеояд. Дар ин маврид маълумоти мушаххас оид ба мавҷуд будан ё набудани осори моддаҳои бегона дар ҷасад ва дастони ӯ мебошад, ки ба ашёи мавҷуда ҳангоми ба дор

кашидан тааллуқ надоранд. Ба ин аломатҳо инчунин ожангҳои сохтакорона, мавҷуд будан ё набудани аломатҳои худкушӣ дар бадани ҷасад ва аломатҳои маҷбуркуниро метавон дохил намуд, онҳо хоси буғӣ кардани шахс мебошанд.

Ҳолати ожангҳои сохтакориро бояд ба коршинос пешниҳод намоянд. Онҳо ин омилҳоро дар бар мегиранд: намуди зоҳирӣ (як ё ду ожанг, пӯшида ва ё бурида); сахтии ожангҳо (сахт ё нарм), ки бо дарозии он муайян карда мешавад; ранги ожанг (асосан, сиёҳранг ё сафедранг) бо дарназардошти аломатҳои барҷаста; самт (каҷхатта ё уфуқӣ); андозаҳо, бо дарназардошти паҳноӣ ва чуқурии он; мавҷудияти хунравӣ дар ожангҳо; мавҷудияти аломатҳои дигар (ба гиреҳ алоқаманд набудани зарар, маводҳо, ки бо маводи ҳалқа фарқ мекунанд, моддаҳои гуногуннавъ); аломатҳо дар ожанг, ки шакли шохаҳо доранд, инчунин осори гиреҳ.

Агар коршиноси судӣ-тиббӣ дастрас набошад, ба ҳолати ожангҳои сохтакорона аҳаммияти махсус бояд дода шавад, зеро ҳангоми пешниҳоди ҷасад ба экспертизаи судӣ-тиббӣ, мумкин аст, ки дар ҷасад тағйироти муайян ба амал ояд ва ин метавонад хулосаи ниҳоиро дар бораи пайдоиши ожангҳо тағйир диҳад.

Тағйирот дар ожангҳо вобаста ба маводи ҳалқа ва нармии он низ метавонад рӯй диҳад. Дар чунин ҳолат, ожанг беранг ва шакли буғикардашуда пайдо мекунад. Ғайр аз ин, ҳангоми интиқоли ҷасад, аломатҳои ожангҳо метавонанд аз байн раванд. Вақте ки аломатҳои буғӣ кардан тавассути фишурдани гардан бо дастҳо ошкор мешаванд, ба ин аломатҳо диққати махсус бояд дода шавад. Дар баробари ин, изи ангуштон, нохунҳо ва осори мубориза дар шакли харошидан ва пошхӯрии хун низ дар рӯйи ҷасад мушоҳида мешаванд.

IV. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса азназаргузаронии макон ва биное, ки ҷасад пайдо шудааст, амалӣ карда мешавад. Дар ин маврид кофтукови ашёи монанд ба ашёе, ки аз онҳо ҳалқа сохта шудааст (сим, ресмон ва ғ.) сурат гирифта, ҳангоми муайян кардани дастхат мавҷудияти

коғазҳои шабеҳ, асбобҳои хатнависӣ, ки барои навиштани он истифода шудаанд, муқаррар карда мешавад [90, с. 403].

Барои исботи далели ба худкушӣ расондани шахс бояд дастхатҳоеро пайдо кард, ки дар онҳо таҳдид ба марг, асбобҳои шиканҷадиҳӣ ва дигар далелҳои муносибати бераҳмона, ба иззати нафс расидан, тамасхур ба нуқсони ҷисмонии ҷабрдида мавҷуд бошанд.

**Хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодисаи худкушӣ бо силоҳи оташфишон.** Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодисае, ки бо силоҳи оташфишон рух додааст, дар баробари посух ба саволҳои зиёд, як саволи махсуси муҳим пайдо мешавад: оё ҷабрдида метавонист ба сӯйи худ тир парронад, ки он боиси марг шуда бошад. Барои посух додан ба ин савол бояд изҳои мавҷудаи аз самт ва масофаи тирпарронӣ далолатдиҳанда мавриди тафтиш қарор гиранд ва ё мавҷуд набудани онҳо бояд дар санади санҷиш сабт карда шаванд.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад нишонаҳои зеринро бояд қайд кард: 1) ҷойи дақиқи осеби тир ба либос ва бадан; 2) осори тири аз наздик парронидашуда; 3) дар дастони ҷабрдида мавҷуд будан ё набудани аломатҳои тирпарронӣ. Чунин изҳо метавонанд ба шакли осори харошиданҳо дар байни ангушти ишоратӣ ва ангушти калон, ки баъзан ҳангоми тирандозӣ аз баъзе таппончаҳои автоматӣ пайдо мешаванд, баромад кунанд. Ҳамчунин, осори дуд ё зарраҳои пӯст, зарарбинии устухонҳо ва ҷоришавии хун аз бадан бо таъсири борути силоҳи оташфишон низ метавонанд ҳангоми таҳқиқи ҷойи ҳодиса маълум шаванд. Дар ҷойи ҳодиса шояд дар дасти марҳум осори ноаён мушоҳида нашавад, аз ин рӯ, дастони ҷабрдидаро бо матои сафеди тоза бояд печонид, ки коршинос дар мурдахона бо роҳҳои махсус изи онро ошкор намояд. Ҳангоми тафтиши ҷойи мавҷудаи ҷасад дар протоколи азназаргузаронӣ бояд маълумотҳои зерин сабт карда шаванд: 1) мавҷуд будан ё набудани силоҳ, намуди он, ҷойгиршавии он нисбат ба мавқеи ҷасад, ҳолати қисмҳои силоҳ, мавҷудияти изҳо дар силоҳ ва зери он; 2) осори тир (тирҳо, сочма, тири махсус, тирҳои худсохт, гилзаҳо),

ҷойгиршавии онҳо, изҳо дар ашёи зикршуда; осори тир дар ашёи атроф; 3) осори хун; 4) мавҷуд будан ё набудани силоҳи оташфишон; 5) изҳои дигар – ангуштон, ангуштони пой, дигар узвҳои бадан, ашёи боқимонда ва гирифташуда ва ғ.

Муфаттиш бояд барои посух додан ба ин савол, осори самт ва масофаи тирро ҷустуҷӯ кунад. Агар чунин осор пайдо нагардад, ин набудани осор бояд дар протоколи азназаргузаронӣ сабт шавад. Ин раванд барои муайян кардани дурустии фарзия ва эҳтимоли сохтакории худкушӣ, ки метавонад дар ҳолатҳое, ки тирпарронии шахс ба сӯйи худ каме номумкин бошад, муҳим аст [18, с. 44].

Ҳангоми тафтиши силоҳ, тир доштан ва куланги он бояд муайян карда шавад. Дар сатҳи ҳамвори аслиҳа бояд осори изи ангуштон, зарраҳои мавҷудаи ҷайби марҳум, ки дар он силоҳ нигоҳ дошта мешавад, изи лой, инчунин ашёи бегона тафтиш карда шавад. Агар худкушӣ рух дода бошад, дар силоҳ метавонад осори хун ва инчунин зарраҳои моддаҳои мағзи сар мавҷуд бошанд. Ин аломатҳо, одатан дар қисми аввали силоҳи оташфишонӣ инъикос меёбанд.

Азназаргузаронии сатҳи зери силоҳ ба тафтиши изҳо ҳангоми афтидани он нигаронида шудааст, ки ба омӯзиши фурӯрафтаҳо, харошидаҳо ва зарб гирифтан аз вазнинии силоҳ шомил мегардад, ки ин омилҳо имкон медиҳанд муайян кунанд, ки силоҳ аз чӣ гуна баландӣ ва аз кадом масофа партофта шудааст. Вобаста ба ин омилҳо, дар рӯйи замин мавҷуд набудани чунин осорҳо аз эҳтимолияти худкушии сохтакорона далолат дода, метавон собит сохт, ки силоҳ ба зери ҷасади ҷабрдида гузошта шудааст. Дар ин маврид амали муҳим он аст, ки ҳама тирҳо, инчунин патронҳо дар ҳуҷра ва ё минтақае, ки ҷасад ёфт шудааст, пайдо карда шаванд. Таъсири силоҳ ба ашёҳои атроф (изҳои сӯрохиҳо), инчунин майдони паҳншавии сочма метавонад самт ва масофаи тирҳоро нишон диҳад.

Дар рафти ташхис пайдо намудани осори хун ҷойи махсусро ишғол мекунад [42, с. 476]. Ҳаҷми изи хун, шакл ва ҷойгиршавии он метавонад

мавқеи шахсро дар вақти тирандозӣ бозгӯӣ кунад, аз ҷароҳати тири ӯ ҳангоми зинда будани шахс, инчунин мавҷудияти изи шахсони дигар далолат диҳад. Ҳамаи ин маълумоти бадастомада имкон медиҳад, ки воқеияти ҳодиса ошкор карда шавад, яъне боварӣ ҳосил шавад, ки шахс худро бо силоҳ ба худкушӣ расондааст.

Дар таҳлилҳои судӣ-тиббӣ қайд гардид, ки бар асоси хосиятҳои хун, ҳолатҳои муҳимме ҳастанд, ки бояд дар протоколи азназаргузаронӣ сабт шаванд. Ин ҳолатҳо чунинанд: 1. Хусусиятҳои изи хун (намуди он, тавсифи берунии он). Одатан, изи хун дар шакли молишхӯрдаҳо, доғҳо, пошишҳо ва инчунин дар шакли изи ангушт, пойафзол ва дигар аломатҳо зуҳур мекунанд. 2. Мавқеи ҷойгиршавии изи хун. Аксар вақт, изҳо дар наздикии ҷасад ё дар ашёҳои беҷо (пароканда) дар макони ҳодиса сабт мешаванд. Воқеан, миқдор, шакл, ранг ва таъсири онҳо ба ашёҳои мавҷуда дар макон қайд карда мешавад [18, с. 44].

Барои осон кардани раванди таҳқиқоти минбаъда, ҷойгиршавии изи хун дар шакли тасвир сабт мегардад. Дар ин ҳолат, ҷасад ва ашёҳои мавҷудаи макони ҳодиса ҳамчун далелҳои муътамад хизмат мекунанд.

Азназаргузаронии ин намуди ҷиноят инчунин муайянкунии будан ё набудани ашёҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо ба ҳолати ҳодисаи мазкур алоқамандӣ доранд: ҷустуҷӯи изи дасту пойҳо ва дигар узвҳои бадан дар наздикии ҷасад. Дар рафти азназаргузаронӣ мактуби пешазмаргро метавон дарёфт, ки дар бораи худкушӣ ё хусусияти ҳодисаи мазкур маълумот медиҳад.

**Хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодисаи худкушӣ бо силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда.** Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодисаи худкушӣ бо силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда, муфаттиш бо ду саволи мушаххас рӯ ба рӯ мешавад: оё ҷабрдида метавонист ба худ осеби марговар расонад ва оё ӯ аз силоҳи ошкоршуда истифода кардааст? Барои ҷавоб додан ба ин саволҳо ва

тафтиши фарзияҳои одамкушӣ ва худкушӣ, дар протоколи азназаргузаронӣ бояд маълумотҳои зерин инъикос ёбанд:

Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад: 1) мавҷуд будан ё набудани буришҳои сатҳӣ дар либос ва пӯст; 2) мавҷудияти осори хун дар дастҳои ҷабрдида; 3) ҷойгиршавии дақиқи захмҳо ва доғи хун дар бадан ва либос. Банди сеюм, яъне доғи хун дар бадан ва либос нақши махсусан муҳим мебозад, зеро истифодаи силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда ҳамеша боиси хунравӣ мегардад. Бо дарназардошти ин, марг метавонад пас аз як муддати муайян рух диҳад, ки дар ин муддат ҷабрдида метавонист ҳаракат кунад, дар ин асос мавқеи бадан ва қисмҳои он тағйир ёбад ва дар ашёҳои гуногун изи муқобилият нишон додан, ҳамла кардан ва ба шахси дигар зарар расонидани ӯ боқӣ монад.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки ҳолати ба худкушӣ расондан аксар вақт бо истифода аз силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда ба амал меояд.

Ҳангоми санҷиш алгоритми (ҷараёни) амалҳоро чунин метавон тавсиф намуд:

Азназаргузаронии ҷасад бо мақсади ошкор намудани изи ҷиноят, аз қабили буридани сатҳи пӯст ё бадан, оё байни онҳо алоқамандӣ вуҷуд дорад, дар дасти ҷабрдида осори хун мавҷуд аст? Инчунин ҷойгиршавии захмҳо ё доғҳои хун дар либос ё бадан, агар онҳо ошкор шаванд, далолат аз он медиҳанд, ки захмҳо дар асл аз силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда ба амал омадаанд, зеро ки хунравӣ дар натиҷаи таъсири он ба вуҷуд меояд. Мавҷудияти осори хун дар ашёҳо натиҷаи муқобилият буда наметавонад, зеро пас аз ҷароҳат бардоштан имкони зинда мондани шахс то чанд вақт боқӣ монад ва шахс метавонад дар ҳуҷра ҳаракат кунад, ба ашё такя кунад ва дар натиҷа изи ӯ боқӣ монад.

Азназаргузаронии ҳуҷра ва ё маҳалле, ки дар он ҷасад ёфт шудааст [121, с. 237-238]. Дар протоколи азназаргузаронӣ ҳангоми ба расмият даровардани он мавҷуд будан ё набудани силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он

баробаркардашуда, ки бо он захмҳо расонида шудааст, намуди он, ҷойгиршавии он нисбат ба ҷасад ва предметҳои атрофро инъикос менамоянд. Худи силоҳ барои мавҷудияти изи ангуштҳо, инчунин дигар ашёҳое, ки аз ҷониби шахсони дигар, аз ҷумла барои ба худкушӣ расондани ҷабрдида истифода шудаанд, аз назар гузаронида мешаванд. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашудаи ошкоршуда ҳамчун муайян кардани далели ба марг расондан гирифта мешавад.

Пайдарпайии азназаргузаронии ҷасади осебдида бо силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда:

1) мутахассиси соҳаи судӣ-тиббӣ ҳангоми ба ҷойи ҳодиса ҳозир шудан аломатҳои маргро (сард шудани бадан, доғҳои ҷасад, хушк шудани пӯст, луобпардаи лабҳо, қарнияи чашм, чашмҳо, пӯсидани он ва ғ.)-ро муайян мекунад;

2) ҳолати ҷасад аксбардорӣ шуда, ҷойгиршавии он нисбат ба ашёҳои доимии макони мавҷуда муайян карда мешавад;

3) аксбардорӣ пеш аз тағйирёбии вазъият, ҳолати ҷасад муайян карда шуда, осеби расонидашуда тавассути силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда ба бадан ва қисмҳои алоҳидаи он (даст, пой ва ғ.) дар алоҳидагӣ тавсиф карда мешаванд;

4) дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳолати ҷасад муфассал тавсиф карда шуда, мавқеи ҷойгиршавии ҷасад бо қисмҳои баданаш: гардиш ва хамшавии сар, мавқеи тан (дар пушт, меъда, паҳлӯ), ҳар як дасту пой (ҳолати онҳо нисбат ба бадан ва ё дар ҳолати кушода будани онҳо, инчунин мавқеи ангуштон ва ғ.) нишон дода мешавад;

5) ҳолати сатҳи замин, ки ҷасад дар он ҷой пайдо шудааст, инчунин осорҳо ва предметҳои дар он ёфташуда (доғҳои ба хун шабоҳатдошта, асбобҳои тез, осори силоҳ ва ғ.) аз назар гузаронда ва дар санади ташхис қайд карда мешавад;

6) ҳолати пӯсти марҳум дар ҳамаи қисматҳои кушодаи бадан бо мақсади

муайян кардани осеб бо силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда аксбардорӣ шуда, нохуни ангуштон, доғҳо ва ашёҳои дигар аз назар гузаронида мешаванд;

7) ҳолати намоёни либосҳои ҷабрдида, пойафзол ва сарпӯши ӯ бо нишон додани ҳолати воқеии онҳо дар ҳолати пайдархамӣ бозгӯӣ карда мешавад;

8) азназаргузаронии ҷасад бо дарназардошти осеби силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда сурат гирифта, изҳо дар ҷасад (изҳои ба хун монанд, мӯй, аломатҳои мубориза, микрообъектҳо, чирк ва ғ.) аз назар гузаронида мешаванд;

9) из ва силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда, ки аз назди ҷасад ёфт шудаанд, аз назар гузаронида, ба қайд гирифта мешаванд;

10) масофаи ҷасад ва он силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда, дигар осорҳо ва предметҳои ҷиноят андозагирӣ карда мешавад.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷасаде, ки бо силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда осеб дидааст, дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бояд маълумоти зерин қайд карда шаванд:

– ҳолати либос, хусусиятҳои осеб дар он;

– хусусияти осеб дар ҷасад, ҷойгиршавии онҳо, шакл, хусусияти онҳо, андозаи тахминии онҳо ва дигар хусусиятҳо;

– аломатҳои бозгӯикунандаи самти зарба бо асбобҳои тез;

– мувофиқатии зарба ба ҳолати либос;

– мавҷудияти гарду хок дар силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда;

– дар дастони ҷабрдида мавҷуд будан ё набудани изҳо, ки аз муқобилияти ӯ барои худмуҳофизатӣ далолат медиҳад;

– дар мавриди осебҳои якхела – миқдори он ва тарзи ҷойгиршавӣ;

– мавҷудияти изҳои монанд дар хун, мӯй, дар нахи матоъҳо, пораи матои маҳиннах, моддаҳои мансуб ба мағзи сар, либос, ашёи гирду атроф, силоҳи куштор;

– мавҷудияти изҳои хун, дар таги пойафзол ва сатҳи он;

– ҳангоми мавҷудияти изи харошиданҳо хунравиҳо ба мавқеъ, шакл ва ранги он далолат менамояд.

Ҳангоми азназаргузаронии осебҳои мавҷудаи ҷасад дар ҷойи ҳодиса бояд қоидаҳои зерин риоя карда шаванд:

– он амалҳое манъ карда мешаванд, ки онҳо боиси тағйирёбии намуди аслӣ ё хосиятҳои зарар мегарданд;

– дар ин маврид шустан, пок кардан ва ё бо дигар роҳ нигоҳ доштану хушк кардани хун бо мақсади аз байн рафтани осори аслӣ манъ карда мешавад;

– силоҳи сарди буранда ё олотҳои ба он баробаркардашуда дар ҷароҳат бозмондаро набояд гирифт, онҳо то азназаргузаронии ҷасад бояд нигоҳ дошта шаванд;

– ҳамчунин, гирифтани ашёҳои дигари дар бадан халондашуда манъ карда шудааст;

– дар ин маврид танҳо ба гирифтани он ашёҳое иҷозат дода мешавад, ки ба таври озод дар қисмати зарардидаи бадан истодаанд, ин амал ҳатман дар протоколи азназаргузаронӣ сабт карда мешавад.

**Хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодисаи худкушӣ бо роҳи заҳролудкунонӣ.** Барои худкушӣ бо роҳи заҳролудкунонӣ, асосан маводи доруворӣ (асосан, доруҳои хобовар), ҷавҳари навшодир ва ё ҷавҳари сирко истифода бурда мешаванд. Дар аксари мавридҳо, ҷабрдида дар беморхона бистарӣ мешавад ва дар он ҷо ба шарофати ёрии тиббӣ шифо меёбад. Баъзан марг дар беморхона рух медиҳад. Аммо ҳолатҳое мавҷуданд, ки ҳатто ҷабрдида то бистарӣ шудан дар бемористон мефавтад, ҷойи марги ӯ метавонад ба ҷойи гирифтани моддаи заҳролуд мувофиқат накунад. Дар ҳама ҳолатҳо, новобаста аз маҳалли ҷойгиршавии ҷабрдида, новобаста аз зинда ё мурда будани ӯ, бояд азназаргузаронии ҷойи ҳодиса гузаронида шавад. Он ҷой макони ҳодисаи заҳролудшавӣ бояд дониста шавад, ки моддаи заҳролуд истеъмол карда шудааст ва таъсири ин моддаҳо оғоз гардидааст,

дар он ҷой марг фаро расидааст (агар ин ҳодиса берун аз беморхона рух дода бошад). Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса барои муайян кардани сабабҳои заҳролудшавӣ, гирифтани моддаи заҳролуд бо мақсади пешгирии дигар заҳролудшавиҳо ва хариду фурӯши эҳтимолии маводи мухаддир зарур аст.

**Хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми аз баландӣ афтидан.** Саволи махсусе, ки одатан дар чунин мавридҳо бояд посух дод, ин аст, ки оё шахс воқеан аз ҷое, ки шоҳидон дар бораи он сухан мегӯянд, афтидааст ва ё аз он ҷое афтидааст, ки эҳтимолияти афтидани ӯ мавҷуд аст? Дар ин ҳолат дар протоколи азназаргузаронӣ маълумоти мушаххас бо мазмуни зайл оварда мешаванд. Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад: мавқеи дақиқи ҷойгиршавии ҷасад нисбат ба бино, девор, такягоҳ, поя ва ашёҳои шабеҳ, ки аз онҳо афтидан дар назар аст; оё дар ҷасад ва либос осебе мавҷуд аст, ки ба ақидаи муфаттиш, дар натиҷаи расиш ба ашёҳои ҷараёни афтиш, инчунин ашёҳои дигар, бахусус он чизҳое, ки дар ҷойи афтидан мавҷуд буданд, ба вуҷуд омадаанд; оё дар ҷойи хобидаи мурда пораҳои шиша, пораҳои гаҷ ва ба ин монанд чизҳо мавҷуданд, ки эҳтимолияти ба бадан халидани онҳо мавҷуд мебошад.

Ҳангоми азназаргузаронии ҳолати атрофи ҷасад: дар ин маврид он ҷое, ки эҳтимолияти аз он афтидан мавҷуд аст, ба таври муфассал тавсиф карда мешавад (баландии он аз замин, мавҷудияти ҷангал, деворҳо, мустаҳкамии онҳо, васеии майдон ва ё зина, мавҷудияти моддаҳои ба осонӣ ҷудошаванда дар болои онҳо, махсусан моддаҳои дар ҷасад мавҷудбуда, мавҷудияти симҳои барқии хатарнок, ки метавонанд боиси беҳушӣ гарданд, будани ашёҳои сахт, ки метавонанд ба сар осеб расонанд); қайд кардани мавҷудияти ашёҳои дигар дар роҳ. Дар ин маврид, ба он ашёҳои афтидаи роҳ диққати махсус медиҳанд, ки онҳо боиси бардоштани ҷароҳатҳои гуногуни ҷабрдида мегарданд. Ҳангоми азназаргузаронии ҳуҷра ё майдончаи зинапояе, ки аз тирезаи он эҳтимолияти афтидани ҷабрдида мавҷуд аст, ба он диққат дода мешавад, ки оё тирезаҳо шикастаанд, дар канори тиреза, шиша, ҳалқаи

тиреза ва дигар қисмҳои аёни дурахшони тиреза изи ангушт ё дастпӯшак мавҷуд аст ё не?; оё дар болои тиреза осори пойафзол, либос, инчунин сутунча барои баромадан ба болои тиреза мавҷуд аст (дар ҳолатҳое, ки он аз фарши хона хеле баланд аст); оё дастхат дар бораи худкушӣ, коғазе, ки дар он навишта шудааст, асбоби хатнависӣ, рӯзномаҳо (барои муайян кардани изи ангуштон) мавҷуд бошад; оё ягон осори кашолакунӣ ва мубоританзаи эҳтимолӣ, инчунин асбобҳои шиканҷакунӣ, мактубҳои таҳқиромез ва ғ. вуҷуд доранд.

**Хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми ғарқшавӣ.** Ҳангоми хабар додан дар бораи худкушӣ бо роҳи ғарқшавӣ ва азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ин саволҳо муҳим ба шумор меравaнд: оё шахс воқеан худкушӣ кардааст ва ё тасодуфан ба об афтодааст, ё ӯро дигарон ба об партофтаанд, шояд ӯ беҳуш буд, ё ҷасадро баъди мурдан ба об партофтаанд.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад: дастҳо бастаанд ва ё ашёи вазнин ба бадан бастаанд; дар гардани ҷасад ҳалқа ҳаст ё осори аз буғӣ кардан дар он дида мешавад; оё дар либос моддаҳои бегона вуҷуд доранд; оё дар ҷайби мурда ягон санад ва ё дастхатҳо мавҷуданд. Ҳангоми пайдо шудани дастхат тавсия дода мешавад, ки онҳоро дар ҳарорати хона хушк карда, дар лифофаҳо бастабандӣ карда шаванд.

Дар баробари ин, ғарқшавиро набояд дар ҳолати ба об фурӯ рафтани танҳо сар ва ё танҳо роҳҳои нафаскашӣ (масалан, дар кӯлу дарёчаҳо ва ғ.) баамалоии асфиксияи механикӣ шумурд. Ин ҳолатҳо бояд ҳамчун асфиксияи аспиратсионӣ тасниф карда шаванд, зеро дар ин мавридҳо як қатор омилҳои таъсиррасон сабаби марг дар об мешаванд.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷасадҳои аз об баровардашуда коршинос бояд ҳолатҳои ғарқшавиро, аз ҷумла, фаро расидани онро пас аз ғӯтазанӣ дар об муайян намояд, зеро ки марг дар об на аз нафасгирӣ, балки дар натиҷаи осеб дидани сутунмуҳраи гардан ҳангоми ҷаҳидан бо сар ба ҳавзи камоб рух дода метавонист. Дар ин маврид сар ба умқи ҳавз бархӯрда, бадан

ҳаракат мекунад. Дар натиҷа, якбора каҷ ё дароз шудани сутунмуҳра ва ё шикастани сутунмуҳра ба амал меояд.

Вобаста ба тағйироте, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷасадҳои аз об баровардашуда ба амал меоянд, онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим менамоянд:

1) далели фаворасии марг аз ғарқшавӣ;

2) далели овардани ҷасад ба ин макон.

Ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ – тиббии ҷасад коршинос бояд аломатҳои фаворасии маргро аз ғарқшавӣ вобаста ба намудҳои он ба таври ҷиддӣ мадди назар гирад [160, с. 27].

Ин фарқиятҳо бояд аз ҷониби коршинос ҳангоми ташхиси берунӣ ва дохилии ҷасад муайян ва қайд карда шаванд.

Намудҳои зерини ғарқшавӣ ҷудо карда мешаванд:

• аспиратсионӣ (воқеӣ, тақрибан 20%-ро ташкил медиҳанд) – дар ин маврид пур шудани роҳҳои нафас ва шуш бо об вуҷуд дорад. Тахмин мекунанд, ки шахси дорои вазни 70 кг ҳангоми ғарқ шудан метавонад аз 1,5 то 4 литр обро фурӯ барад.

Дар марҳилаи нафаскашии инспиратӣ об ба роҳи нафас фаъолона ворид шуда, пардаи луобии трахея ва бронхҳои калонро ба ангезиш оварда, дар натиҷа сулфазании беист ба амал меояд. Луобе, ки дар ин раванд хориҷ мешавад, бо об ва ҳаво омехта шуда, кафки ранги хокистаррангдоштаро ба вуҷуд меорад, ки он роҳи нафасро пур мекунад. Дар марҳилаи вопасини нафаскашӣ об зери фишор ба роҳи нафас ворид шуда, бронхҳои хурдтаринро пур мекунад ва дар баробари ҳавои боқимонда ба алвеолаҳо дохил мешавад. Аз сабаби фишори баланди дохили шуш эмфиземаи алвеолярӣ ё ба ном эмфиземаи шадиди обӣ, гипергидроаэрия инкишоф меёбад.

Об деворҳои алвеолаҳоро кафонида, ба бофтаи байни алвеолаҳо ва баъдан ба рагҳои хунгузар дохил мешавад. Хуни бо об омехташуда ба нимаи чапи дил ва сипас ба гардиши системавӣ ворид шуда, боиси гемодилюсия, гемолизи гидремикии ҳуҷайраҳои сурхи хун ва номутавозунии мувозинати

обу намак (баланд шудани консентратсияи калий дар плазмаи хун) мегардад, ки ин ба вайроншавии кори дил: фибрилятсия ва инкишофи норасоии шадиди дил оварда мерасонад. Аксаран ин ҳолат ҳангоми ғарқ шудан дар оби гарм ва дар одамони рефлекси муҳофизатии ҳалқашон паст, аз ҷумла дар ҳолати мастӣ мушоҳида мешавад. Давраи ғарқшавӣ аз панҷ то шаш дақиқа давом мекунад. Ба суръати инкишофи асфиксия ҳангоми ғарқшавӣ ҳарорати об низ таъсир мерасонад. Дар оби хунук давраи фарорасии марг аз ғарқшавӣ аз сабаби таъсири назаррас ба узвҳои рефлекторӣ зуд ба амал меояд. Ҳангоми ғарқ шудан об, одатан фурӯ бурда мешавад ва он ба меъда ва қисми аввали рӯдаи борик ворид мешавад.

Аломатҳои дар об будани ҷасад инҳоянд:

1. «Пӯсти мурғобимонанд». Ин аломатҳо ба сармохӯрии ҷасад шарҳ дода мешаванд.

2. Берангии пӯст дар натиҷаи кашиши рагҳои хунрав ба амал меояд.

3. Ранги гулобии доғҳои ҷасад аз сабаби ковокшавиҳо ва воридшавии оксиген ба хуни рагҳои сатҳӣ ба вуҷуд меояд.

4. Падидаҳои дигаргуншавии пӯсти дасту пой ба миён меояд.

Ҳангоми азназаргузаронии маҳалли ғарқшавӣ. Дар ин маврид, ин саволҳо бояд посухи худро ёбанд: оё дар роҳи ҳаракати ҷасад дар об кунда, дарахти дар об фурӯрафта, санг, бутта ва дигар ашёҳо мавҷуд буданд, ки онҳо метавонистанд ба ҷасад осеб расонанд; оё дар соҳил ба ғайр аз изи пойи фавтида изи пойи шахсони дигар ҳаст, аломатҳои муқобилият ё кашолакунӣ дар об мавҷуд бошад; оё осори нақлиёт, сару либос, ҳуҷҷатҳо ва ашёи дигаре, ки метавонанд ҷойгиршавии шахси фавтидаро пеш аз марг ва чӣ тавр ба об даромадани ӯро нишон диҳанд, муайян карда шудаанд; оё дастхат дар бораи худкушӣ ёфт шудааст.

Дар охир ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

Такмили тактикаи азназаргузаронии ҷойи худкушӣ муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки ҷанбаҳои техникӣ ва равонии (психологии) тафтишотро ба инобат мегирад.

Таҳия ва татбиқи тавсияҳои ягонаи методӣ оид ба баррасии сохтакории худкушӣ, ки хусусиятҳои ин категорияи ҳолатҳоро ба инобат мегиранд, дар ин самт муҳим ба шумор мераванд. Ин дастурҳои дақиқ сабти осорҳо, муайян кардани сабабҳои марг ва аломатҳои эҳтимолии зӯровариро дар сурати мавҷудият дар бар мегирад.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса на танҳо осори ҷисмонӣ, балки ҳолати равонию эмотсионалии атрофиёнро низ ба назар гирифтан муҳим аст. Кор бо онҳо бояд дар доирае анҷом дода шавад, ки фишори равониро бо ҷалби равоншиносон барои пешгирии осеби дуюмдараҷа ба ҳадди ақал расонад.

Барои дақиқ муайян кардани ҳолатҳои ҳодиса аз усулҳои дақиқи криминалистикӣ, аз қабили санҷиши ДНК, санҷиши баллистикӣ (агар силоҳи оташфишон истифода шуда бошад) ё далелҳои криминалистикӣ дар ҷойи ҳодиса истифода бурда мешавад. Барои худкушӣ бо истифода аз моддаҳо ё дигар усулҳои мураккаб таҳқиқоти токсикологӣ зарур аст.

Омӯзиши муфаттишон дар бораи хусусиятҳои кор бо парвандаҳои худкушӣ, аз ҷумла кор бо шоҳидон ва хешовандони аз ҷиҳати эмотсионалӣ ноустувор муҳим мебошад. Ин имкон медиҳад, ки хатогиҳо дар ҷараёни тафтишот пешгирӣ карда шаванд, инчунин хатари таҳриф ё тафсири нодурусти вазъро коҳиш диҳад.

Дар ин раванд на танҳо вазъи ҷисмонии шахс дар ҷойи ҳодиса ба назар бояд гирифта шавад, балки ангезаҳои эҳтимолии худкушӣ низ таҳлил карда шавад. Ин метавонад баррасии мукотиба, рӯзномаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва изҳороти шоҳидон барои муайян кардани нишонаҳои депрессия, стресс ё дигар омилҳоеро дар бар гирад, ки метавонанд ба тасмими худкушӣ таъсир расонанд.

## 2.2. Хусусиятҳои тактикии пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагони зиндамондаи ҳодисаи худкушӣ

Пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагон дар ҳодисаи худкушӣ мавқеи муҳимро дар ошкорсозии ҳолати воқеӣ касб менамояд. Ба ин нуктаи муҳим олими соҳаи криминалистика Г.С. Фелдштейн ақидаи худро баён намуда буд. Ба андешаи ин олим: «аз асосӣ ва муҳимтарин далелҳо дар ошкорсозии ҷиноят тасдиқи нишондоди шоҳидон ба шумор меравад. Онҳо дар давраи тафтишоти пешакӣ барои ҳалли дурусти раванди тафтишот чун поя хидмат мекунанд. Ин раванди ҳуқуқӣ дар мавриди пайдо кардани роҳи нави тафтиш вусъат пайдо карда, маҳз тавассути омӯзиши объективии далелҳои исботшаванда муқаррар кардани адолатӣ судӣ имконпазир мегардад» [95, с. 189].

Мафҳуми пурсиш, пеш аз ҳама, ҳамчун амали тафтишӣ баррасӣ шуда, он аз гирифтани маълумот дар бораи ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ ё гирифтани нишондод аз субъекти исбот оид ба маълумоти воқеие, ки ба предмети исбот дар парванда дохил карда шудааст, иборат мебошад [86, с. 101]. Дар ин маврид, дигар мафҳумҳо низ истифода мешаванд, ки ҷанбаҳои муайяни амали тафтишотии зикршударо возеҳ месозанд. Олимони соҳа ба моҳияти илмии ин мафҳумҳо эътибори хосса равона сохтаанд. Масалан, А.К. Гаврилов ва С.П. Ефимичев пурсишро ҳамчун амали мурофиавӣ ифода мекунанд, ки моҳиятан «муфаттиш аз шахси пурсидашаванда дар бораи ҳодисаи ҷиноят, шахсони содиркунандаи он, хусусият ва ҳаҷми зарар, сабабҳо ва шароитҳое, ки боиси содир намудани ҷиноят гардидаанд, инчунин дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта маълумоти мушаххас мегирад» [84, с. 277].

Ю.К. Орлов қайд мекунад, ки пурсиш на танҳо гирифтани маълумот, балки гирифтани маълумоти шифоҳӣ низ мебошад: «Пурсиши шоҳид яке аз маъмултарин амалҳои тафтишӣ мебошад. Он аз гирифтани маълумоти шифоҳӣ аз шахси пурсидашаванда оид ба ҳама гуна ҳолатҳои парванда мебошад» [92, с. 265]. Дар ин ҷараён муайян кардан душвор нест, ки ин муаллифон моҳияти пурсишро танҳо ҳангоми гирифтани гувоҳӣ аз пурсидашавандагон баррасӣ мекунанд. Ба андешаи мо, ин ҳолат дар ин

ҷараёни ҳуқуқӣ бахсталаб мебошад, зеро ин раванд хусусият ва мазмуни фаъолиятеро, ки дар вақти тафтиш ба амал баровардa мешавад, пурра инъикос намекунад.

Баръакси андешаронихои муаллифони зикрёфта дар мафҳуми пурсиш ба ҷузъ аз гирифтани нишондод аз ҷониби муфаттиш тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин сабти онҳоро дар протоколи пурсиш низ дохил мекунад. Б.Т. Безлепкин пурсишро ҳамчун муколамаи шифоҳии пешбининамудаи қонун байни шахси мансабдори мақомоти тафтишоти пешакӣ ва ҷабрдида, шоҳид, гумонбаршуда, айбдоршаванда мешуморад, ки он бо мақсади ба даст овардани маълумоти арзишманд оиди парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад [14, с. 226]. Мо ба андешаи ин олим то андозае розӣ ҳастем, ки пурсиш на танҳо интиқоли якҷонибаи маълумот ба шахси пурсидашаванда дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ, балки воқеан муколама, яъне «муколамаи ду ва ё зиёда шахсон» мебошад [65, с. 141]. Аммо таърифи пешниҳодшуда ҷараёни мурофиавии бақайдгирӣ ва натиҷаи ин амали тафтишотиро инъикос намекунад.

Агар мафҳуми пурсишро аз мавқеъҳои зикршуда тавсиф кунем, пас таърифи муфассалтаринро шояд С.Ф. Шумилин дода бошад: «Пурсиш дар тафтишоти пешакӣ маҷмуи амалҳои даркнамоӣ ва тасдиққунандаи пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва тактикаи криминалистикӣ мебошад, ки аз ҷониби муфаттиш ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятии мавриди тафтиш қарордошта (вобаста ба иҷрои супориши алоҳида) бо мақсади ба даст овардан ва асоснок намудани далелҳои мансуб ба ҳолатҳои парванда анҷом дода мешавад [40, с. 306]. Дар ин маврид, моҳияти пурсиш аз он иборат аст, ки муфаттиш амалиёт ва усулеро, ки дар амалияи криминалистикӣ таҳия ва дар амалияи тафтишӣ санҷида шудааст, татбиқ менамояд ва дар асоси он, шахсро барои додани гувоҳӣ оид ба ҳолатҳои ҷинояти тафтишшаванда ташвиқ мекунад, онҳоро дар протоколи амали тафтишӣ сабт мекунад, то ин ки дар оянда онҳо ҳамчун далел дар парвандаи ҷиноятӣ истифода шаванд [77, с. 454].

Ба андешаи мо, ин мафҳуми пурсиш ва таърифи моҳияти он аз нуқтаи назари илмӣ саҳеҳтар ба назар расида, вале он тавзеҳро тақозо мекунад. Ҳамин тавр, амали мақсаднок ҳангоми пурсиш на танҳо аз ҷониби муфаттиш, балки аз ҷониби дигар иштирокчиёни амали тафтишӣ, масалан, ҳимоятгаре, ки дар ҷараёни пурсиши шоҳид иштирок мекунад, агар он бо дархости ӯ анҷом ёфта бошад, амалӣ карда мешавад. Агар мақсади амали тафтишӣ тасдиқнамоӣ бошад, пас онҳо дар баробари муфаттиш ҳам аз ҷониби шахси пурсидашаванда ва ҳам аз ҷониби дигар иштирокчиёни пурсиш анҷом дода мешаванд. Мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби шахси пурсидашаванда тасдиқ карда мешавад, ки нишондод дуруст сабт шудааст.

Илми криминалистика мафҳуми пурсишро аз нуқтаи назари корбурди усулҳои навин дар амалияи он, инчунин нақши онро дар тафтишот бо мақсади асоснокнамоии далелҳо меомӯзад [81, с. 79]. Дар адабиёти криминалистикӣ оид ба моҳияти мафҳуми пурсиш нуқтаи назари гуногун мавҷуд аст [12, с.119; 19, с. 134; 27, с. 5; 32, с. 119; 72, с. 258; 73, с. 75; 74, с. 98; 76, с. 53; 125, с. 137; 174, с. 127-128]. Дар баробари ин, аксаран дарки моҳияти пурсиш ба гирифтани маълумот аз шахси пурсидашаванда дар бораи ҳолатҳое, ки ҳодисаи ҷиноятро тавсиф мекунанд, вобаста аст [19, с. 5; 27, 5; 40, с. 306], дар сурате ки хусусият ва фарқияти мафҳуми пурсиш ва дигар амалҳои тафтишӣ нишон дода намешаванд. Моҳияти пурсиш ба таври воқеӣ дар ҷузъиёти исботкунандаи парванда муайян карда мешавад. Аммо ин ҳолатҳо на танҳо бо роҳи пурсиш, балки дар ҳар як амали тафтишӣ акси худро пайдо мекунад. Ҳамзамон, онҳо асоси тафтишоти пешакӣ буда, онро бо як амали тафтишӣ, масалан, пурсиш наметавон муқаррар кард. Дар ин раванд ҳолатҳое, ки воқеияти ҷиноятро тавсиф мекунанд, ба андешаи мо, танҳо предмети пурсиш, яъне маҷмуи саволҳо оид ба ҷиноят буда метавонанд, ки муфаттиш аз пурсидашаванда ба онҳо ҷавоб гирифтан мехоҳад. Худи предмети пурсиш нисбати ҳар як шахси алоҳида инфиродист

ва он ба ҳаҷми маълумоте, ки шахси пурсидашаванда додааст, алоқаманд мебошад [56, с. 65-66].

Ҳангоми пурсиши афроде, ки ҷасадро пайдо кардаанд ё дар бораи қасди худкушӣ хабар додаанд, тавсифи ҳолатҳои рухдода, пайдоиши ҷасад ва сабабҳои эҳтимолии рух додани ҳодиса омӯхта мешавад. Ба саволҳои дар бораи тағйироти эҳтимолии вазъият дар макони ҳодиса пеш аз оғози азназаргузаронӣ ҷавоб дода мешавад. Ҳамчунин, муайян карда мешавад, ки кадом омилҳо, агар онҳо барои шоҳидон маълум бошанд, метавонад ба амали худкушӣ оварда бошад. Вақте ки шоҳидони дигарро пурсиш мекунанд, муҳим аст, ки нишондодҳои хешовандону шиносони ҷабрдида, ки метавонад барои гузаронидани экспертизаи равонии (психологии) шахсияти ӯ кумак расонад, ҳамчун мавод пешниҳод шаванд.

Аллакай дар марҳилаи ибтидоии таҳқиқот, шиносону хешовандони ҷабрдида, ки шахсияти ӯро метавонанд тавсиф кунанд, пурсиш мекунанд ва ин тавсифот ба тавсифи хислатҳои шахсияти ҷабрдида асос ёфта, омилҳои муҳим, аз ҷумла ҳолати саломатӣ, мавҷудияти бемориҳо (аз ҷумла, бемориҳои руҳӣ), майлҳои ирсӣ ба рафтори худкушӣ, рафтори иҷтимоӣ ва муносибат бо муҳити атроф ба ҳисоб гирифта мешаванд. Муҳим аст, ки маълумот дар бораи таълим, муносибат бо муаллимон ва ҳамсинфон, доираи дӯстон, муносибатҳо бо ҳамсолон, интихоби ихтисос ва дигар омилҳое, ки ба эҳтимолияти худкушӣ таъсир доранд, дар назар гирифта шаванд.

Ҳамчунин, омилҳо, ки метавонанд ба фарорасии марг иртибот дошта бошанд, низ бояд мавриди таҳлил қарор гиранд, ба монанди рафтори ғайримуқаррарӣ, одатҳои бад, мавҷудияти моводи мухаддир ё машруботи спиртӣ, майл ба бозиҳои компютерӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ва истифодаи ин ё дигар рафторҳои хос барои ҷалби эътибор, мавҷудияти низоъҳо ва рақобатҳо дар муносибатҳо ва ғ.

Дар марҳилаи таҳқиқоти ибтидоӣ, инчунин муҳим аст, ки ҳолатҳои пешинаи қасди худкушӣ, ё кӯшишҳои худкушӣ ва кӯшишҳои тарафҳои

мухталиф (хешовандон, омӯзгорон, табибон) барои пешгирии онҳо баррасӣ шаванд. Тафтишоти ҷиддӣ дар бораи он ки оё ҷабрдида пеш аз худкушӣ нияти худро ба атрофиён, аз ҷумла ба падару модар, изҳор кардааст ё не, инчунин пурсиш оиди аломатҳои рафторӣ ва эҳтимолан ташвиқ ба худкуширо, ба монанди таҳқир, таҳдид, ё истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ бояд анҷом дода шавад.

Ҳангоми пурсишҳои шоҳидон ва хешовандони наздик, зарур аст, ки онҳо огоҳ бошанд, ки чен кардани ҳолати равонии (психологии) онҳо ва манфиатҳои эҳтимолии онҳо дар натиҷаи парванда метавонад ба натиҷаи таҳқиқот таъсир расонад. Аз ин рӯ, пурсишҳо дар бораи рафторҳо ва муносибатҳои байни калонсолон ва кӯдакон дар оила, инчунин маълумот дар бораи эҳтимолияти фаъолияти ғайриқонунии калонсолон нисбат ба кӯдакон аз ҳамсоягон, шиносҳо ва ҳамкорон ба назар гирифта мешаванд.

Доираи шоҳидоне, ки дар ин намуди парвандаҳо пурсида мешаванд, хешовандони наздик, ҳамсояҳо, ҳамкорон, ҳамхизматон, дӯстон ва ғ. мебошанд. Дар байни онҳо падару модари шахс ва ҳамсари ӯ, фарзандон, бародарону хоҳарон, ҳамсояҳо ва дӯстони дар ҳамсоягии ӯ қарордошта (ё ҳамсарони онҳо), дӯстони давраи кӯдакӣ ва ҷавонӣ, инчунин шахсоне буда метавонанд, ки шахси фавтида бо онҳо вақтхушӣ доштааст, аз ҷумла занон (барои марди фавтида) ва мардон (барои зани фавтида), дигар шоҳидон, ки пеш аз марг бо марҳум муоширатдоштанд (аз ҷумла, духтури муолиҷакунанда, мураббӣ, сардори қисми ҳарбӣ, раис, муаллим, усто ва ғ.). Дар мавриди худкушӣ бозпурсӣ кардани ҳамсабақони мактабӣ, техникум, донишгоҳ ва дигар муассисаҳои таълимӣ, шиносони ӯ – духтарон ва ҷавонон ҳатмист. Ҷустуҷӯи шоҳидон – ҳамфикрони ҷабрдида, ки ӯ ба онҳо фикру андешаҳои худро баён кардааст, хеле муҳим мебошад. Рӯйхати тахминии ҳолатҳое, ки ҳангоми пурсиш аз шоҳидон бо мақсади омӯхтани шахсияти ҷабрдида ва гумонбаршуда (айбдоршаванда) ошкор карда мешаванд, инҳоянд: 1. Ҳаёти оилавӣ, қаноатмандӣ аз муносибат бо ҳамсар, қобилияти

ҷисмонӣ ва руҳӣ, уҳдадориҳо дар оила, муносибат бо кӯдакон (агар кӯдак надошта бошад, оё набудани фарзандонҳо барои онҳо гарон буд), пиронсолон, сабабҳои ҷанҷол ва муноқишаҳо (агар вуҷуд дошта бошанд). 2. Муносибат бо занон (мардон) дар замони гузашта, ба наздикӣ, пеш аз худкушии ҷабрдида. 3. Истеъмоли машрубот, маводи нашъадор (миқдор ва маводи истеъмол), ҳолат ва рафтори баъди истеъмоли машрубот ё маводи мухаддир, муносибати зану шавҳар, фарзандон, падару модарон, шахсони дигар оид ба истеъмоли машрубот ё маводи мухаддир, ки он метавонад ба нашъамандӣ боис гардида бошад. 4. Муносибат дар ҷойи кор, дар муассисаи таълимӣ, дар ташкилоти ҷамъиятӣ ва варзишӣ бо рафиқон ва роҳбарон, ҳузури рафиқон, қаноатмандӣ аз кор, муносибати ӯ ба эродҳои гирифташуда, майли итоат кардан ё фармонфармоӣ доштани ӯ. 5. Саъю кӯшиш ва хоҳиши шахси фавтида, дилбастагӣ ва орзуҳо дар бораи ояндаи наздику дур, ашё ё кирдоре, ки дар вақти меҳнат, тахсил, варзиш бо онҳо фахр мекард. 6. Муваффақият дар кор, таҳсил, варзиш, дар кадом намудҳо (ҳозира ва гузашта), арзёбии муваффақият ё нокомӣ, нақшаҳои тиҷоратии ӯ дар зиндагӣ, дигар фаъолиятҳо, таҳсил ё варзиш, хоҳиши идомаи таҳсил, пешрафт кардан, бозӣ дар дастаҳои варзишӣ ва ё иштирок дар мусобиқаҳо, машғули илмомӯзӣ кардан, дар кадом ҳайат будан. 7. Соатҳои фароғатӣ: дар ҷангал, моҳидорӣ, шикор, театр, кинотеатр, китобхона, қаҳвахонаҳо ва тарабхонаҳо, варзиш ва ғайра, махсусан, дар рӯзҳои шанбе, якшанбе, дар вақти таътил. 8. Вокуниш ба бемориҳои (воқеӣ ва хаёлӣ) худи шахс, наздикони худ, дигарон, баҳодиҳии натиҷаи онҳо, муносибат ба муолиҷаи таъинкардаи духтур, ба худтабобаткунӣ. 9. Вазъи умумии саломатӣ, оё аз дарди сар, хоби бад шикоят мекард, оё рафтори аҷибе мушоҳида карда мешуд, тағйирот дар руҳия, оё андешаҳо дар бораи таъқиб баён карда шуданд, оё пеш аз худкушӣ афсурда шуда буд, ин шикоятҳо ва тағйирёбии кайфият чӣ гуна фаҳмида мешаванд ва чӣ тавр онҳоро метавон шарҳ дод. 10. Фикру андешаҳо оид ба худкушӣ баён шуда буданд, агар чунин бошад, кай, вобаста ба чӣ, дар кадом шакл, ин ҳолат аз ҷониби шахси пурсидашаванда ва

шахсони дигар чӣ гуна баҳо дода шудааст (воқеӣ ҳисобида мешавад ё не, бо кадом сабабҳо). 11. Оё марҳум дар бораи таҳдид, таҳқир, паст задани шаъну эътибори худ, муносибати бераҳмона аз ҷониби айбдоршаванда, шахсони дигар ҳарф мезад, худро вобастаи касе меҳисобид, агар чунин бошад, чаро, ин ҳолатро бо кӣ кай нақл кардааст, чӣ тавр мехост аз ин мушкилот раҳо шавад, атрофиён, ки аз рӯйдодҳои нохуши марҳум огоҳ буданд, ба ин амалҳо чӣ гуна муносибат кардаанд, айбдоршаванда ба ин чӣ ҳолат гуна муносибат кардааст, ӯ ба эродҳо, эътирозҳои атрофиён ва ҷабрдида чӣ гуна муносибат мекард, вобаста ба ин ҳолат чӣ гуна муносибат мекард. 12. Муносибати шахси пурсидашаванда бо шахси фавтида, давомнокии он, наздикии онҳо, муваффақияти онҳо дар сурати зинда мондани фавтида, баҳо додан ба амали шахси фавтида. 13. Сабаб ва ангезаҳое, ки ба ақидаи пурсидашаванда боиси худкушӣ гаштаанд. 14. Сабаб ва ангезаҳои таҳқири айбдоршаванда нисбати шахси фавтида, роҳ додан ба муносибати бераҳмона нисбати ӯ, ин муносибат чӣ гуна ифода шудааст ва дар кадом мавридҳо, оё айбдоршаванда аз ранҷу азоби ҷабрдида огоҳӣ дошт, бо он чӣ гуна муносибат мекард, дар ин бора чӣ мегуфт ва ё менавишт, таҳқиқ кард, ки оё касе барои хотимаи таҳқири ҷабрдида талош кардааст, чаро ба мақсади дилхоҳ нарасидааст ва шоҳидон ба амали айбдоршаванда чӣ гуна баҳо медиҳанд.

Аз ин саволҳо муфаттиш метавонад ба осонӣ муҳимтаринашро интихоб кунад, ки онҳо барои таҳияи нақшаи пурсишҳои мушаххас кумак мекунанд. Дар мавриди пурсиши ҷабрдидаи зиндамонда, саволҳои ба ӯ додашуда бояд нисбат ба шоҳид мушаххастар тартиб дода шаванд. Инҳо, пеш аз ҳама, саволҳо дар бораи ангезаҳои худкушӣ, дар бораи он ки кӣ ӯро таҳқир кардааст, ба муносибати бераҳмона роҳ додааст, ин ҳолат то чӣ андоза ва бо кадом роҳ зоҳир шудааст, кӣ шоҳиди ин ҳолатҳо буд, ба ӯ чӣ гуна кумак расонида шудааст, чаро муноқиша бо роҳи дигар ҳал нашудааст, метавонист ба ҷони худ қасд накунад, акнун амалҳои худро чӣ гуна баҳо медиҳад. Аз ҷабрдида бояд пурсид, ки оё айбдоршаванда аз вазъияти ҳаёташ хабардор

буд ва агар хабардор буд, бо кӣ ва дар бораи чӣ гуна масъалаҳо суҳбат кардааст? Дар баробари ин, муфаттиш дарк мекунад, ки фарзияҳои эҳтимолии айбдоршавандаро бояд санҷид, шояд ӯ гумон карда наметавонист, ки кирдораш боиси эҳсоси таҳқир, пастзанӣ гардида, оқибат боиси худкушӣ мешавад. Ҷабрдида метавонад шоҳидонеро номбар кунад, ки тасдиқ мекунанд, ки айбдоршаванда огоҳӣ аз эҳсосоти ҷабрдида дошт.

Ҷабрдидаи зиндамонда дар ҳолати равонӣ ва ҷисмонии сахт қарор дорад, зеро ба ҷузъ аз таъсири зӯроварии равонӣ ё ҷисмонӣ, ки эҳтимолан боиси қасди худкушӣ шудааст, ӯ осеби шадиди равонӣ ҳам гирифтааст, ки дар натиҷа ба худкушӣ даст назадааст. Вақте ки шахс пас аз буғӣ шудани гардиши хунаш, ки ба кори мағзи сар зарар мерасонад, ба худаш осеби ҷисмонӣ мерасонад, ӯ дар ҳолати маъзаратҷӯӣ ва мушкилоти равонӣ қарор мегирад, ки метавонад боиси таҳқир ва эҳсосоти муташанниҷ гардад. Масалан, ҳамчун ҷабрдида моҳиятан нисбати парвандаи ҷиноятӣ чунин нишондод медиҳам, ки ба ман пеш аз пурсиш ҳуқуқҳоямро ҳамчун шоҳид фаҳмонида додаанд ва ман ба хизмати ҳимоятгар муҳтоҷ нестам. Забони тоҷикиро медонам, мефаҳмам, ба хизмати тарҷумон муҳтоҷ нестам.

Дорои бемориҳои руҳӣ ва наркологӣ намебошам ва дар қайди беморхона намеистам. Нишондодамро бо забони тоҷикӣ дода метавонам.

Оиди ҳолати кор чунин гуфта метавонам, ки ман соли 2011 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе хатм намуда, санаи 08 марти соли 2015 бо шаҳрванд Н.А.Н. оиладор шуда, бо тариқи дини мусулмонӣ никоҳ намуда, никоҳамонро дар САҲШ-и шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтем. Аз зиндагонии якҷояамон соҳиби 2 фарзанд (М. соли таваллудаш 28.07.2018 ва С. соли таваллудаш 02.10.2019) гардидаем. Пас аз тӯйи арӯсию домодиамон ман бо шавҳарам Н.А.Н. дар манзили истиқоматии хусуру хушдоманам, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, хонаи 68 зиндагонӣ намудем. Зиндагониамон бо шавҳарам Н.А.Н. аз аввал хуб набуд, зеро доимо бо ман

ҷангу ҷанҷол намуда, манро мавриди лату кӯб қарор медод. Ман тахминан моҳи августи соли 2015 бинобар сабаби мавриди лату кӯб қарор гирифтанам аз ҷониби шавҳарам Н.А.Н. қаҳр карда, ба манзили истиқоматии падару модарам рафтам ва аз сабаби асабонии зиёд бо мақсади даст ба худкушӣ задан аз қуттии доруворихоӣ манзили истиқоматиамон тахминан 20-25 дона доруворихоӣ гуногунро гирифта, истеъмол намудам, ки дар натиҷа баданам заҳролуд шуд. Маро падару модарам зуд ба беморхона оварданд, ки дар беморхона дарҳол баданамро шуста, худи ҳамон рӯз аз беморхона ҷавоб доданд ва боз маро падару модарам ба манзили истиқоматии худашон бурданд [198].

Дар чунин ҳолат, пурсиши ҷабрдида метавонад ба вазъи равонии ӯ осеб расонад ва эҳтимолан ба кӯшиши дуюми худкушӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, машварат бо равоншинос барои муайян кардани вақти дурусти пурсиши бемор муҳим аст (дар парванда бояд шаҳодатномаи табиб дар бораи вазъи саломатии ҷабрдида шомил карда шавад). Муфаттиш бояд масъулияти бештаре дошта бошад, зеро ҷабрдидагон аксар вақт аз ҷониби ҷинояткорон ва хешовандони худ таҳти муолиҷаи равонӣ қарор мегиранд ва дар натиҷа ё гувоҳӣ намедиҳанд ё онро тағйир медиҳанд. Ғайр аз ин, бо вуҷуди муолиҷаи тиббӣ, ҷабрдидагон дар натиҷаи осебҳои ҷисмонӣ ва равонии хеле шадид баъзан ҳалок мешаванд.

Барои ҳимояи ҷабрдида ва бо мақсади ҳифзи шаффофияти ҷараёни пурсиш, ҳамаи пурсишҳо бояд дар тасвири аудио ва видео сабт шаванд. Ин амал кумак мекунад, ки пурсиши шахс дар ҳолати вазнин боэҳтиёт ва дар шакли муфассал сурат бигирад ва дар протоколҳо кӯтоҳ ва дақиқ сабт шавад, то бемор хаста нашавад. Дар аксар мавридҳо, мутахассиси соҳаи тиб имзо мегузорад, ки дар пурсиш иштирок кардааст.

Дар ҳамаи ҳолатҳо, принсипи асосии пурсиш ин аст, ки ҷабрдида бояд дар ҳолати зинда будан пурсиш карда шавад. Таҷрибаҳои судӣ ва таҳқиқоти тиббӣ барои равшан кардани ҷанбаҳои баҳсталаби ин ҷараён кумак мерасонанд.

Ба таври мисол, дар асоси парвандаи ба хукушӣ расондани шаҳрванд Д.Р. (миллаташ тоҷик, соли таваллудаш 1994, оиладор, соҳиби 2 фарзанд), бо олоти халандаю бурранда даст ба худкушӣ задааст. Аз ӯ пурсиданд, ки мақсади даст ба худкушӣ задани ӯ дар чист? Дар ҷавоб ӯ посух додааст, ки сабаби даст ба худкушӣ задани ӯ муносибати дағалонаи шавҳараш нисбат ба ӯ мебошад. Зеро шавҳараш доимо ӯро дашномҳои қабеҳ дода, шаъну шарафи ӯро дар назди хонаводаашон паст мезадааст ва ҳатто ҳамчун зани сабукпой ном мегирифтааст. Дар идомаи суханҳояш ӯ қайд намуд, ки амма ва холаи шавҳараш доимо муносибати оилавии ӯро бо шавҳараш бад мекардаанд ва пас аз ин шавҳараш ӯро зери лату кӯб қарор дода, дар назди онҳо дашному ҳақорат, шаъну шарафи ӯро дар назди онҳо паст мезадааст. Дар муддати 10 соли зиндагониашон шавҳараш беш аз 10 маротиба бо роҳи муомилаи бераҳмона ва пастзании шаъну шарафаш бо ӯ ҷангу ҷанҷол кардааст. Ба ӯ савол дода шуд, ки оё ӯ медонист, ки буридани рагҳои даст бо олоти халандаю буранда шахсро ба ҳалокат мерасонад. Ӯ посух дод, ки агар шахс дастонашро бибурад, пас аз хунравии зиёд метавонад, ба ҳалокат бирасад [204]. Мақсади ӯ низ даст ба худкушӣ задан буд ва инро ӯ хуб дарк менамуд. Бинобар ин, пурсиши ин навъи шоҳидон (бо эҳтимолияти баланд) бо додани маълумоти бардурӯғ (барқасдона таҳриф кардани маълумот дар бораи ҳолатҳои куштор) ба муфаттиш мебошад.

Аз ин рӯ, гувоҳии онҳо бояд мавриди таҳлил ва санҷиши ҳамаҷониба ва пурра қарор дода шавад, то дараҷаи эътимоднокии он муайян карда шавад. Таснифи гувоҳии бардурӯғро ба таври зайл меорем: 1) гувоҳие, ки комилан воқеият надорад; 2) гувоҳии қисман дорои маълумоти бардурӯғ, ки дар он ҳақиқатро баён накардаанд ва ё аз худ ба он маълумоти бардурӯғ ворид кардаанд; 3) дурӯғи ноаён, пинҳон доштани ҳолатҳои инфиродӣ. Хомӯшӣ як намуди душвори ошкор кардани дурӯғ аст, зеро пинҳон кардани маълумот аз таҳрифи он осонтар аст. Дар ин раванд мушкилие ба амал намеояд, ҳангоми

дурӯғ гуфтан далеловарӣ мушкил буда, асос надоштани сухан ошкор мешавад [98, с. 278].

Илова бар ин – шоҳид метавонад бигӯяд, ки инро намедонист ё онро фаромӯш кардааст ва ё ният дошт, ки баъдтар инро хабар диҳад. Намудҳои якум ва дуюми нишондодҳои бардурӯғи шоҳидон тавассути таҳлили онҳо, алоқамандӣ бо ҳолатҳои қаблӣ дар парванда муқаррар шуда ва истифодаи усули хоси пурсиш муайян карда мешаванд. Ба муфаттиш лозим аст, ки аз чунин шоҳидон дар бораи тамоми ҳолатҳои куштор муфассал пурсиш гузаронида, маълумоти дақиқро ба даст орад. Аз онҳо фарзияи худкуширо батафсил пурсад. Агар он ба миқдори зиёди далелҳои дар парванда муқарраршуда мувофиқат накунад, дурустии нишондодҳои шоҳид зери шубҳа гузошта шуда, нисбати ӯ ҳолати иштирок дар куштор пешниҳод карда мешавад [73, с. 168]. Муфаттиш набояд фавран (бевосита ё бавосита (бо оҳанги махсус ва ғ.) ба шоҳид дар бораи мавҷуд будани тахминҳо дар бораи иштироки ӯ дар куштор хабар диҳад, чунки ин боиси худдории шоҳид мегардад (ӯ дар баёноташ боэҳтиёттар мешавад, аз муҳокимаи масъалаҳо, ки бо муфаттиш ба миён омадааст ва ғ. худдорӣ мекунад) ё шоҳиди бовиҷдонро руҳафтода мекунад. Дар натиҷа дар тафтиш ва пурсиши ҳолатҳои содиршуда мушкилӣ ба миён омада, робитаи равониро (психологиро) душвор мегардонад. Инчунин, муфаттиш ҳангоми пурсиши шоҳидон бояд ба онҳо дар бораи куштори тафтишшаванда маълумот диҳад, ки ин омил боиси ташаккули андешаронииҳои шоҳиди поквиҷдон гардад ва шоҳиди беинсоф метавонад онро ба манфиати худ истифода барад.

Аммо пурсиш метавонад барои муайян кардани шахсияти амали худкушӣ ва таҳқиқи он кумаки ҷиддӣ расонад, ки дар ин маврид шаҳодати иштирокчиёни ҳодиса басо муҳим арзёбӣ мешавад. Муфаттиш дар бораи шаҳрвандоне, ки чунин маълумот доранд (ба таври оперативӣ ё ҳангоми пурсиши шоҳидон муқаррар шудааст) маълумот гирифта, пурсишро дар ҳолатҳои зерин мегузаронад: кадом маълумот, дар бораи куштор, кай,

маълумотро аз кӣ гирифта буд, чӣ тавр ба ин шахс маълум шуд ва боз киҳо он ҷой ҳозир буданд. Пас аз он, шоҳиди нав ошкоршударо пурсиш бояд кард.

Афзалият ва сифати пурсиши шоҳидон дар парвандаҳои худкушӣ асосан ба тадбирҳои андешидашуда ва тайёрии ҳамаҷониба вобаста аст. Муҳимтарин ҷанбаҳои раванди пурсиш:

1. Таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷониба маводи парванда, ки дар лаҳзаи пурсиш мавҷуд аст.

2. Муайян кардани мақсад, предмет ва вазифаҳои пурсиш.

3. Тартиби пурсиш: муайян кардани вақт ва ҷойи пурсиш, тарзи даъват кардани шоҳидон ва агар шоҳидон зиёдатӣ бошанд, тартиби пурсиш.

4. Омӯзиши шахсияти шоҳид: шоҳидон бояд мавриди таҳлил қарор гиранд, то ки муфаттиш аниқ ва дуруст тасаввур кунад, ки чи гуна маълумотро метавон ба даст овард.

5. Омодагӣ ба пешниҳод кардани далелҳои шайъӣ ва дигар далелҳо, ки дар рафти пурсиш метавонанд, истифода шаванд.

6. Даъвати мутахассис (масалан, равоншинос (психолог) барои пурсиши шоҳидони ноболиғ).

7. Гирифтани маслиҳат аз мутахассис (дар ҳолати зарурӣ).

8. Омодагӣ ба истифодаи воситаҳои техникӣ: барои сабти пурсиш тавассути асбобҳои сабти овоз ё видео.

9. Ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор барои истифодаи маълумоти оперативӣ, агар зарурат бошад.

10. Интихоб кардани усулҳои таъсирбахш барои шоҳидони алоҳида.

Тартиб додани нақшаи хаттии пурсиш, агар зарур бошад [89, с. 46; 70, с. 126]. Илова бар ин, муҳокимаи эҳтимолии ҳолатҳои куштор байни шоҳидон дар маконҳои умумӣ (масалан, дар бинои шуъбаи тафтишот ё таваққуфгоҳ) бояд пешгирӣ карда шавад, зеро ин метавонад ба сифати нишондодҳо таъсири манфӣ расонад. Муфаттиш ҳақ дорад ба қароре ояд, ки пурсиш дар куҷо ва кай гузаронида шавад ва ин бояд бо тарзи тактикӣ ва объективӣ асос ёбад, ба мисли синну сол, беморӣ ё дурии ҷойи истиқомат.

Барои пурсиши шоҳидон омӯзиши шахсияти онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Муфаттиш бояд ҳамаи хислатҳои инфиродии шоҳидро, махсусан дар мавридҳое, ки шоҳид метавонад гувоҳии бардурӯғ диҳад, муайян кунад. Ба назар гирифтан ё омӯхтани шахсияти шоҳидон дар парвандаҳои куштор бояд бодиққат ва дақиқӣ анҷом дода шавад, зеро нишондоди онҳо барои натиҷаҳои тафтишот муҳим аст. Аммо дар амал муфаттишон наметавонанд шахсияти ҳамаи шоҳидонро пеш аз пурсиш пурра таҳлил намоянд. Ин дар натиҷаи баррасии якчанд парвандаҳои ҷиноятӣ ва муҳити густардаи шоҳидон аст. Аз ин рӯ, муфаттиш аксар вақт танҳо дар рафти пурсиш маълумоти бештар дар бораи хислатҳои инфиродии шоҳидонро ба даст меорад, ки ин ба сифати нишондод ва самаранокии тафтишот таъсир мерасонад [23, с. 97; 89, с. 48].

Дар даврони муосир технология босуръат рушд менамояд. Шабакаи Интернет низ дар пешгирӣ ва содир намудани ҷиноятҳо нақши муҳим дорад, ҳоло мо метавонем дар бораи ҷинояткорон тавассути ин шабакаи ҷаҳонӣ маълумоти дақиқ дастрас намоем. Дар баррасии ҷинояти мавриди назар то андозае муфаттиш метавонад бо истифода аз маълумоти мавҷуда дар Шабакаи Интернет таъсири манфии ин ҳолатҳоро кам кунад.

Маълумоте, ки дар аккаунтҳои шабакаҳои иҷтимоии Интернет мавҷуд аст, манбаи муҳими объективии маълумот дар бораи шахсияти ҳам гумонбаршудагон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ мебошад [119, с. 89-90]. Муфаттиш, тавассути ҷустуҷӯи маълумот дар манбаъҳои кушодаи интернетӣ, метавонад дар бораи шахсияти шоҳид маълумоти дақиқ ва пурра ба даст орад. Ин маълумот вобаста ба раванди чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тадбирҳои ташкилию тайёрӣ бояд сари вақт ва бодиққат истифода шаванд. Ба ҳамин тариқ, дар марҳилаи ибтидоии тафтишот, махсусан дар парвандаҳои куштор, пайдо кардани маълумот дар бораи шахсияти шоҳидон барои пурсиш муҳим аст ва манбаъҳои кушодаи интернетӣ як имконияти арзишманд барои ин кор пешниҳод мекунанд. Дар

тамоми воҳидҳои тафтишӣ, механизми дуруст ва муназзами ҷустуҷӯи чунин маълумот бояд амал кунад [165, с. 3-4].

Омӯзиши маводи парванда ҳангоми пурсиш аз муфаттиш талаб мекунад, ки қарору санадҳо, баёнот ва тавзеҳоти мавҷударо бодиққат омӯзад, маълумоти воқеии мавҷударо таҳлил ва баҳогузорӣ намояд, мавзуи пурсишро муайян намояд (маҷмуи парванда, ҳолат ва далелҳо бояд мушаххас карда шаванд) [41, с. 441]. Мушаххас набудани вазифаҳое, ки муфаттиш дар назди худ мегузорад, боиси бесамарӣ дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ мегардад [100, с. 246]. Маълумоти мукаммали муфаттиш оид ба маводи парванда, озодона нишон додани тафсилоти ҳодисаҳо шоҳидро водор месозад, масъулиятшинос бошанд, зеро ки муфаттиш аллакай дар бораи парванда маълумоти мукаммал дорад.

Дар ин раванди ҳуқуқӣ саволгузорӣ ва мазмуну муҳтавои саволҳо низ мавқеи муҳимро касб менамояд. Барои хуб сурат гирифтани ин раванди ҳуқуқӣ зарурати тайёрии пешакии муфаттиш пеш меояд. Тайёрӣ ба пурсиши шоҳид бо тартиб додани нақшаи пурсишҳои хаттӣ бо зикри ҳатмии ҳолатҳои муқарраршаванда ва пайдарҳамии фаҳмонидани саволҳои ба шоҳид додашаванда анҷом дода мешавад.

Яке аз роҳҳои маъмултарини гирифтани маълумот аз ҷабрдида дар парвандаи ҷиноятӣ ин пурсиш аст. Зери мафҳуми пурсиш меъёрҳои танзимшудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ фаҳмида мешавад, ки он барои ба даст овардани маълумоти дахлдори парванда аз шахси пурсидашаванда равона мегардад.

Дар ҳамин замина, шахси пурсидашаванда муваззаф аст, ки танҳо ба саволҳои ба ӯ пешниҳодшуда ҷавоб диҳад ва дар бораи ҳолатҳое шаҳодат диҳад, ки ба таври бевосита дар онҳо иштирок кардааст ё маълумотро аз шахсони сеюм ба даст овардааст.

Дар доираи баррасии хусусиятҳои тафтиши парвандаҳои ба худкушӣ расондан метавон қайд кард, ки ҳамчун шоҳидон метавонанд шахсони гумонбаршуда (айбдоршаванда) ва инчунин худи ҷабрдида, агар вай пас аз

кӯшиши худкушӣ зинда монда бошад, ҷалб карда шаванд. Дар ин бахши рисола мо баъзе хусусиятҳои пурсиши ҷабрдидаро дар парвандаҳои бо мақсади ба худкушӣ расондан баррасӣ намудаем.

Муҳиммияти шаҳодати ҷабрдидаи зиндамонда аз он вобаста аст, ки ӯ маълумотеро медонад, ки дигар ягон субъекти ҷиноят ҳаққи гирифтани онро надорад.

Хусусиятҳои муҳимми пурсиши ҷабрдидаро дар ҳолатҳои ба худкушӣ расондан баррасӣ намудан ба манфиати кор аст. Дар ин маврид саволҳое, ки ба ҷабрдида дода мешаванд, бояд возеҳ ва мушаххас тартиб дода шаванд. Пеш аз ҳама, муфаттиш бояд ҳолатҳои зеринро муайян кунад:

1) сабабҳои худкушӣ;

2) субъектҳои зӯроварии ҷисмонӣ ва (ё) руҳӣ болои ҷабрдида;

3) чанд маротиба, дар кадом ҷой ин зуҳурот амалӣ гардидааст;

4) кӣ шоҳиди ин далелҳо буд;

5) ба ҷабрдида чӣ гуна кумак расонида шуд ва чаро ин ба ӯ ёрӣ нарасонид;

6) чаро ҷабрдида низоъро бо роҳи дигар ҳал карда натавонист, худкушӣ ба ҷони худ кард;

7) муносибати чабрдида ба кирдори содиршуда;

8) оё ҷабрдида қаблан қасди худкушӣ карда буд ва сабаби он дар чӣ буд;

9) ҷабрдида дар бораи қасди худкушӣ ба касе хабар додааст, агар ин тавр бошад, ба кӣ ва дар кадом ҳолат;

10) шахси пурсидашаванда симои шахсеро, ки ба суиқасд ба худкушӣ айбдор мешавад, чӣ гуна тасвир мекунад, бо ӯ то содиршавии амали ғайриқонунӣ чӣ гуна муносибат дошт ва пас аз содир кардани ҷиноят бо ӯ чӣ гуна муносибат мекунад.

Инчунин, аз ҷабрдида пурсидан лозим аст, ки оё айбдоршаванда аз эҳсосоти ӯ огоҳ аст ё не? Агар ба ин савол ҷавоб мусбат бошад, муайян бояд кард, ки айбдоршаванда ба азобу уқубати ҷабрдида чӣ гуна муносибат кардааст, оё ӯ дар ин бора чизе гуфтааст ё не ва барои сабук кардани азоби

ҷабрдида ягон чорае дидааст. Ҷавоб ба ин саволҳо ба мо имкон медиҳад, ки фарзияеро, ки тибқи он айбдоршаванда тасаввур карда наметавонист, ки амали ӯ боиси пайдоиши эҳсоси таҳқири тамасхур гардида, сабаби худкушӣ мешавад, тасдиқ ё инкор намоем. Ғайр аз ин, ҷабрдида метавонад шоҳидонеро номбар кунад, ки тасдиқ мекунанд, ки айбдоршаванда дар бораи ҳиссиёти ҷабрдида медонист.

Бояд аҳаммият дод, ки вобаста ба усули худкушӣ баъзе хусусиятҳои пурсиши ҷабрдидае, ки зинда мондааст, вуҷуд дорад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми пурсиши ҷабрдида, ки қасди худкушӣ карданро бо роҳи заҳролудшавӣ бо миқдори зиёди маводи мухаддир кардааст, ба ғайр аз ҳолатҳои умумӣ чунин омилҳо низ пайдо мешаванд: чаро ҷабрдида ин усули мушаххаси худкуширо интихоб кардааст, маводи мухаддирро аз куҷо гирифтааст, чӣ гуна ва ба кадом миқдор, онҳо ба чӣ монанд буданд, ҷабрдида медонад, ки ин маводи доруворӣ барои чӣ таъин шудаанд [18, с. 45]?

Ҳангоми пурсиши ҷабрдида, ки ба дор кашиданро ҳамчун усули худкушӣ интихоб кардааст, ҳолатҳои зерин бояд ошкор карда шаванд:

– арғамчинро аз куҷо гирифтааст (ё дигар ашёи мувофиқ, масалан, ресмон), он чӣ гуна буд, дарозии он чӣ қадар буд, маҳз дар куҷо ва бо кадом роҳ барои худкушӣ ресмон бастааст, инчунин дар атрофи худ киро мушоҳида мекард, кӣ ба суиқасд монеа шудааст ва бо ҷабрдида пас аз суиқасд чӣ ҳолат рух дод.

Ҳангоми баррасии хусусиятҳои пурсиши ҷабрдида дар мавриди ба худкушӣ расондан аз муфаттиш талаб карда мешавад, ки дар ташкил ва гузаронидани пурсиши ҷабрдида бештар масъулиятшинос бошад, зеро ба ҷабрдидагон аксаран ҷинояткорон ва хешу табори онҳо таъсир мегузоранд, дар ин асос аз додани нишондод даст мекашанд ё онро тағйир медиҳанд. Ҳамчунин, ҳолатҳои марги ҷабрдида аз ҷароҳатҳои гирифташуда, новобаста аз расонидани ёрии тиббӣ низ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, пурсиши ҷабрдида бояд

дар қатори аввалин амалиёти тафтишӣ сурат гирад. Илова бар ин, сабти садо ё видеоии нишондодҳои ҷабрдида муҳим мебошад.

Омилҳои марги эҳтимолии ҷабрдида ва муддати кӯтоҳи пурсиш ба ҳамдигар вобаста мебошанд. Пурсиш бояд дар ҳадди имкон кӯтоҳ ва ба таври дақиқ сабт карда шавад, то ҷабрдида хаста нашавад. Дар чунин ҳолат, ба мақсад мувофиқ аст, ки корманди соҳаи тиб дар пурсиш иштирок кунад, то аҳволи ҷабрдидаро назорат намуда, дар сурати зарурӣ ёрии тиббӣ расонад.

Ҳангоми баррасии ҳолатҳои худкушӣ, бояд дар назар дошт, ки ҷабрдида, махсусан агар ноболиғ бошад ва пас аз кӯшиши худкушӣ зинда монда бошад, одатан дар ҳолати вазнин қарор дорад. Ӯ метавонад аз осебҳои равонӣ ва ҷисмонӣ, ки боиси кӯшиши худкушӣ шудааст, боқӣ монда бошад. Пас аз кӯшиши худкушӣ, хусусан агар натиҷа надиҳад, ҳолати равонии ҷабрдида метавонад сахттар шавад ва ӯ эҳсос кунад, ки таъминоти хун ба майна халал ворид мекунад.

Пурсиш дар чунин ҳолат метавонад ба ӯ осеб расонад ва ба пайдоиши кӯшишҳои дуюмии худкушӣ мусоидат намояд. Аз ин рӯ, машварат бо равоншинос ва гузаронидани пурсиш дар вақти мувофиқ муфид аст.

Ҳангоми пурсиш на танҳо маълумоти шахсӣ, балки маълумоти бештар дар бораи муҳити зист, дӯстон, шароити зиндагӣ ва дигар омилҳои муҳимми равонӣ бояд ҷамъоварӣ шаванд, ки барои барқарор кардани робитаи равонӣ ва шоҳидӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Муфаттиш бояд пеш аз пурсиш ҳуқуқи ҷабрдидаро барои даст кашидан аз додани нишондодҳо ё огоҳии ӯ дар бораи масъулиятҳои ҷиноятӣ шарҳ диҳад.

Агар муфаттиш қарор диҳад, ки пурсишро аз марҳилаи аввал оғоз кунад, ӯ бояд ҳама маълумоти заруриро аз шахси пурсидашаванда бо ташаббуси худ ҷамъоварӣ кунад ва пас аз он бо саволҳои мушаххас кумак кунад. Муфаттиш бояд кӯшиш кунад, ки бо ҷабрдида муносибати эътимоднок ва равонӣ дошта бошад, барои ин усулҳои гуногунро истифода барад, ки ба муайян кардани маълумоти дуруст мусоидат мекунанд.

Дар ҷараёни пурсиш, шоҳидон метавонанд ҳолатҳои мунокишавӣ нишон диҳанд, ки шахси пурсидашаванда шояд ба далели тарс ё шарм аз шиканҷакунандагон ё хешовандон, ё эҳсоси шарм барои кӯшиши худкушӣ, гувоҳӣ надиҳад ё онро бардурӯғ диҳад. Дар чунин ҳолатҳо, муфаттиш бояд сабабҳои рафтори ҷабрдида ва чораҳои муносибро бартараф кунад, ки яке аз онҳо метавонад истифодаи маъзарат ва корҳои дармонбахшии равонии мувофиқ бошад.

Пурсиши ҷабрдидаҳои ноболиғ, ки дар асоси синну сол, сатҳи дониш, хусусиятҳои равонӣ ва ҳолати эмотсионалӣ хосиятҳои махсус доранд, метавонанд мушкилоти ҷиддие ба миён оранд, чунки онҳо аксар вақт ҳолатҳое, ки дар бораи онҳо бояд гувоҳӣ диҳанд, нодуруст дарк мекунанд. Аз ин рӯ, саволҳое, ки ба ҷабрдидаи ноболиғ дода мешаванд, бояд то ҳадди имкон, бо мақсади осон кардани фаҳмиши савол ва ё маълумоти талабшуда, фаҳмо ва дақиқ бошанд.

Пурсиши ноболиғон бояд дар муҳити ба онҳо мувофиқ сурат гирад, масалан, дар хона, мактаб ё дигар ҷойҳое, ки барои онҳо маъмулӣ мебошанд. Ин гуна муҳит метавонад барои осон кардани раванди пурсиш ва беҳтар кардани муносибати равонӣ бо ҷабрдида кумак расонад.

Ҳангоми пурсиш, диққат ба ҳолати эмотсионалии ноболиғ аҳаммияти калон дорад. Муҳим он аст, ки муфаттиш ба эҳсосоти ӯ эътибор диҳад, зеро ӯ метавонад аз як шахс ё як ҳолат хашмгин ё тарс дошта бошад. Ба ҳар ҳол, муҳим аст, ки муфаттиш кӯшиш кунад, ки сабаби эҳсосоти манфии ноболиғро фаҳмад ва дар сурати зарурӣ ба бартараф кардани он иқдом гирад. Баъзан, ноболиғон метавонанд ба сабаби ангезаҳои эмотсионалӣ аз додани гувоҳӣ худдорӣ кунанд, ё ҳатто далелҳои воқеӣ ё муҳиме, ки барои пурсиш муҳим мебошанд, сарфи назар намоянд. Дар ин ҳолат, муфаттиш бояд бо хислатҳои сабр ва таҳаммули худ рафтори манфии шоҳидро бартараф кунад.

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки гувоҳӣ додани ҷабрдидаи зиндамонда дар парвандаҳои кӯшиши худкушӣ яке аз муҳимтарин ва таъсирбахштарин далелҳои ҷиноятӣ мебошад, ки метавонад барои фаҳмидани моҳияти ҳолат ва аниқ кардани ҷузъиёти амали ҷиноятӣ аҳаммияти калон дошта бошад.

Ҳангоми ташкили пурсишҳои ҷабрдида дар мавриди баррасии парвандаҳои мансуб ба амали ба худкушӣ расондан ба ҳар як ҷабрдида вобаста ба синну сол, ҳолати ҷисмонӣ ва равонии ӯ муносибати заруриро бояд ба роҳ гузошт. Вобаста ба вазнинии осеби расонидашуда пурсиши ҷабрдидаи ҳодисаи мазкур ҳар чӣ зудтар бояд анҷом дода шавад ва дар ин маврид муфаттиш вазифадор аст, ки нисбат ба ҷабрдида сабру таҳаммулро пеша намуда, дараҷаи баланди касбӣ нишон диҳад.

Дар охир ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

Тактикаи пурсиш дар ҳолатҳои худкушӣ муносибати махсусро талаб мекунад, ки касбият, ҳассосият ва таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои равониро муттаҳид мекунад. Муфаттишон бояд на танҳо барои ҷамъоварӣ кардани далелҳо, балки инчунин тавонанд бо эҳсосот ва ҳолати ҷабрдидагон ва шоҳидон кор кунанд, то зарари иловагӣ нарасонанд.

Истифодаи равишҳои махсуси равоншиносӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром ба таҷрибаи шахсӣ ва ҳамкорӣ бо равоншиносон ва коршиносон ҳама ба пурсишҳои беҳтар мусоидат мекунанд, ки барои таҳқиқи дурусти ҳодисаҳои худкушӣ ва нигоҳ доштани эътимод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳим аст.

Такмили тактикаи пурсиши ҷабрдидагон ва шоҳидон дар ҳолатҳои худкушӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои чунин ҳолатҳоро талаб мекунад, ки дар он на танҳо ҷамъоварии маълумот, балки ҳолати эмотсионалӣ муҳим аст, зеро иштирокчиёни ин раванд метавонад ба фишори равонӣ дучор шаванд:

1. Истифодаи усули шунавоии фаъол.

Ҳангоми мусоҳиба бо шоҳидон ва ҷабрдидагон, махсусан дар ҳолатҳои худкушӣ бояд ба усулҳои фаъоли гӯшкунӣ диққати махсус дода шавад. Ин

имкон медиҳад, ки на танҳо дарк кард, ки чӣ рӯй дода истодааст, балки инчунин барои барқарор кардани муносибатҳои боэътимод, ки барои гирифтани тасвири пурраи ҳодиса муҳим аст. Саволҳо бояд кушода ва нарм бошанд, бо таваҷҷуҳ ба эҳсосот ва таҷрибаи иштирокчиён. Ин метавонад ба шоҳидон кумак кунад, ки бе эҳсоси фишор кушода шаванд.

2. Таъмини дастгирии равонӣ (психологӣ).

Барои пешгирии осеби эҳтимолии дуюмдараҷа, таъмин намудани дастрасии шоҳидон ва ҷабрдидагон ба дастгирии равонӣ пеш аз пурсиш ва баъд аз пурсиш муҳим аст. Тавсия дода мешавад, ки равоншиносон (психологҳо) ҷалб карда шаванд, хусусан агар пурсиш ба мавзуъҳои шахсӣ ё дардовар дахл дошта бошад.

3. Арзёбии ҳолати шоҳидон ва ҷабрдидагон.

Пеш аз пурсиш баҳодиҳии ҳолати равонии шоҳидон ва ҷабрдидагон муҳим аст, то оқибатҳои номатлуб аз фишори аз ҳад зиёд ё фишори равонию эмотсионалӣ пешгирӣ карда шавад. Дар баъзе мавридҳо, пурсишро бо кумаки равоншинос барои коҳиш додани ҳолати стрессӣ ва беҳтар кардани сифати қабули иттилоот гузаронидан мумкин аст.

4. Ҳангоми пурсиш бояд хусусиятҳои фарҳангӣ, динӣ ва шахсии шоҳидон ва ҷабрдида ба инобат гирифта шаванд. Масалан, дар баъзе фарҳангҳо, саволҳо дар бораи худкушӣ метавонанд хеле ҳассос қабул карда шаванд ва ба чунин одамон бояд бо ҳассосияти махсус муносибат кард.

Барои кам кардани сарбории равонии шоҳидон ва ҷабрдида пурсишро метавон ба чанд марҳила тақсим кард. Ин омил инчунин ба таъсиси пайдарпайии дақиқтар ва мантиқии рӯйдодҳо кумак мекунад, ки он дорои марҳилаҳост:

• Марҳилаи 1: Пурсиши аввал. Саволҳои умумӣ дода мешаванд: шоҳидон ё ҷабрдида аз ҳодиса чӣ гуна хабар ёфтанд, дар ин лаҳза худро чӣ гуна ҳис мекарданд.

• Марҳилаи 2: Саволҳои иловагӣ. Пас аз муътадилтар шудани ҳолати эмотсионалӣ, мумкин аст ба ҷузъиёти ҳодиса гузашта шавад: он чизе, ки

бевосита пеш аз ҳодиса рӯй дод, кадом нишонаҳо аз эҳтимолияти худкушӣ шаҳодат медиҳанд.

• Марҳилаи 3: Пурсиши ниҳоӣ. Пас аз мусоҳибаи асосӣ, барои равшан кардани ҳама гуна нуктаҳои норавшан ё саволҳои наве, ки дар рафти тафтишот ба миён омадаанд, пурсишномаи ниҳоӣ гузаронидан мумкин аст.

Ҷанбаи хеле муҳим ин таҳлили рафтори ғайришифоҳии шоҳидон ва ҷабрдидагон мебошад. Дар ҳолатҳои худкушӣ ҳолати равонии иштирокчиён аксар вақт на танҳо дар сухан, балки дар ҳолати берунаи онҳо низ зоҳир мешавад. Масалан, изтироб, нороҳатӣ ва номуайянӣ метавонанд дар бадан, ифодаи чеҳра ва имову ишора зоҳир шаванд. Дуруст тафсир кардани аломатҳои ғайривербалӣ ба муфаттиш имкон медиҳад, ки дарк намояд, ки шахс вазъиятро чӣ гуна қабул мекунад, ҳатто агар ӯ эҳсосоти худро бо сухан ифода карда натавонад.

# БОБИ 3. АСОСҲОИ КРИМИНАЛИСТИКИИ ТАЪИН ВА ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАҲОИ СУДӢ-КРИМИНАЛИСТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАФТИШИ БА ХУДКУШӢ РАСОНДАН

## 3.1. Аҳаммияти таъин ва истифодаи донишҳои махсус дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан

Экспертизаи судии криминалистикӣ аз самтҳои муҳимми илми криминалистика мебошад. Аз амалияи ин навъи экспертиза бармеояд, ки роҳандозии ин навъи экспертиза аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сол то сол меафзояд. Аҳаммияти экспертизаи судӣ дар шароити мурофиаи судӣ сабаби омӯзиши татбиқи самараноки натиҷаҳои экспертизаи судӣ дар исботи парвандаҳои ҷиноятӣ гардид. Ҳамзамон, қонунгузории муосир барои таъини экспертизаи судӣ, мақсади он ва истифодаи хулосаи экспертиро дар раванди исбот танзим намуда, норасоиҳои ин бахшро рафъ менамояд.

Экспертизаи судии криминалистикӣ амали мурофиавӣ мебошад, ки аз гузаронидани таҳқиқоти объектҳои муайян аз ҷониби коршиносони соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунар ва додани хулосаҳо оид ба масъалаҳои дар рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ бамиёномада ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун иборат мебошад [45, с. 497].

Дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аксаран масъалаҳое ба миён меоянд, ки ҳалли онҳо донишҳои тиббию биологиро талаб мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо муфаттиш, прокурор ва суд яке аз намудҳои экспертизаи судиро бояд таъин кунанд.

Бояд қайд намуд, ки натиҷаи экспертиза ин хулосаи коршинос дар бораи далелҳо буда, он танҳо аз ҷониби муфаттиш ва ё суд муқаррар карда намешавад [45, с. 497].

Экспертизаи судии криминалистикӣ яке аз муҳимтарин ҷузъҳои мубориза бо ҷинояткорӣ ва таҳкими қонун ва тартибот дар ҷомеа мебошад. Ташаккули он имкон медиҳад, ки дар асоси дастовардҳои навини соҳаи тиб, илм ва техника ҳолати аслии ҷинояткорӣ ошкор карда шавад. Ҳамасола дар

муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ – тиббии вазорату идораҳои гуногун зиёда аз ду миллион ташхиси судӣ гузаронида мешавад.

Экспертизаи судии тиббӣ ҳамчун яке аз намудҳои экспертизаи судӣ таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ мебошад, ки аз ҷониби коршиноси судӣ-тиббӣ бо қарори судя, прокурор, муфаттиш ва ё аз ҷониби шахсе, ки парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар рафти мурофиаи судӣ баамалояндаро баррасӣ менамояд, гузаронида мешавад.

Экспертизаи судии тиббӣ бо фанҳои анатомияи патологӣ, физиология, токсикологияи клиникӣ, акушерӣ ва гинекология, травматология, педиатрия ва ғайра алоқамандии бевосита дорад.

Барои муайян кардани моҳияти экспертизаи судӣ нишон додани аломатҳои асосии он, ки хусусияти дониши махсуси коршиносро инъикос мекунад ва дар ин замина як намуди экспертиза аз дигараш фарқ карда мешавад, муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Ба чунин хусусиятҳо субъект, объектҳо, усулҳои таҳқиқоти экспертӣ дохил мешаванд, ки дар якҷоягӣ баррасӣ шуда, ҳеҷ яке аз ин аломатҳо дар алоҳидагӣ моҳияти экспертизаро инъикос наменамоянд.

Аз ин рӯ, ташхиси судии тиббӣ бо дарназардошти маҷмуи аломатҳои номбаршуда тасниф карда мешавад.

Предмети экспертиза хусусияти муҳимми он ба шумор рафта, он сатҳи дониши мутахассиси соҳаро муайян мекунад. Барои омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳолатҳои парванда дониши махсуси коршинос зарур аст.

Эксперт чунин ҳолатҳоро (далелҳоро) тибқи супориши муфаттиш ва суд муқаррар менамояд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, предмети экспертиза асосан ба дараҷаи касбияти коршиносон алоқамандӣ дорад.

Чунин нишондод хусусияти ҷузъӣ дошта, предмети экспертиза маълумоти воқеист, ки аз тарафи мутахассисон-намояндагони соҳаҳои гуногуни амалии илм ва техника ба даст оварда мешаванд.

Дар баробари ин, дараҷаи дониши махсуси коршиносро хосиятҳои объекти омӯхташаванда ва усулҳое муайян мекунанд, ки барои

бомуваффақият баррасӣ намудани масъалаҳои муҳим истифода мешаванд. Аз ин рӯ, предмети экспертиза муҳим буда, дар алоқамандӣ бо дигар омилҳо онро бояд омӯхт.

Объекти экспертиза сарчашмаи маълумоти дар маводи парванда нишондодашуда ва манбаъҳои иттилоотии пешбининамудаи қонунгузории мурофиавӣ мебошанд. Миёни далелҳои шайъӣ ҳолати воқеии ҷойи ҳодиса, намунаҳо барои таҳқиқи муқоисавӣ, ки ба коршинос фиристода мешаванд, нақши асосиро ишғол мекунанд.

Объектҳои таҳқиқот аксар вақт бо далелҳои предметӣ мувофиқат намекунанд. Худи ҳамон объектҳо – далелҳои шайъӣ метавонанд объекти омӯзиши коршиносони гуногун, яъне якчанд намуди экспертизаи судии тиббӣ бошанд. Бо вуҷуди ин, далелҳои шайъӣ дар муайянсозии навъи экспертизаи судӣ нақши муҳим дошта, тавассути он маълумоти махсус ба даст оварда мешавад. Вобаста ба предмети экспертиза ҳар як коршинос маълумоти мушаххасро меомӯзад ва усулҳои мушаххаси таҳқиқотро ба кор мебарад.

Усулҳои криминалистикӣ, ки дар корҳои илмию амалӣ истифода мебаранд, гуногун буда, онҳо низоми мураккабро дороанд.

Усулҳои умумиилмии экспертизаи судӣ фарогири маҷмуи усулҳо ва қоидаҳо, тавсияҳо оид ба омӯзиши мавзуъҳо ва далелҳои мушаххас мебошанд.

Чунин усулҳо мушоҳида, тасвир, муқоиса, таҷриба, моделсозӣ, равандҳои математикӣ ва ғ. буда метавонанд.

Дар ин ҷода ба ҷузъ аз усулҳои умумии таҳқиқоти илмӣ усулҳои махсуси таҳқиқот низ истифода мешаванд. Баъзе усулҳои экспертизаи судӣ аз илмҳои дигар сарчашма гирифтаанд, вале танҳо барои мақсадҳои криминалистикӣ истифода мешаванд: гузаронидани озмоиши гистологӣ, биохимиявӣ, спектралӣ, фотографӣ ва ғ.

Барои ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ механизми мурофиавии ҷамъоварии далелҳо оид ба парвандаҳои ба худкушӣ расондан муҳим

мебошад.

Таснифи экспертизаҳои судӣ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, он ба мо имкон медиҳад, ки самтҳои таъминоти методӣ ва ташкилии онҳоро муайян кунем. Он бо сабабҳои гуногун амалӣ карда мешавад: хусусияти донишҳои махсус, ҷой ва пайдарпайии гузаронидани он, ҳаҷми таҳқиқот, ҳайати мутахассисон.

Аз рӯйи хусусияти донишҳои махсус, ки дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан экспертиза истифода мешаванд, чор самтро метавон ҷудо кард: 1) синфҳо (намудҳо); 2) таркиб; 3) намуд; 4) гуногунии онҳо (зернамудҳо).

Чунин таснифоти экспертизаи судӣ бо дарназардошти вазифаҳои асосии онҳо аҳаммияти муҳим дорад:

1) барои муайян намудани намуди экспертиза татбиқи онҳо бояд дар муассисаҳои экспертизаи судӣ ташкил карда шавад ва дар ин замина гузаронидани экспертизаҳои нав амалӣ мегардад;

2) он ба таҳияи нақшаҳои кӯтоҳмуддат ва ё дарозмуддати таҳқиқоти илмӣ оид ба таҳияи назария ва методологияи таҳқиқоти экспертӣ мусоидат мекунад;

3) барои тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо мусоидат намуда, салоҳият ва ихтисоси онҳоро пешакӣ муайян мекунад;

4) ба шахсе, ки экспертизаи судиро таъин мекунад, дар интихоби дурусти намуди (навъӣ) экспертиза кумак мерасонад.

Шакли экспертиза фарогири таҳқиқоти экспертӣ буда, он дар заминаи донишҳои мавҷуда ташаккул меёбад ва ҳамчун сарчашмаи ташаккули асосҳои назариявӣ ва методологии экспертизаи судӣ ва объектҳои дар асоси ин дониш омӯхташуда хизмат мекунад.

Аз рӯйи табиати соҳаҳои донишҳои махсус, экспертизаҳои судӣ гуногунанд. Масъалаҳое, ки дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан ба миён меоянд, метавонанд ба ҳамаи соҳаҳои донишҳои махсус дахл дошта бошанд. Аз ин рӯ, онҳо мисли соҳаҳои фаъолияти инсон гуногунанд. Дар

назарияи умумии экспертизаи судӣ онҳоро, одатан ба шакл, гурӯҳ ва намудҳо тақсим мекунанд. Дар байни шаклҳои экспертизаи судӣ чунин намудҳоро метавон номбар кард: криминалистика; ашё ва маводҳои тиббӣ; биологӣ; иқтисодӣ; муҳандисӣ ва ғайра. Ҳар яки онҳо ба мавзуъ, объектҳо ва усулҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд [8, с. 457].

Намудҳои экспертиза дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан аз рӯйи предмет, объектҳо ва аз рӯйи усулҳои таҳқиқоти экспертӣ фарқ мекунанд. Масалан, дар экспертизаи судӣ-техникии санадҳо чунин омилҳо фарқ карда мешаванд: маълумоти умумии санадҳо, экспертизаи умумии маводҳо, муоинаи техникии ҳуҷҷатҳо (моддаҳои рангкунанда, коғазҳо) барои тайёр кардани онҳо истифода мешавад.

Вобаста ба мазмуну мундариҷа дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан намудҳои зерини таҳлили экспертӣ тасниф карда мешаванд:

1) механоскопӣ, ки бо ёрии онҳо дараҷаҳои гуногуни механизми пайдоиши изҳо муқаррар карда мешаванд;

2) тасодуфӣ, муайянкунандаи робитаҳои сабабӣ байни падидаҳо ва равандҳо;

3) ташхис, ки ба омӯзиши хосият ва ҳолатҳои объектҳои экспертизаи судӣ нигаронида шудааст;

4) тасниф, ки имкони баррасии хусусият, пайдоиш, таъинот ва мансубияти объекти экспертизаи криминалистӣ ба ҷинс, намуд, шакл ва ғайраро фароҳам меорад;

5) муайян кардан, ҳал намудани масъалаи мансубияти объектҳои экспертизаи судӣ, ки дар маҳалли ҳодиса мавҷуданд;

6) вобаста ба вазъият, ки ба омӯхтани вазъияти дар парванда бавуҷудомада бо мақсади ба даст овардани маълумот дар бораи ҳолатҳои воқеаи ҷиноятии таҳқиқшаванда нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, коршиносон бо таҳлили вазъи ҷойи ҳодиса ва асбобҳои истифодашаванда, пайдарҳамии амал, вақти сарфшуда барои бартараф

кардани монеаҳоро муайян мекунанд. Ҳангоми гузаронидани ин навъи экспертиза усулҳои дигари таҳлили экспертиро метавон истифода бурд [30, с. 275-276].

Намудҳои зикрёфта дар дараҷаҳои гуногуни рушд қарор доранд. Гурӯҳе аз онҳо даҳсолаҳо боз вуҷуд доранд, қисми дигар нав ба вуҷуд омадаанд; шаклҳои баъдина аз нуқтаи назари инкишофи умумии экспертизаи судӣ баррасӣ карда мешаванд. Дар ин ҷода раванди ташаккули экспертиза ва тағйирот дар онҳоро низ бояд ба инобат гирифт: пайдоиши навъҳо, ба намудҳои мустақил табдил ёфтани навъҳои мавҷуда (масалан, фототехникӣ, видеофонографӣ (видеофоноскопӣ) ва ғ.

Экспертиза ҳамчун шакли мустақили татбиқи донишҳои махсус дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан дорои аломатҳои хос мебошад: а) шакли махсуси мурофиавии таҳқиқот; б) аҳаммияти ҳолати муқарраршуда барои парванда; в) таҳқиқоте, ки аз ҷониби мутахассисони салоҳиятдор гузаронида мешавад; г) додани хулоса ва тартиб додани он.

Гузаронидани экспертиза дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан як қатор амалҳо ва қарорҳои муфаттиш ва судро дар бар мегирад. Ба инҳо дохил мешаванд: қабули қарор дар бораи гузаронидани экспертиза, интихоби муассисаи экспертӣ ва коршинос, интихоби объектҳои таҳқиқотӣ ва маводи муқоисавӣ, робитаи коршинос ва муфаттиш ҳангоми гузаронидани экспертиза, арзёбии эътимоднокии илмӣ ва арзиши далелии экспертизаи гузаронидашуда.

Пас, зарурати экспертиза дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан бояд муайян карда шавад ва муфаттиш лаҳзаи таъини онро дуруст муайян кунад. Ҳангоми иҷрои ин амал бояд ин омилҳо ба инобат гирифта шаванд:

а) айбдоршаванда бояд бо қарори таъини экспертиза ва хулосаи коршинос шинос шавад. Айбдоршаванда ҳуқуқ дорад, ба коршиносон саволҳои иловагӣ диҳад;

б) гирифтани ашё, санадҳо ва маводи барои экспертиза зарурӣ метавонад, ки амали мустақили тафтишотиро талаб намояд;

г) тафтиш ва арзёбии хулосаи коршинос инчунин метавонад бо амалисозии амали иловагии тафтишотӣ алоқаманд бошад [28, с. 58].

Бояд дар хотир дошт, ки унсури муҳимми гузаронидани экспертиза интихоби муассисаи экспертӣ ё коршиносе мебошад, ки таҳқиқот ба онҳо вогузор шудааст.

Салоҳияти мутахассиси ояндаро аз рӯйи маълумот дар бораи таҳсилоти умумӣ ва махсус, таҷрибаи кори илмӣ – таҳқиқотӣ ва фаъолият аз рӯйи ихтисос, мавҷудияти корҳои илмӣ, баррасӣ ва тавсифномаи фаъолияти экспертии ӯ, аттестатсияҳо ва дигар маълумот метавон арзёбӣ кард.

Интихоби муассисаи экспертӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан бо дарназардошти хусусияти масъалаҳои ҳалшаванда ва объектҳои таҳқиқот амалӣ карда мешавад.

Унсури муҳим дар ин ҷода усули муайян кардани объекту вазифаҳо ва доираи таҳқиқот хоҳад буд. Объекти тадқиқот ҳамчун манбаи моддии маълумот дар бораи далелҳои дар парванда муқарраршаванда дониста мешаванд. Қобили зикр аст, ки вазифаҳо ё мавзуи таҳқиқот моҳияти масъалаҳоеро, ки бояд тавассути экспертиза ҳал карда шаванд, тавсиф мекунанд. Дар сурати мавҷуд будани як объект, мавзуи омӯзиш ва вазифаҳои он метавонанд гуногун бошанд.

Ба таври мисол, дар мавриди экспертизаи матни дастнависи ҳисобнома – фактура оид ба иҷрокунанда (шахсияти он бо дарназардошти дастхат), мавҷудияти ислоҳот дар матн, мундариҷаи матн, пайдарпайии пур кардани реквизитҳои алоҳидаи санад ва ғ. саволҳо ба миён меоянд. Ҳаҷм ё предметҳои таҳқиқоти экспертӣ бо доираи объектҳо ва вазифаҳои он, ки муфаттиш ё суд дар қарор ё таъинот дар бораи таъини экспертиза муайян кардаанд, тавсиф карда мешаванд. Коршинос ҳуқуқ надорад, ки доираи таҳқиқоти ба ӯ пешниҳодшударо маҳдуд намояд. Дар ин маврид муфаттиш ё суд, дар сурати мавҷуд будани шумораи зиёди объектҳои якхела (маҷмуи маҳсулоти пастсифат, силсилаи зиёди санадҳои қалбакӣ ва ғайра) бояд имкониятҳои гузаронидани таҳқиқоти намунавиро ба назар гиранд [167, с. 110-111].

Экспертиза дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан вақте таъин карда мешавад, ки дар рафти тафтишот зарурати истифода намудани дониши махсус ба миён меояд. Дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ мутобиқи моддаи 195-и Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муфаттиш зарурати таъин кардани экспертизаи судиро эътироф намуда, дар ин бора қарор қабул мекунад, ки асоси мурофиавии гузаронидани он мебошад. Агар ҳимоятгар ба истифодаи имкониятҳои экспертиза зарурат дошта бошад, ӯ ҳуқуқ дорад ба муфаттиш дар бораи таъин намудани он дархости асоснок пешниҳод намояд.

Марҳилаи ибтидоии тафтишот дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама гуна методологияи криминалистикии тафтишотро ташкил менамояд. Он фаъолияти якҷояи муфаттишро бо дигар шахсони дахлдор фаро гирифта, муҳлати он даҳ рӯзро ташкил медиҳад. Вобаста ба вазъи тафтишотӣ, хусусиятҳои криминалистикии ҷиноят, самаранокии чораҳои андешидашуда марҳилаи ибтидоии тафтишот рафти марҳилаҳои минбаъдаи тафтишотро муайян мекунад. Айни замон олимон оид ба марҳилаи ибтидоии тафтишот андешаҳои гуногун баён кардаанд. Ба андешаи мо, зинаи ибтидоии марҳилаи аввали тафтиши ҷиноятро метавон оғоз ҳисобид, вале аксаран ин марҳила маҳз пас аз баровардани қарори дахлдори муфаттиш оғоз мегардад. Марҳилаи аввал барои гузаронидани чорабиниҳои зарурии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин амалиёти тафтишотӣ равона карда шудааст. Иҷрои ин фаъолиятҳо бояд, пеш аз ҳама, ба муайян кардани шахсияти ҷинояткор, аз ҷумла муқаррар намудани далелҳои тасдиқкунандаи иштироки шахс дар содир намудани кирдори ғайриқонунӣ равона карда шавад. Марҳилаи ибтидоӣ ҳарчанд шартӣ бошад ҳам, бо пешниҳоди айб бар зидди шахс ва интихоби чораи пешгирӣ анҷом меёбад, аммо ин марҳила ба гуфтаи А.Г. Филиппов, метавонад дар лаҳзаи боздошти шахси ҷиноятсодиркарда, инчунин ҳангоми ошкор шудани далелҳои раднашавандае, ки тафтишоти минбаъдаро муайян мекунанд, бояд идома ёбад. Дар айни замон, бе истифодаи дониши васеи коршиносон муайян кардани воқеият дар тафтишоти ҷиноятҳо хеле душвор аст. Эксперт шахсе

мебошад, ки дорои дониши махсус буда, мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ барои гузаронидани экспертизаи судӣ таъин карда мешавад. Мақсади экспертиза фароҳам овардани заминаи далел барои қабули қарорҳои минбаъда дар рафти тафтишот мебошад. Яке аз хусусиятҳои тактикии экспертизаи судӣ дар он аст, ки дар асл танҳо коршинос маълумотро мувофиқи супориши муфаттиш қабул мекунад, на худи муфаттиш.

Истифодаи усулҳои махсус ба мо имкон медиҳад, ки далелҳои шайъӣ ва ҳолатҳои асосиро муайян кунем. Ҳарчанд қонун ба муфаттишон салоҳият додааст, ки дар марҳилаи ибтидоии тафтишот ташхиси судӣ-тиббӣ таъин кунанд, вале аксаран ин раванд риоя намешавад. Баъзан дар марҳилаи ибтидоии тафтиш муайян кардани далелҳо, изҳо, ҳолатҳо ва ғайра мустақилона ошкор карда мешаванд, дар дигар мавридҳо ин амал бо дастури додситонӣ роҳандозӣ мегардад. Бо дарназардошти мураккабии ин низом А.В. Варданян қайд мекунад, ки маҳз муфаттиш ҳуқуқи таъини экспертизаи судию тиббиро медиҳад, аммо дар марҳилаи ибтидоии тафтишот аз ҷониби муфаттишон коршиносон хеле кам ҷалб карда мешаванд. Нуктаи муҳимми тактикаи таъини экспертиза муайян кардани афзалияти он мебошад. Усули муайян кардани тартиби таъини экспертиза, пеш аз ҳама, ба ҳолатҳое вобаста аст, ки далелҳои шайъӣ бо изҳои мавҷуда мувофиқат намоянд, онҳо аз ҷониби мутахассисони синфҳои гуногуни экспертизаи судӣ тафтиш карда мешаванд. Муайян намудани тартиби таъини экспертиза дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан аз қисми таркибии усули тафтишотӣ мебошад. Дар ин ҷода нуктаи муҳимми заминаи устувори илмӣ, таҳияи дурусти вариантҳои тафтишотии ҳодисаи рухдода ва фаъолияти пурсамари ҷамъоварии далелҳо дар ҷойи ҳодиса мебошад. П.П. Ищенко ин равандро чунин бозгӯӣ менамояд: «Тафтиши пешакии изҳо ин истифодаи ғайримурофиавии донишҳои махсус барои муайян кардани алоқамандии осор ба ҳодисаи таҳқиқшаванда, ба даст овардани маълумот оид ба механизми ташаккули онҳо, муқаррар намудани аломатҳои объекти изҳо ва

ҷамъоварии маълумот мебошад, ки дар маҷмуъ аломатҳои ҷиноятkорро тавсиф мекунанд».

Ҳар як микрозаррачаҳоро дар раванди исботи далели алоқамандии либоси ҷабрдида ва гумонбаршуда дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан нодида гирифтан мумкин нест. Ҳатто мавҷудияти онҳо баъзан аз ҷониби коршиносон барои ба даст овардани маълумоти зарурӣ ба қадри кофӣ истифода намешаванд. Дар марҳилаи ибтидоии тафтиш дар сурати набудани маводу намунаҳои муқоисавӣ ва ошкор нашудани чунин ашёҳои хурд дар сатҳи объектҳо пайдо кардани онҳо аз вазифаи тафтишот мебошад. Муваффақияти тафтишот аз амалиёти якҷояи муфаттиш, мутахассис ва эксперт дар марҳилаҳои ошкор намудани чунин микрозарраҳо, андешидани чораҳо оид ба пешгирии азбайнравии онҳо, дар камтарин фурсат аз ошкор намудани онҳо иборат мебошад. Шароити нигоҳдорӣ ва бастабандӣ бояд ба тавсияҳои методологии ин гуна объектҳо мувофиқат кунанд. Танҳо дар ин сурат метавон ба гирифтани маълумоти боэътимод ва босифат ҳангоми азназаргузаронии объектҳо муяссар гардид. Ин раванд дорои як қатор хусусиятҳо мебошад. Масалан, аз ҷойи ҳодиса дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан, халтаи полиэтиленӣ бо моддаи сунъӣ, эҳтимолан моддаҳои нашъадор пайдо шуданд. Ҳангоми кофтуков дар манзили гумонбаршуда пораҳои бастаи маводи мухаддир мусодира карда шуд. Гумонбаршуда даст доштани худро дар ин ҷиноят рад кардааст. Муфаттиш дар ин маврид ду қарор баровард: муоинаи пурраи қисмҳо ва ташхиси изи ангушт. Дар аввал, мавзуи таҳқиқот барои ташхиси изи ангушт фиристода шуд. Дар сурати вайрон кардани тартиби таъини экспертиза мушкилӣ пеш хоҳад омад. Муайян кардани предмети ҷиноят ҳангоми азназаргузаронии сару либос ва бадани ҷабрдида ва ё ҳангоми гузаронидани муоинаи комплексии судию тиббӣ аз ҷониби коршиносон, табибон ва ё бо таъини экспертизаи алоҳидаи кормандони тиббӣ ва криминалистикӣ дар шуъбаҳои гуногуни экспертиза дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан амалӣ

гардонида мешавад. Дар ин ҳолат, объекти омӯзиш барои табибон ва кормандони бахши криминалистикӣ аз ҷониби муфаттиш ё суд пешниҳод хоҳад шуд. Дар объекти зикршуда осори хун ва наххҳои таркиби либоси ҷабрдида, инчунин осори хуни ҷабрдида нигоҳ дошта мешаванд. Эҳтимол дорад, ки дар ашёи пайдошуда осори дасти ҷинояткор низ мавҷуд бошад. Агар шартҳои зикршуда вуҷуд дошта бошанд, бояд аввал (бо чораҳои эҳтиётӣ) наххҳои мавҷуда аз ашё хориҷ карда шаванд. Сипас ташхиси изи ангуштро барои муайян кардани изи эҳтимолии даст дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан дар объект гузаронида мешавад. Баъдан аз ҷониби табибон ташхиси дахлдор гузаронида шуда, сабабҳои мавҷудияти осебҳо дар бадан муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, аз тарафи муфаттишон вайрон кардани тартиби таъини экспертиза барои ҳалли вазифаҳои тафтишот кӯшиши мутахассисонро дар ҳалли вазифаи умумӣ – мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҷинояткориро аз байн хоҳад бурд. Ба андешаи А. Дрога барои омӯхтани таъсири мутақобилаи далелҳо таъин намудани экспертизаҳои технологӣ, иқтисодӣ, сохтмонӣ-техникӣ ва дигар экспертизаҳое, ки муддати дарозро талаб мекунанд, муҳим мебошад. Дар ин маврид, ҳамаи раванд бояд мукаммал таҳия гардад. Агар маводи экспертизаи судӣ дар ҷойи дигар бошад (масалан, дар бойгонии ВКД) ё бо ягон сабаб ба эксперт фиристода нашаванд, муфаттиш бояд бо ӯ дар тамос шуда, барои гирифтани санадҳои зарурӣ кумак расонад. Дар ин ҳолат, муфаттиш бояд на танҳо бехатарии маводи зарурииро таъмин намояд, балки ба маҳалли ҷойгиршавии онҳо коршиносро расонад ва барои фаъолият ба онҳо шароити мусоид фароҳам орад. Ҳамин тариқ, дар доираи таҳқиқ хусусиятҳои таъин намудани экспертизаи судӣ дар марҳилаи ибтидоии тафтишот, аз ҷумла, усули муайян намудани афзалияти таъин намудани экспертизаи судӣ баррасӣ карда шуданд, ки онҳо фарогири назарияи дурусти илмӣ, дуруст таҳия намудани вариантҳои тафтишотии ҳодисаи рухдода ва фаъолияти самарабахш оид ба ҷамъоварии далелҳо дар ҷойи ҳодиса ва ғайра мебошанд. Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷониба, мо ба чунин хулоса омадем, ки пеш аз

таъин кардани экспертизаи судӣ иҷрои ин амалҳо ба мақсад мувофиқ аст: объектҳоро барои таҳқиқ сифатнок тайёр кардан; маводи дахлдори пешниҳодшударо таъмин намуда, дар мавридҳои зарурӣ барои пешниҳод намудани маълумоти зарурӣ чораҳо андешидан; дар таҳияи саволҳои дуруст бо коршинос ё мутахассис машварат кардан ва ғ.

Пеш аз гузаронидани экспертизаи судӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан як қатор амалҳои омодагӣ ва қабули қарорҳо аз ҷониби муфаттиш анҷом дода мешаванд. Тартиби таъини экспертизаи судӣ ҳамчун тартиби гузаронидани ҳама гуна амали тафтишотӣ аз се марҳила иборат аст: ибтидоӣ, фаъолият, хотимавӣ [30, с. 273-274].

Барои ҳама гуна амалиёти тафтишотӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан муҳимтарин марҳила омодагии он мебошад. Вазифаҳои асосии он аз тағйир додани пайдарпайии марҳилаҳои иҷрои он иборат аст. Сохтори ин марҳила низ мураккаб аст. Он аз ошкор ва мусодираи ашёе, ки дар оянда мавриди таҳқиқи экспертӣ қарор мегиранд, оғоз меёбад. Аксаран ин гуна ашё ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҷиноят, кофтуков ва дарёфт кардан, яъне ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ, ки асосан ба ошкор кардани онҳо нигаронида шудааст, бозёфт ва мусодира карда мешаванд.

Ташхиси судии равонпизишкӣ, равоншиносӣ ва дигар ташхиси шахсон дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан танҳо дар сурате имконпазир аст, ки онҳо дар парвандаи ҷиноятӣ сабт шуда бошанд. Дар ин самт масъалаҳои баҳсталаб зиёд мебошанд ва на ҳамеша дар амал муқаррароти марбут ба бозёфт ва гирифтани объектҳои таҳқиқоти экспертӣ риоя карда мешавад.

Риоя накардани ин муқаррарот шубҳаро нисбати натиҷаҳои таҳқиқоти минбаъдаи онҳо ба вуҷуд меорад.

Ба далелҳои шайъӣ, ошкор, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи онҳо бояд диққати махсус дода шавад. Ҳаҷм ва сифати далелҳои ҷамъовардашуда бештар аз вазъи тафтишотӣ дар марҳилаи ибтидоии тафтишоти ҷиноят вобаста аст. Дар ин бобат мутахассисони соҳа метавонанд ёрии амалӣ расонанд [150, с.

93].

Муфаттиш дар марҳилаи муайян ва гирифтани баъзе ашёҳо бояд зарурати таъин кардани экспертизаи судӣ-тиббиро дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан муайян кунад. Бояд тазаккур дод, ки ҷамъоварии ашё ва муқаррар намудани асосҳои додани хулосаи экспертӣ оид ба онҳо ҷараёни бо ҳам алоқаманд буда, дар рафти амалҳои тафтишотӣ объектҳои зиёд бо мақсади таҳқиқи минбаъдаи экспертӣ гирифта мешаванд.

Ҳамин тариқ, далели воқеии муфаттиш дар асоси дониш ва таҷрибаи амалии ӯ дар бораи механизми ташаккули изҳо ҳангоми содир намудани ҷиноятҳо ба таъини экспертизаҳои судӣ-тиббӣ боис мегардад. Объектҳои мавриди санҷиш қарордошта бояд қаблан омӯхта шаванд. Мақсади чунин санҷиш муқаррар намудани асос барои таъини экспертизаи дахлдор мебошад. Дар баъзе мавридҳо барои онҳо кофист, ки дар доираи амалиёти тафтишотӣ, ки дар рафти он ин ашёҳо ошкор ва мусодира карда шуданд, санҷиш гузаронанд.

Аксар вақт сабабҳои таъини экспертиза боиси баҳс дар мақомоти дахлдор мегардад. Таъини экспертиза бевосита ба мавҷудияти ашёи дахлдор дар ихтиёри муфаттиш мебошад. Бояд дар хотир дошт, ки муфаттиш на ҳамеша имкони таъини экспретизаро дорад [94, с. 74].

Чунин тафтишотро танҳо дар сурати мавҷуд будани ду объекти дахлдор метавон гузаронид ва аксар вақт муфаттиш дар марҳилаи ибтидоии тафтишот яктои онҳоро дар ихтиёр дорад. Вобаста ба ин, дар марҳилаи омодагии таъини экспертиза муфаттиш аксар вақт ба зарурати гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ дучор мешавад.

Муфаттиш мавҷудияти асосҳо барои таъини экспертизаи мушаххаси судӣ ва имкониятҳои мавҷудаи ташхис, муайян кардан ё вазъияти баррасишавандаро ба таври мусбӣ арзёбӣ намуда, дар ҳамон марҳилаи тайёрӣ бояд муҳлат ва пайдарпайии таъин ва гузаронидани онро муайян намояд. Ин раванд ба чанд омил вобаста аст. Аввалан, зарурати саривақтӣ, аксаран фавран гирифтани далелҳо, маълумоти муҳим. Дуюм, бояд ба инобат

гирифт, ки гузаронидани экспертиза баъзан муддати тӯлониро талаб менамояд. Аз ин рӯ, дер таъин кардани он боиси дарозмуддат шудани тафтиши парванда мегардад.

Марҳилаи ибтидоии экспертиза дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан бо хулосаи муассисаи экспертӣ ё шахси дахлдор ба итмом мерасад. Марҳилаи дуюми экспертиза гузаронидани худи экспертизаро фаро мегирад.

Эксперт дар интихоби усулҳои тафтиш мустақил аст, вале онҳо як қатор талаботи умумӣ доранд: риояи қоидаҳои умумии гузаронидани амалиёти тафтишотӣ; методологияи таҳқиқот бояд аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва санҷида шавад; ба эксперт ҷамъоварии мустақилонаи объектҳо барои таҳқиқ, ба истиснои намунаҳои таҷрибавии экспертӣ манъ аст; барои таҷрибаҳои биотиббӣ ва истифодаи усулҳои дигар иҷозат дода намешавад; муфаттиш ва дигар иштирокчиёни мурофиа, ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ иштирок доранд, наметавонанд ба рафти тафтиш халал расонанд; ҳангоми гузаронидани тафтиш бо шахсе, ки нисбати ӯ экспертизаи судии тиббӣ гузаронида мешавад, дар алоқа шудани шахсони дигар манъ аст [57, с. 60].

Баъди гузаронидани тадқиқ коршинос дар бораи имконнопазирии додани хулоса дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан натиҷаи хаттӣ медиҳад. Баҳодиҳии далелҳои шайъӣ муайян кардани аҳаммият ва эътимоднокии онро дар бар мегирад. Қобили қабул будани далели шайъӣ бо риояи қоидаҳои гирифтан ва иҷрои мурофиавии он, ки дар боло зикр гардид, муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, объектҳои далели шайъӣ он объектҳое буда наметавонанд, ки пайдоиши онҳо дар парванда ба ҳеҷ ваҷҳ сабт нагардида бошанд ва ё гирифтанашон ғайриқонунӣ сурат гирифта бошад (масалан, кофтуков бидуни шоҳидон гузаронида шудааст). Инчунин риояи қоидаҳои нигаҳдории далелҳои шайъӣ, аз ҷумла, таъмини ҳақиқии он зарур аст.

Далелҳои шайъӣ ҳамеша дар якҷоягӣ бо далелҳои дигар ва пеш аз ҳама бо санадҳое арзёбӣ карда мешаванд, ки ҳолатҳои ҷамъоварии он ва

натиҷаҳои тафтишотро фарогир мебошанд.

Ба ҳамин монанд, изи ангушт ё изи пойафзол метавонад танҳо дар якҷоягӣ бо хулосаи коршинос хусусияти исботкунанда дошта бошанд. Баҳои ниҳоӣ ба далелҳои шайъӣ аз ҷониби суд ҳангоми қабули қарор дода мешавад. Масъалаи эътимоднокӣ метавонад дар асоси таҳлили далелҳои мушаххас аз нуқтаи назари шароити ташаккули он, пайдоиши парванда ва мазмуни он ҳал карда шавад. Тақсими далелҳо ба мавод, санадҳо, далелҳо, хулосаҳои коршиносон хусусиятҳои ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии онҳоро муайян мекунад, вале арзиши қиёсии онҳоро муайян намекунад. Ба саҳеҳӣ ва пуррагии маълумотҳои воқеӣ дахолати беруна бояд таъсиргузор набошад, вале ин раванд боиси баҳс дар норавшан будани баъзе аломатҳои муҳимми объект, хатари гум кардани ашё ё тағйир додани хосиятҳои он мегардад.

Дар бораи имкони сохтакории далелҳои шайъӣ (тағйир додани хусусият ва нест кардани осор, гузоштани хатча, гузоштани ашёи ба шахсе, ки ба парванда дахл надорад ва ғ.) ва ҷинояткорони ҳақиқиро бо шахсони бегуноҳ омехта кардан бояд чораҷӯӣ кард.

Номувофиқатии байни далелҳои шайъӣ ва дигар далелҳои дар парванда ҷамъовардашуда бояд бо роҳи таҳқиқи сабабҳои ба вуҷуд омадани ин ихтилофҳо аз рӯйи моҳият (аз ҷумла, тафтиши вариантҳои қалбакӣ ё тағйир додани хосиятҳои далелҳои шайъӣ) ҳал карда шаванд. Ҳангоми баҳо додан ба далелҳои шайъӣ тамоми чараёни ташаккули он назорат карда мешавад («механизми пайдоиш, ҳолатҳои бозёфт, шароити нигоҳ доштан ва ғ.») ва баъдан хулоса бароварда мешавад.

Дар асоси омӯзиши аломатҳои муҳимми объектҳо дар муқоиса бо дигар далелҳо (аз ҷумла, маълумоти воқеӣ дар бораи вақт, ҷойгиршавӣ, шароит ва нигоҳдорӣ), инчунин натиҷаҳои таҳқиқот, таҷрибаҳои судӣ, мусоҳиба, санҷиш ва ғ. барои тафтиши далелҳои шайъӣ хулоса дода мешавад.

Таҳлили далелҳои мавҷуда бо ҷараёни тафтиш робитаи ногусастанӣ дорад. Ин гуфта ба далелҳои шайъӣ низ дахл дорад. Набудани эътимоднокии қаблан муқарраршуда зарурати баҳогузории воқеии онҳоро талаб мекунад.

Ин зарурати тафтишро дар назар дорад, ки натиҷаи он барои баровардани хулосаи дуруст мусоидат мекунад.

Дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан омилҳои зерин санҷида мешаванд: дурустии далелҳои шайъӣ; бетағйир будани хусусиятҳо; мавҷудияти аломатҳое, ки метавонанд барои парванда аҳаммият дошта бошанд; механизми ташаккули онҳо.

Муқоиса далелҳои шайъӣ, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни тафтишот (экспертиза, таҷриба ва ғ.) анҷом дода мешаванд, барои муайян кардани мувофиқатии натиҷаҳои онҳо гузаронида мешавад. Таҳлили муқоисавии гурӯҳҳои далелҳои дахлдори шайъӣ гузаронида мешавад (масалан, қулфҳо, ки бо чӯбу тахтаи аррадор ва ширешҳо якҷоя ҷамъ оварда шудаанд).

Чунин омил имкон медиҳад, ки барои ҳар як объект хусусиятҳои муҳим муайян карда шавад. Аз тарафи дигар, таҳлили муқоисавӣ ба мо имкон медиҳад, ки мавҷудияти ҳолатҳои «манфӣ»-ро, агар вуҷуд дошта бошанд, муайян кунем. Гурӯҳбандии объектҳои мавҷуда низоми муайянро дорост.

Дар марҳилаи сеюми раванди тафтиши ба худкушӣ расондан хулосаи экспертӣ тартиб дода мешавад, ки он мазмуни экспертизаро ифода намуда, дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад. Хулосаи коршинос аз бахшҳои муқаддимавӣ, таҳқиқотӣ ва ҳалкунанда иборат аст. Коршинос ҳуқуқ дорад бо нашри хабари хаттӣ дар бораи имконнопазирии додани хулоса аз хулосаи худ даст кашад. Сабаби ин нокифоя будани мавод барои гузаронидани экспертизаи судии тиббӣ ё надоштани салоҳияти худи коршинос мебошад. Дар сурати нокифоя будани мавод барои таҳқиқи иловагӣ коршинос ҳуқуқ дорад, бо дархости пешниҳоди маводи иловагӣ ба муфаттиш муроҷиат намояд. Дар сурати нокифоя будани салоҳият коршинос ҳуқуқ дорад барои ҷалби дигар коршиносон муроҷиат намояд.

Беасос надодани хулоса барои коршиноси давлатӣ боиси ҷавобгарии интизомӣ ва барои коршиноси хусусӣ боиси ҷавобгарии маданӣ (тибқи шартномаи басташуда) мегардад.

Хулосаҳо ба саволҳои ба коршинос гузошташуда ҷавобҳоро муайян мекунанд. Хулосаи коршинос метавонад қатъӣ ва эҳтимолӣ бошад. Хулосаҳои эҳтимолӣ ҳамчун манбаи иттилооти роҳнамо барои пешрафт ва гузаронидани фарзияҳои криминалистикӣ истифода мешаванд [50, с. 55].

Марҳилаи ниҳоии гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббии далелҳои шайъӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан шинос намудани тарафҳо бо натиҷаҳои тафтишот: хулосаи коршинос, хабар дар бораи имконнопазирии додани хулоса ва протоколи пурсиш аз ҷониби коршинос мебошад. Шинос шудан бо натиҷаҳои экспертиза дар шакли расмӣ сурат мегирад, ки он аз ҷониби мақом ё шахси пешбарандаи парванда амалӣ карда мешавад. Худи коршинос ҳақ надорад, ба истиснои мақомот ё шахсе, ки ӯро таъин кардааст, дар бораи натиҷаи экспертизаи судии тиббӣ ба касе хабар диҳад.

Аз рӯйи натиҷаҳои экспертиза дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан худи шахсони дахлдор шинос мешаванд. Ба ин шахсон ҳуқуқи талаб намудани экспертизаи иловагӣ ё такрории судӣ-тиббӣ, пурсиши коршинос, ҳуқуқи гирифтани нусхаи хулосаи коршинос аз ҳисоби маблағи худ, инчунин ҳуқуқи шикоят кардан аз хулосаи коршинос ё сардори муассиса фаҳмонида мешавад. Дар ниҳояти кор дар бораи иҷрои ин талабот протокол тартиб дода мешавад.

Тартиби мурофиавии гузаронидани экспертизаи судиро бояд риоя кард, зеро дар оянда хулосаи коршинос ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ истифода мешавад.

Ҳамин тавр, дар маводи парванда хулосаи коршиноси судии равонпизишкӣ оид ба «маълумоти ҷамъовардашуда» мавҷуд аст. Ҳангоми таъин кардани экспертиза аз ҷониби муфаттиш дар «маълумоти ҷамъовардашуда» вайрон кардани талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, ки тартиби таъинро муайян мекунад, ба мушоҳида мерасад.

Мавҷудияти шубҳаҳо дар мақомоти тафтишотӣ бо баровардани қарор дар бораи зарурати гузаронидани экспертиза тасдиқ карда мешавад.

Ҳар як экспертиза амали мустақили тафтишотӣ мебошад, ки дар ибтидо барои гирифтани далелҳои муҳим ва зарурӣ замина ба миён оварда, иҷрои дурусти он дар чаҳорчӯбаи парвандаи ҷиноятӣ асоси айбномаро ташкил хоҳад дод.

Марҳилаҳои экспертизаи судӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан низ аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо бояд бо риояи тамоми меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ гузаронида шаванд ва танҳо аз ҷониби мутахассисони салоҳиятдори ин соҳа амалӣ карда шаванд. Натиҷаи тафтишот бевосита аз натиҷаи экспертизаи судӣ вобастагӣ дорад.

Экспертизаи судӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини мурофиаи судӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванди мураккаб низоми ҳуқуқӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо нақши махсус мебозад. Мафҳуми экспертиза дар мурофиаи судӣ чун амали мустақил дар доираи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ арзёбӣ гардида, ин раванд фарогири таҳқиқот бо дарназардошти гирифтани хулосаи экспертӣ дар доираи ҷинояти мушаххас мебошад, ки ҳолатҳои мавҷуда бо далелҳои шайъӣ асоснок карда мешавад. Дар ин маврид барои таъин намудани экспертиза асос, яъне қарори суд ва ё муфаттиш лозим аст.

Экспертиза бо мақсади ошкор кардан, инчунин исбот намудани гунаҳкории шахсони мансабдор гузаронида мешавад ва дар ин ҷараён суд ва муфаттиш бояд рӯйхати ниҳоии амалҳои тафтишотиро пешниҳод намоянд, ки дар миёни онҳо таъин намудани экспертизаи судӣ аҳаммияти муҳимми исботнамоӣ дорад.

Экспертизаи судӣ-тиббии дорои хусусиятҳои далели шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, маданӣ ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронида мешавад. Экспертизаҳои судӣ-тиббӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ бештар гузаронида мешавад.

Дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аксаран масъалаҳое ба миён меоянд, ки барои ҳалли онҳо зарурати истифодаи донишҳои тиббию биологӣ пеш меоянд. Дар чунин ҳолатҳо муфаттиш, прокурор ва суд яке аз

намудҳои экспертизаи судиро таъин мекунанд.

Экспертизаи судӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан яке аз муҳимтарин ҷузъҳои мубориза бо ҷинояткорӣ ва тақвияти қонун ва тартибот дар ҷомеа мебошад. Он имкон фароҳам меорад, ки дар асоси дастовардҳои муосири илмӣ дар соҳаҳои тиб, илм ва техника воқеияти ҳодиса ошкор карда шавад.

Ин таснифот ва баҳогузорӣ дар соҳаи экспертиза ҳадди охир набуд, вобаста ба пешрафти ҷомеа он пайваста такмил меёбад. Бо дарназардошти вусъат ёфтани ин раванди ҳуқуқӣ мақомоти дахлдор дар якҷоягӣ фаъолияти худро роҳандозӣ менамоянд ва вобаста ба табиати ҳуқуқии ҷинояти содиршуда экспертизаи судиро таъин менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавӣ гузаронидани экспертизаи судӣ дар ҳама ҳолатҳои марбут ба ҷиноятҳои бар зидди ҳаёт ва саломатии инсон, инчунин озодии ӯ амали ҳатмист.

Таҷрибаи тафтишотӣ нишон медиҳад, ки истифодаи имкониятҳои бахши экспертиза дар ошкор кардан ва тафтиши ҷиноятҳо дар асоси дастовардҳои муосири илму техника ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт мусоидат хоҳад кард.

Ҳар як экспертиза амали мустақили тафтишотӣ мебошад, ки дар ибтидо барои гирифтани далелҳои муҳим ва зарурӣ замина ба миён оварда, иҷрои дуруст он дар чаҳорчӯбаи парвандаи ҷиноятӣ асоси айбномаро ташкил хоҳад дод.

Марҳилаҳои экспертизаи судӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан низ аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо бояд бо риояи тамоми меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ гузаронида шаванд ва танҳо аз ҷониби мутахассисони салоҳиятдори ин соҳа амалӣ карда шаванд. Натиҷаи тафтишот бевосита аз натиҷаи экспертизаи судӣ вобастагӣ дорад.

## 3.2. Тактикаи таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ дар мавриди тафтиши худкушӣ

Самарабахш будани ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳо дар даврони муосир аксаран ба истифодаи донишҳои мавҷудаи бахши илмҳои дақиқ ва техникӣ, инчунин дигар донишҳои махсус вобастагӣ дорад. Моҳиятан ин мафҳум ба он донишҳое дахл дорад, ки ҳангоми гирифтани маълумоти махсус ва ё дар ҷараёни корҳои амалӣ дар равияҳои муайян ба даст омадаанд. Тарзи истифодаи донишҳои махсус дар раванди тафтишоти ҷиноятӣ ва мурофиа метавонад хеле гуногун бошад. Яке аз шаклҳои асосии истифодаи донишҳои махсус, ҷалби мутахассисон ба раванди тафтишот ва суд мебошад, ки тибқи моддаи 179-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, кормандони соҳавӣ метавонанд дониш ва малакаи махсуси худро барои кумак ба муфаттиш ва ё раванди судӣ истифода баранд. Мутахассисон метавонанд диққати худро ба ҳолатҳое, ки бо ошкорсозӣ ва ба қайд гирифтани далелҳо алоқаманданд, ҷалб кунанд, инчунин дар масъалаҳои махсуси раванди тафтишотӣ ва судӣ равшанӣ андозанд.

Шакли дигари истифодаи донишҳои махсус дар парвандаҳои ҷиноятӣ – экспертизаи судӣ мебошад (моддаи 24-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ). Экспертизаи судӣ дар раванди тафтишотӣ бо супориши муфаттиш, мақомоти дахлдор ё суд амалӣ мешавад. Дар ин маврид, таъриф ва таҳлили далелҳои шайъӣ, санадҳо ва протоколҳо барои муайян намудани маълумоти воқеии мавҷуд дар парванда ба амал меоянд, ки барои ҳал намудани парванда аҳаммият доранд. Натиҷаи тафтишоти экспертиза метавонад хулосаи коршиносиро дар бар гирад, ки он ҳамчун далели шайъии қонунӣ қабул гардида, барои исботи воқеият дар парванда истифода мешавад.

Экспертизаи судӣ асосан маълумоти воқеӣ ва аниқро бо кумаки мутахассисон дар раванди тафтишоти ҷиноятӣ фароҳам меорад. Вазифаҳои асосии экспертизаи судӣ метавонанд таснифоти объекту ашёи мавҷуда (шахс, ҳайвонот, наботот) ва ташхиси механизми содир шудани ҳодиса (вақт, усул,

пайдарпайии амалҳо ва робитаи сабабӣ байни онҳо) шомил бошанд. Ҳамчунин, тадбирҳои пешгирӣ дар экспертиза метавонанд ёрӣ кунанд дар ошкор кардани ҳолатҳои мусоидаткунанда ба содир шудани ҷиноят ва таҳияи чораҳои бартараф намудани онҳо.

Объектҳои асосии экспертиза, ки дар таҳқиқот истифода мешаванд, далелҳои шайъӣ ҳастанд, ки метавонанд симои одамон, ашё, механизмҳо, дастгоҳҳо, моддаҳо, санадҳо, хун, зардоб, қисмҳои бадан, ашёҳои мансуб ба наботот ва ҳайвонот ва дигар омилҳоро шомил шаванд.

Таснифоти экспертизаи судӣ хеле гуногун аст ва масъалаҳое, ки дар раванди мурофиаи судӣ ба миён меоянд, метавонанд тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро фаро гиранд. Дар назарияи умумии экспертизаи судӣ, онҳо ба гурӯҳҳо, намудҳо ва хелҳо тақсим карда мешаванд. Аз ҳама маъмултарин гурӯҳҳо, экспертизаҳои анъанавии судӣ мебошанд. Дар ибтидо, ин экспертизаҳо асосан ба принсипҳои бахши техникии криминалистикӣ ва назарияи ташхиси криминалистикӣ вобаста буданд. Бо ин ҳол, амалияи экспертиза ва татбиқи дастовардҳои илму техникаи муосир ба он оварда расонид, ки ҳоло дар амалӣ кардани ин навъи экспертиза усулҳои таҳлили тасвирӣ, кибернетикӣ, физикӣ-химиявӣ, антропометрӣ ва усулҳои дигар ба кор гирифта мешаванд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, таснифи онҳо метавонад чунин бошад:

– экспертизаи хаттшиносӣ, ки хатро ҳамчун унсури муҳим меҳисобанд; экспертизаи муаллифшиносӣ, ки он дар низоми матнҳо, гузоштани имзоҳо, аломатҳои рақамӣ омӯхта шуда, имкон медиҳад, то муаллифи он муайян карда шавад; экспертизаи судӣ-техникии санадҳо, ки бо ёрии онҳо усулҳои тартиб додани санадҳо ва сохтакории онҳоро муқаррар мекунанд, мазмуни санадҳои зарардидаро барқарор мекунанд, маводҳоро (коғаз, ранг ва ғайра) тафтиш мекунанд;

– экспертизаи судии фототехникӣ, ки вазифаҳои он аз муқаррар намудани мансубияти маводи суратгирӣ ва аксҳо, усули ба навор гирифтан ва омода сохтани суратҳо, барқарор намудани намудҳои аслии суратҳо ва

аксҳои осебдида, муайян намудани объектҳои дар аксҳо тасвирёфта мебошад; Экспертизаи судӣ-трасологӣ пайи тасвириро (аз ҷумла, изи пойҳо ва дигар узвҳои бадани инсон, либос ва пойафзол, ҳайвонот, асбобу ашё, воситаҳои нақлиёт) бо мақсади муайян кардани ашёи муайяншаванда мавриди санҷиш қарор медиҳад. Ба ин бахш муқаррар кардани тамоми ҷузъиёти дигар: санҷиши дастгоҳҳои қулфкунӣ, муҳр ва ашёҳои дигар дохил мешаванд.

Санҷишҳои изи ангуштон ба таври оддӣ ҳамчун як намуди алоҳидаи экспертизаи судӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан тасниф карда мешаванд. Экспертизаи судии портретӣ бо мақсади муайян кардани шахсияти ҷинояткор тавассути таҳлили тасвирҳо ва акси косахонаи сар гузаронида мешавад. Экспертизаи судӣ-баллистикӣ барои таҳқиқи силоҳҳои оташфишон, осори истифодабарии онҳо, лавозимоти ҷангӣ ва ҳолати онҳо анҷом дода мешавад, инчунин мувофиқати силоҳ барои истифода, инчунин муайян кардани навъи силоҳ дар асоси тирҳо баррасӣ мешавад; экспертизаи судии силоҳи ғайриоташфишонӣ муайян мекунад, ки оё объекти омӯзиш аслиҳаи ғайриоташфишонӣ аст ва оё онро барои ин мақсад истифода бурдаанд, усули силоҳи мазкурро муайян мекунад.

Бахши дигаре, ки ба экспертизаи судии моддаҳо ва маводшиносӣ (кӯшиш кардани баъзе муаллифон барои номидани онро ҳамчун ЭСМ-экспертизаи судии мавод, моддаҳо ва маснуот) дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан дахл дорад, ба таҳлили ашёҳои гуногун, аз ҷумла ашёҳои нахдор, маҳсулоти нефтӣ, сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, маснуоти шишагӣ, сафолӣ, металлҳо ва хӯлаҳо, пластмасса, резина ва маснуоти аз онҳо тайёршуда, маводи мухаддир, атриёт ва косметика, озуқаворӣ ва дигар намуди ашёҳо мепардозад. Дар ҷараёни ин экспертизаҳо мансубияти гурӯҳии объектҳо муайян карда мешавад.

Гурӯҳи экспертизаи судӣ-биологӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан имкон медиҳад, ки ашёҳои мансуб ба растаниҳо (экспертизаи судии ботаникӣ); мӯина, пӯст, бофта, устухон, ахлоти ҳайвонот (экспертизаи судии

зоологӣ) ба намудҳои зерин тақсим карда шаванд: экспертизаи судӣ-тиббии шахсони зиндамонда – он ҳалли масъалаҳоро дар муайян кардани вазнинии ҷароҳат, вазъи саломатӣ, синну сол), ҳомиладорӣ, таваллуд, исқоти ҳамл, мастӣ ва ғайра фароҳам оварда, имкон медиҳад, ки сабаб ва вақти марг, механизм ва ҳолатҳои расонидани зарари ҷисмонӣ, хусусияти онҳо ва ғайра муайян карда шавад; экспертизаи судӣ-тиббии далелҳои шайъӣ (хун, мӯй, устухон ва бофтаҳо) имкон медиҳад, ки мансубияти гурӯҳии ин ашёҳо ҳангоми ташхиси хун ва нутфа муайян карда шуда, он махсусан дар тафтишоти мансуб ба куштор, таҷовуз ба номус ва расонидани зарари вазнин ба саломатӣ барои муайян кардани ҳолати руҳии шахс дар сурати пайдо шудани шубҳа дар солимии ӯ амалӣ карда мешавад.

Тафтиши кушторҳои мансуб ба худкушии шахси гунаҳкор бе гузаронидани экспертизаи судии тиббӣ, ки барои ин навъи парвандаҳо ҳатмӣ мебошад, ғайриимкон аст. Дар 100 парвандаи ҷиноятие, ки мавриди тафтиш қарор гирифт, 90 нафар ба марги хушунатомез (куштор ва худкушӣ) дучор гардида, 18 нафар чун шахсони осебдида сабт шудаанд, ки аз инҳо 8 нафар қасди худкуширо ба миён овардаанд. Дар кори илмӣ мо ба навъи маъмулии худкушӣ, ба монанди худро ба дор овехтан, ки маъмулан бидуни шоҳидон сурат мегирад ва тафсири мухталиф дорад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудем. Тибқи мушоҳидаҳои ин намуди худкушӣ он, асосан дар ҳолати мастӣ сурат гирифта, омодагии пешакиро талаб намекунад. Шахси майзада барои анҷом додани ин амал омодагӣ ва хоҳиш надорад. Илова бар ин, худкушӣ бо роҳи шиканҷа ба одамони майзада хос аст.

Дар ҷараёни баррасии амали худкушӣ ба усулҳои худкушӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад, ки маъмултарини онҳо худро ба дор кашидан мебошад. Ҳамзамон, коршиносони судӣ механизми маргро ҳангоми ба дор овехтан ба таври кофӣ омӯхтанд, аммо баъзе аломатҳои ин намуди худкушӣ ҳамоно ниёз ба омӯзиш дорад [162, с. 42-43]. Масъалаи мавриди назар ҳанӯз дар солҳои 70-уми асри гузашта диққати олимонро ба худ ҷалб намуда буд. Мутахассисони

соҳа дар таснифоти ин намуди ҷиноят омилҳои зеринро қайд намудаанд: а) аломати хос дар амали худро ба дор овехтан; б) нишонаҳои амали ба дор овехтанро танҳо дар асоси маҷмуи нишонаҳои ҳангоми ташхис ошкоршуда метавон муайян кард.

Экспертизаи судии тиббӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан ба муайян намудани се гурӯҳи аломатҳо асос меёбад: 1) марги шадид (зуд фаронрасанда). Марги шадиди асфиксиалӣ маргест, ки дар нарасидани оксиген ба бадан ба амал меояд, ки он боиси нафастангӣ мегардад. Ин раванд аз сабаби баста шудани роҳи нафас зуд анҷом меёбад. Ин ҳолат тафтиши фаврии тиббиро талаб мекунад; 2) мавҷудияти ожангҳои чуқур (ҷойгиршавии захмҳо, кушодагӣ, чуқурии нобаробар). Ҳангоми муоинаи берунии ҷасад ва ожангҳои (оҷингҳои) странгулятсионӣ ин аломатҳоро метавон мушоҳида кард:

1. Экхимоз дар пардаи пилки чашмон.

2. Анизокория (фишори сахти гардан боиси тангшавии гавҳараки чашм мешавад, ки он ба заъф кардани асаб низ алоқаманд аст.

3. Қарор гирифтани нӯги забон миёни дандонҳо.

4. Хунравӣ аз бинӣ.

5. Хунравӣ аз захмҳои фурӯрафта.

6. Хунравӣ дар луобпардаи даҳон.

Ҳангоми муоинаи дарунии ҷасад дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан ин аломатҳоро метавон мушоҳида кард:

1. Хунравӣ дар мушакҳои гардан, инчунин дар осебҳои берунии бадан.

2. Хунравӣ дар мушакҳои қафаси сина (аломати Мюссе).

3. Хунравӣ дар мушакҳои қафаси сина ва китф (дар давраи рагкашӣ).

4. Шикастани устухонҳо, инчунин хунравӣ дар ҳалқ.

5. Сӯрохшавиҳо дар рагҳои хоб (аломати Амюсс ва Мартин).

6. Хунравӣ дар пайвандиҳои сутунмуҳраҳо (аломати Саймон).

7. Бандшавиҳо дар пушти чашм ва хунравӣ; хунравӣ ва варами қисми чашм.

Дар ин маврид, ба омӯзиши захму ожангҳои пеш аз марг пайдошуда низ бояд диққат дод [158, с. 125-126]. Ожанги фурӯрафта дар сатҳи бадани ҳайвон ё одам дар натиҷаи таъсири беруна, ки дар давоми умр ба амал омадааст, пайдо мешавад. Ин метавонад осори ҳалқа ё ресмоне бошад, ки касе бо он ҳайвон ё одамро мехост буғӣ намояд. Дар рентген мавҷудияти чунин изи захмҳо аз зӯроварӣ далолат медиҳад, ки дар ин асос сабаби марг бозгӯӣ мешавад.

Бо дарназардошти муҳиммияти хулосаи эксперт ҳамчун манбаи далел дар ин ҷода бояд корҳои илмии мукаммал анҷом пазиранд, ки ба рушди ҷомеа мувофиқат дошта бошанд. То ба имрӯз фарзияҳои экспертони тиббӣ дар ин самт ҳамчун ифодагари воқеият амал мекард, ки дар ин ҷода масъалаҳои баҳсталаб зиёданд [62, с. 68]. Ҷорисозии маълумотномаи дорои аломатҳои миқдорӣ, басомади пайдоиши аломатҳо ва усули эҳтимолии оморӣ ба он оварда мерасонад, ки мафҳуми эҳтимолият дар хулосаи коршинос ифодагари робитаи объективии байни ҳолат ва ҳодиса гардад. Дар ин масъала, андешаҳои Н.А. Селиванов қобили қабул буда, ин олим истифодаи усулҳои риёзиро омили дастовардҳои бузург дар ташаккули ин соҳа шумурдааст [80, с. 113].

Таҳлили хулосаҳои экспертизаи судӣ-тиббӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан аз он далолат медиҳанд, ки ҳангоми ташхиси амали худкушӣ бо роҳи ба дор овехтани худ коршиносон дар баррасии объекти таҳқиқоти экспертӣ муносибати мунтазам, аз ҷумла бозгӯии аломатҳоро барои арзёбии эҳтимолияти омории хулосаҳо истифода намебаранд.

Аз ҷониби кормандони бахши экспертизаи судӣ-тиббӣ сабабҳои зерини дар амалияи судӣ истифода нагардидани усули мазкур қайд гардидааст:

1) ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ барои муқаррар намудани далели асфиксияи механикӣ ба истифодаи усули эҳтимолии оморӣ зарурат вуҷуд надорад;

2) ин усул ба номгӯи усулҳои самарабахш дар таҳқиқи чунин намуди ҷиноятҳо ворид карда нашудааст, аз ин рӯ, истифодаи он баҳсро ба миён

хоҳад овард.

Бо вуҷуди ин, истифодаи усули риёзӣ дар арзёбии аломатҳои экспертизаи амали худкушӣ хеле муассир буда, дар муайян кардани худкушии сохтакорона нақши муҳим мебозад.

Дар омӯзиши минбаъдаи аломатҳо дар ин намуди худкушӣ баҳодиҳии хусусиятҳои онҳо, пайдоиш ва эҳтимолияти аломатҳои алоҳида ба назар мерасад.

Барои фарқ кардани амали худкушӣ санҷиши узвҳои эндокринии шахсоне, ки аз асфиксияи странгулятсиявӣ фавтидаанд, роҳандозӣ карда мешавад. «Метавон байни ҳолати ин узвҳо дар ҳолатҳои худкушӣ, аз як тараф ва куштор, аз тарафи дигар, фарқияти равшанро мушоҳида кард. Дар ҳолатҳои худкушӣ ҳолати захмбардорӣ нисбат ба ҳодисаи худкушӣ тафовути назаррас дорад. Ғайр аз ин, дар ҳолатҳои куштор ғадуди зери меъда осебпазир гардида, дар ҳолати худкушӣ баръакси онро мушоҳида кардан мумкин аст» [147, с. 3-4].

Чунин ба назар мерасад, ки натиҷаҳои ин таҳқиқот ва усулҳои пешниҳодгардида бояд татбиқи худро дар амалияи коршиносон пайдо кунанд, аммо дар амалияи ҳуқуқӣ ин ҳолат ба шакли дигар сурат гирифта мешавад. Дар асарҳои олимони соҳа оид ба экспертизаи судии ҷасад андешарониро оид ба рафти тафтишоти ҳолати эндокринии узвҳо дар мавриди худкушӣ мушоҳида карда намешавад.

Ин мавзуъ дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамеша таҳқиқталаб ба назар расида, олимони соҳа баъзе хусусиятҳои ин намуди амали ҳуқуқиро ба таври умумӣ баён кардаанд. Баъзе пешниҳоду натиҷаҳои корҳои амалӣ дар таҳқиқи ин раванди ҳуқуқӣ замина фароҳам оварда, аз сабаби набудани таҷҳизоти зарурӣ, коркардҳои методӣ ва заминаи амалӣ ба таври дилхоҳ сурат намегирад. Дар як қатор асарҳо сабабҳои асосии ба хатогӣ роҳ додан дар мавриди экспертизаи ҷасад зикр шудаанд:

а) номукаммалии усулҳои тафтиш дар экспертизаи судӣ-тиббӣ [110, с. 16-17];

б) истифодаи нокифояи усулҳои иловагӣ;

в) нокифоя будани дараҷаи касбияти коршиносон;

г) роҳандозӣ нагардидани дастовардҳои илмӣ дар амалия [52, с. 43; 123, с. 9-11].

Ҳамзамон, зикри чанд омил дар ин раванди ҳуқуқӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Усулҳои таҳқиқ дар экспертизаи судӣ-тиббӣ мунтазам такмил бояд дода шавад, ки ин ба дурустӣ ва эътимоднокии хулосаҳои коршиносон таҳким мебахшад. Роҳҳои такмили усулҳои таҳқиқро дар соҳаи экспертизаи судӣ метавон чунин тавсиф намуд:

1. Истифодаи технология ва таҷҳизоти муосири тиббӣ барои гузаронидани санҷишҳои ташхисӣ, аз қабили томографияи компютерӣ, томографияи магнитӣ-резонансӣ, санҷиши генетикӣ ва ғ.

2. Таҳияи стандартҳо ва протоколҳои таҳқиқотӣ, ки ба таъминоти ягона ва мукаммали натиҷаҳои экспертиза равона гардидаанд.

3. Омӯзиши ҳамешагӣ ва такмили дараҷаи касбияти табибони бахши экспертизаи судӣ ва коршиносони судӣ бо дарназардошти огоҳии онҳо аз дастовардҳои илму техника дар соҳаи тиб.

4. Ҷорисозии усулҳои нави таҳқиқ, аз ҷумлаи тестҳои биохимиявӣ, иммунологӣ, таҳқиқоти генетикии молекулавӣ ва ғайра барои муайян кардани сабабҳои марг ва захмбардориҳо.

5. Татбиқи раванди мултимодалӣ, ки тавассути он тасаввуроти умумӣ дар бораи ҳолати бемор ба даст оварда мешавад.

6. Ҷорӣ намудани системаҳои автоматикунонидашудаи таҳлили маълумот ва усулҳои омории арзёбии натиҷаҳои таҳқиқот.

7. Гузаронидани таҳқиқоти байнисоҳавӣ, ки дар он олимони бахши экспертизаи судӣ бо намояндагони дигар соҳаҳои тиб ва илм барои таҳияи равияҳои нави ташхис ва таҳқиқот ҳамкорӣ мекунанд.

Дар маҷмуъ, такмили усулҳои таҳқиқотӣ дар соҳаи экспертизаи судӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан ба баланд бардоштани сифати

экспертизаи судии тиббӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо мусоидат мекунад, ки он барои таҳкими ҷанбаҳои қонунии тафтишот ва муайян кардани сабабҳои марг хеле муҳим аст.

Робитаи нокифояи муфаттишон ва кормандони бахши экспертизаи судию тиббӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан ба он оварда мерасонад, ки дар бораи ҳолати фарорасии марг коршинос огоҳӣ пайдо намекунад ва дар ин асос, ба саволҳои зарурӣ ҷавоб пайдо карда намешавад. Дар сурати набудани маълумоти муҳим коршинос наметавонад ҳамаи самти ин раванди ҳуқуқиро бозгӯӣ намояд ва ин омил хатогиҳоро дар экспертиза ба вуҷуд оварда, баъдан ислоҳи онҳо душвор аст, ки маҳз ин сабаб боиси ҳукми ноодилона мегардад [33, с. 288; 151, с. 264-265].

Ин раванди ҳуқуқӣ диққати олимонро ба худ бештар ҷалб намудааст. Дар ин самт, мо ба ақидаи А.В. Пермяков розӣ ҳастем, ки истифодаи нокифояи маълумоти гистологӣ ва гистохимиявӣ боиси хатогиҳои коршиносон дар муайян кардани сабабҳои марг ва вақти рух додани он, инчунин муайян кардани вақти бардоштани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ва ҷароҳатҳои пешазмаргӣ мегардад [151, с. 266].

Дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббии ҷасади шахсоне, ки худро ба дор овехтаанд, ин омилҳоро метавон муайян намуд:

а) зараре, ки пеш аз овехта шудан аз ҷониби шахси бегона ё бо дасти худ расонида шудааст: метавонад нишонаи латхӯрӣ, харошиданҳо, шикастанҳо, осори буридан, осебҳо ва ҷароҳатҳои дигар. Ин ҷароҳатҳо метавонанд аз ҳолатҳои гуногун, аз ҷумла задухӯрд, садамаҳо, афтидан, зарб гирифтан ва ғайра ба амал оянд. Чунин зарарҳо метавонанд ҷисмонӣ, эмотсионалӣ ва равонӣ бошанд ва ба вазъи саломатӣ ва некӯаҳволии шахс оқибатҳои манфӣ расонанд;

б) зараре, ки дар давраи асфиксия ташаккул ёфтааст: он метавонад гуногун буда, ба давомнокии вақт вобаста аст. Баъзе аз осебҳои эҳтимолӣ, ки дар давраи асфиксиалӣ рух медиҳанд, аз гипоксия (норасоии оксиген),

ишемия (набудани хун), осеби узвҳо ва бофтаҳо аз норасоии оксиген ва аксуламалҳои эҳтимолии фишори майна ва дигар узвҳо иборатанд;

в) зараре, ки пас аз марг (ҳангоми аз ҳалқаи дор баровардани ҷасад, интиқол додани ҷасад ва ғ.) рух додааст. Ҷароҳатҳои эҳтимолии баъди марг рухдода метавонанд осори ҳалқа дар гардан, латхӯрӣ, печутобхӯрӣ, интиқоли ҷасад ба ҷойи дигар бошанд. Инчунин, осебҳои баъди марг расонидашуда метавонанд осори ҳалқа дар гардан, латхӯрӣ, ожангҳои дар натиҷаи печутобхӯриҳо пайдошуда, шикастани узвҳо ва латхӯрии онҳо баъди интиқоли ҷасад бошанд [114, с. 23].

Дар ин маврид, дараҷаи вазнинии осеби бадан (аз нуқтаи назари шиддатнокии хунравиҳо) бо вақти хунравӣ ва пайдоиши ҷароҳатҳо алоқаманд бошад. Аз мушоҳидаҳои кормандони соҳа бармеояд, ки ҷароҳатҳо чанд дақиқа пеш аз марг ва ё баъд аз марг ба амал омадаанд.

Баъди омӯзиши ин раванди ҳуқуқӣ мо метавонем чанд пешниҳоди дорои хусусияти амалидоштаро ба шакли зерин номбар намоем:

1. Хунравӣ метавонад дар ҳолатҳои осеббинии аён пас аз марг ба амалояд ва дар он ҳолатҳои зинда будани ҷабрдида эҳтимолияти мавҷудияти он ба миён наояд.

2. Хунравиҳои пешазмаргиро (дар давоми на бештар аз 10-15 дақиқа) аз хунравиҳои баъдимаргӣ фарқ кардан барои кормандони соҳа душворӣ ба миён меорад.

3. Барои ба хатогӣ роҳ надодан ҳангоми арзёбии ҷароҳатбардориҳои пеш аз марг ва ё баъд аз марг) танҳо таҳлили хунравӣ (ҳам дар сатҳи микроскопӣ ва ҳам дар сатҳи ҳуҷайра) кофӣ нест. Хулосаҳо дар бораи давраи хунравӣ нисбат ба вақти марг бояд ба омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳолати умумии ҷасад асос ёбад [87, с. 284].

Экспертизаи судӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан яке аз ҷузъҳои муҳимтарини мурофиаи судӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванди мураккаб низоми ҳуқуқӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо нақши махсус мебозад. Мафҳуми экспертиза дар мурофиаи судӣ чун амали мустақил дар

доираи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ арзёбӣ гардида, ин раванд фарогири таҳқиқот бо дарназардошти гирифтани хулосаи экспертӣ дар доираи ҷинояти мушаххас мебошад, ки ҳолатҳои мавҷуда бо далелҳои шайъӣ асоснок карда мешавад. Дар ин маврид барои таъин намудани экспертиза асос, яъне қарори суд ва ё муфаттиш лозим аст.

Экспертиза дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан бо мақсади ошкор кардан, инчунин исбот намудани гунаҳкории шахсон гузаронида мешавад ва дар ин ҷараён суд ва муфаттиш бояд рӯйхати ниҳоии амалҳои тафтишотиро пешниҳод намоянд, ки дар миёни онҳо таъин намудани экспертизаи судӣ аҳаммияти муҳимми исботнамоӣ дорад.

Экспертизаи судӣ-тиббии дорои хусусиятҳои далели шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронида мешавад. Экспертизаи судӣ-тиббӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ бештар гузаронида мешавад.

Дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аксаран масъалаҳое ба миён меоянд, ки барои ҳалли онҳо зарурати истифодаи донишҳои тиббию биологӣ пеш меоянд. Дар чунин ҳолатҳо муфаттиш, прокурор ва суд яке аз намудҳои экспертизаи судиро таъин мекунанд.

**Ташхиси муҳлат ва мушкилоти сифати таҳқиқот ҳангоми экспертизаи далелҳои шайъии дорои хусусиятҳои биологӣ.** Дар амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми исбот барои муқаррар намудани ҳолатҳои ҷиноят бо истифодаи далелҳои шайъӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Муайян намудан ва таснифоти саҳеҳи далелҳои шайъӣ барои самарабахшии фаъолият замина ба миён меорад. Мавҷудияти далелҳои шайъӣ, ки субъекти ҷиноятро нишон медиҳанд, имкон медиҳанд, ки раванди исботро объективӣ гардонида шавад.

Объектҳои гуногуни биологӣ ва доираи васеи масъалаҳое, ки мутахассисони ин соҳа дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан баррасӣ мекунанд, зарурати роҳандозии усулҳои муосирро дар таҳқиқоти ситологӣ, иммунологӣ, серологӣ, хроматографӣ ва электрофорезӣ талаб менамояд.

Ба андешаи Н.А. Звертаев ҷалби мутахассиси соҳа ба ошкорсозии ин

ҳодиса замина фароҳам меорад, ки дар ин асос чанд омили муҳимро метавон номбар кард:

а) онҳо барои баррасии воқеии маводи мавҷуда метавонанд ёрӣ расонанд, зеро ки далелҳои дар парвандаи ҷиноятӣ муҳлати дароз нигоҳдорӣ гашта, онҳо вақти зиёд тағйири шакл намекунанд;

б) омӯзиши ҷойи нигоҳдории далелҳои шайъӣ барои муайян намудани шароити нигоҳдории онҳо вобаста ба талаботи муайян (намнокӣ, равшанӣ, ғунҷоиш, ҳарорат ва ғ.);

в) ба муфаттиш оид ба чораҳое, ки барои пешгирии зарар дидани объектҳои зикршуда лозим аст, хабар додан [127, с. 183-183].

Ба осори дорои хусусиятҳои биологӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан доираи васеи объектҳои экспертизаи судӣ-биологӣ дохил мешаванд. Ҳолати ҳуҷайраҳо, намунаи мӯйи сар, хуни хушкшуда, бофтаҳо ва узвҳои тағйирёфта дар шакли умумӣ бояд мавриди омӯзиш қарор гиранд. Таҳқиқи чунин аломатҳо душворӣ ба миён меоварад [168, с. 134-135], зеро дар ин раванд объектҳои гуногун мавҷуд буда, барои омӯзиши онҳо бояд аз усулҳои гуногуни методологӣ истифода кард. Ба таври мисол, метавон экспертизаи судӣ-биологии кордеро овард, ки ҷинояткор бо он аввал кушторро анҷом дода, сипас бо он худкушӣ кардааст. Албатта, барои муайян кардани ҳолати аслии ҳодисаи мазкур як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Усулҳои муайяннамоии мансубияти гурӯҳӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан дар ҳама гуна объектҳои биологӣ мавҷуданд, аммо дар ин самт як қатор омилҳоро ба монанди ҳассосияти паст, ҳолати ғайримуқаррарӣ ва ё таъсири беруна ба хуноба бояд ба назар гирифт, ки маҳз тавассути онҳо мансубияти антигенӣ муайян карда мешавад. Илова бар ин, солҳои охир таҷрибаи коршиносон ба ҳолатҳои ошкор накардани антигенҳои навъи навин, ки ҳатто дар намунаҳои тозаи хун, секретсия ва мӯйҳо мавҷуданд, далолат менамояд [108, с. 25-26]. Дар ин сурат, мавҷудияти бемориҳои гуногун (сил, зуком, лейкоз, сироятёбиҳои дигар) аз ҷониби мутахассисон

барои ташхиси гурӯҳҳои хун душворӣ ба амал меорад [17, с. 19]. Таҷрибаи тафтишотӣ нишон медиҳад, ки ҳатто пас аз солҳои зиёд осори пайдоиши биологӣ метавонад ҳангоми экспертизаи судӣ-тиббӣ муайян карда шаванд.

Ҳамзамон, дар тибби ватанӣ таҳлили намунавӣ ва мукаммал бо дарназардошти таъсири омили маҳдудкунанда дар унсурҳои биологӣ анҷом дода нашудааст, ки дар татбиқи амалии онҳо ва баррасии масоили ҳалталаб душворӣ пеш меорад. Вобаста ба ин ҳолат чанд омили муҳим дар ин раванд бояд мадди назар гирифта шаванд: а) ба таври таҷрибавӣ омӯхтани таъсири беруна ва таркиби он (бо дарназардошти давраҳои гуногун) дар таҳқиқи объектҳои дорои пайдоиши биологӣ; б) муқаррар намудани ҳалли усулҳои истифодашаванда, ҳассосияти онҳо, ҷустуҷӯи усулҳои наве, ки мuҳлати даъворо мушаххас мегардонад; в) ташкили меъёрҳои экспертие, ки дар фаъолияти муфаттиш ва судяҳо оид ба муҳлати ташаккули далелҳои шайъии дорои пайдоиши биологӣ асоснокиро ба миён меорад; г) мунтазам ва сари вақт огоҳ намудани мақомоти дахлдор, судҳо ва коршиносони судӣ оид ба имкониятҳои мавҷуда дар муқаррар намудани муҳлати даъво ҳангоми таҳқиқи далелҳои дорои хусусияти биологӣ.

Экспертизаи судии равонӣ (психологӣ) дар парвандаҳои худкушӣ нисбати самтҳои зерин равона карда мешавад:

а) мактубҳои худкушӣ вуҷуд надоранд;

б) шоҳидони ҳодисаи куштор ва тасаввуроти кофӣ барои муайян кардани ҳодисаи ҷиноят ва гунаҳкори он мавҷуд набошад;

Нақши коршинос дар таъини экспертиза пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ муҳим аст.

Коршиносе, ки то оғози парвандаи ҷиноятӣ барои гузаронидани экспертиза таъин шудааст, вазифадор аст оид ба масъалаҳое, ки барои муқаррар намудани ҳолатҳои парванда кумак карда метавонад, хулосаи тахассусӣ диҳад. Коршинос бояд мустақилона ва беғаразона тибқи қонун ва принсипҳои илмӣ амал кунад. Муҳим он аст, ки хулосаҳои он дар оянда

ҳангоми қабули қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва худи тафтишот истифода шаванд.

**Масъалаҳои ҳалталаби ташхиси аломатҳои воқеии худкушӣ.** Дар ташхиси аломатҳои воқеии худкушӣ як қатор масъалаҳои мубраму ҳалталаб мавҷуд мебошанд. Ҳангоми пайдо намудани ҷасад аввало сабаби ба марг расидани марҳум бояд муайян карда шавад: мавҷудияти зӯроварӣ, намуди он, худкушӣ, садама ва ғ. Дар ин маврид, фаъолияти коршиносони судӣ-тиббӣ дар ҳадди имкон сурат мегирад. Экспертизаи судӣ-тиббӣ бояд муайян кунад, ки марг бо роҳи зӯроварӣ аст ё ғайризӯроварӣ, яъне категорияи марг ва сабаби он бояд муайян карда шавад.

Дар соҳаи криминалистикӣ фарқ кардани далели куштор аз худкушӣ душвор буда, дар ин самт аз ҷониби муфаттиш кӯшиши зиёд талаб карда мешавад, бахусус дар ҳолатҳое, ки амали ғайриқонунӣ маҳрум сохтан аз ҳаёт ҳамчун амали худкушӣ кардан арзёбӣ мешавад [140, с. 4-5; 186, с. 178; 189, с. 12].

Кормандони экспертизаи судӣ, равоншиносон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамеша ба хусусиятҳои патологӣ ва анатомии худкушӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд, зеро «омили иҷтимоии худкуширо шарҳ додан душворӣ пеш оварда, дар ин маврид ҳолатҳои мураккабнизом ба миён меоянд: ба таври мисол, аз ду нафар шахси ҳамсинну соли солимфикр ва ҳамзабони дар як макон истиқоматкунанда ва дорои шароити ягона яке худкушӣ мекунад ва баръакс, барои дигаре, ҳатто фикри худкушӣ нафратовар ва амали ғайриимкон мебошад. Дар зиндагӣ аксар вақт ҳолатҳое рух медиҳанд, ки онҳоро вобаста ба шароити иҷтимоиву иқтисодӣ шарҳ наметавон дод» [118, с. 59-60].

Аз солҳои 30-юми асри XIX баҳогузории худкушӣ ҳамчун як ҳолати беморӣ дар Аврупо дар чаҳорчӯбаи фанҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ шуруъ ва рушд ёфт. Табиби фаронсавӣ Этен Эскирол дар китоби худ «Оид ба бемориҳои руҳӣ» (1838) таъкид кардааст, ки «... инсон танҳо дар ҳолати бемории руҳӣ қасд ба худкушӣ мекунад ва шахсияти худкуш девона аст». Ҳамватани Э.

Эскирол, табиб С. Бурден дар асари худ «Худкушӣ ҳамчун беморӣ» (1845) исбот мекунад, ки худкушӣ як бемории аслӣ мебошад [7, с. 591]. Табиби англис Форбес Винсол дар китоби «Анатомияи худкушӣ» (1840) таъкид мекунад, ки «мутахассисон, асосан, бар он андешаанд, ки майли худкушӣ бо заъфи майна ва узвҳои ҳозима алоқаманд аст» ва мегӯяд, ки «меъда», «ҷигар» ва «рӯдаҳо» узвҳои ҳассоси патологӣ дар ин раванд ба ҳисоб меравант [124, с. 7-8; 153, с. 9-10].

Дар собиқ ИҶШС ин мафҳумҳоро таҳти унвони «ҳолати вулгарии биологӣ дар раванди судӣ» баррасӣ мекарданд [99, с. 571]. Дар ин самт корҳои олими равоншиноси итолиёвӣ К. Ломбросо, ки он ба омӯзиши хислатҳои «шахси ҷинояткор» бахшида шуда буд, арзишманд арзёбӣ мегардад [101, с. 589]. Бо вуҷуди он ки олимон худкуширо беморӣ номидаанд, муҳаққиқони гуногун омилҳои худкуширо ҳамоно баҳогузорӣ менамоянд.

Дар ибтидои асри 20-ум табиби австриягӣ Антон Брош беш аз 370 ҷасади мансуб ба худкуширо мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки дар 7,6% ҳолат ӯ нишонаҳои бемории руҳиро ошкор кардааст [122, с. 76-77]. Дар ҳамин давра, таҳқиқоти олимони олмонӣ Геллер ва Оллендорф сурат гирифт, ки мағзи сари 600 нафар шахси қасди худкушидоштаро мавриди омӯзиш қарор доданд. Натиҷаи омӯзиш нишон медиҳад, ки анқариб дар ҳамаи онҳо тағйирот, гиперостозҳо ва склерози косахонаи сар ба қайд гирифта шудаанд [39, с. 297].

Баъдан А.И. Крюков ва дигар табибон косахонаи сари шахсони ба худкушӣ дастзадаро муоина намуда, ба омили пеш аз муҳлат ҳамҷояшавии пайвастаҳои устухони сар диққати худро равона карданд (одатан, ин пайвастаҳо пас аз 50 сол пӯшида мешаванд, аммо дар ин навъи шахсон аллакай дар синни ҷавонӣ чунин ҳолат рух медиҳад), ҳамчунин буришҳо ва номунтазамии устухону бофтаҳои косахонаи сар, тунук шудани сарпӯши косахонаи сар ва ғайра ба мушоҳида мерасад [49, с. 56-72]. Баъди чандин соли таҳқиқ А.И. Крюков ба чунин хулоса меояд: «Тақрибан 30 сол дар бораи косахонаи сари шахсони қасди худкушикарда ва онҳое, ки бо дигар сабабҳо

фавтидаанд, бо истифода аз миқдори зиёди ташхиси судӣ маро ба чунин хулоса овард, ки ин тағйирот дар косахонаи сар на танҳо шахсони қасди худкушидошта дахл дорад, балки ин ҳолат, дар нафарони муқаррарӣ низ ба қайд гирифта шуд [136, с. 295-296]. Чунин ақида дар асри XIX аз ҷониби муҳаққиқи итолиёвӣ Ҷузеппе Пели низ қайд шудааст [35, с. 159].

В.П. Гавриловский натиҷаҳои мушоҳидаҳои 11-солаи худро ҳангоми муоинаи ҷасадҳои шахсони ба худкушӣ дастзада нашр кард. Ба андешаи ин олим, фарқи асосии ин гуна шахсон дар хурдии дил ва тангии рагҳои хунгард нисбат ба вазни умумии тамоми бадан, тағйироти ғадудҳо ва варами майна мебошад. «Чунин тағйирот бештар дар ҷасади шахсоне ба вуҷуд омад, ки худкушии онҳо дар мавриди тафтишот асоснок карда нашудааст» [118, с. 59-60].

Олими дигари соҳа Д.И. Зискинд аломатҳои таназзули косахонаи сари ин қабил одамонро ҳанӯз дар соли 1930 тасниф кардааст. Баъди таҳқиқи ин раванд олим хулосаҳои худро ба таври зайл баён мекунад: «Дар баъзе ҳолатҳо муайян кардан хеле душвор буд, ки сабаби куштор амали худкушӣ буд ва ё садама ва дар сурати мавҷудияти ташхиси дифференсиалии судӣ-тиббӣ ин омилҳои баҳсталаб ҳатман ҳалли худро меёфтанд [128, с. 49].

Ин андешаи олимон дар ҳамон давра арзишманд арзёбӣ мегардид. «Низомнома дар бораи экспертҳои тиббӣ», ки онро Комиссариати халқии соҳаи тандурустӣ ва адлияи аз 24 октябри соли 1921 қабул карда буд, ба мутахассисони соҳа имконият фароҳам овард, ки омилҳои асосии ба худкушӣ даст заданро муайян кунанд. Ҳангоми гузаронидани экспертиза ба корманди соҳа ҳуқуқи бештар дода шуда буд: ӯ ҳуқуқ дошт, ки ҳамаи санадҳои дахлдор, мукотиба ва далелҳои шайъиро талаб намояд; метавонист ҷойи ҳодисаро аз назар гузаронад, бо ҷабрдидагон, шоҳидон ва шахсони дахлдор суҳбат кунад. Иштироки муфаттиш дар ин амалҳои коршиноси тиббӣ пешбинӣ нашудааст [181, с. 15].

Ба андешаи С.Н. Еремин, дар миёнаи солҳои 30-юми аз сабаби нодурустии дастурҳои Комиссариати халқии тандурустӣ, ки кори табибони

судиро танзим мекунанд, фаҳмиши мафҳуми эксперти судӣ-тиббӣ ҳамчун судяи асосӣ ташаккул ёфт. Духтурони соҳаи судӣ дар бахши ҷиноятҳои дигар роҳ ёфтанд (куштор, худкушӣ, садама), ҳатто то ба муайян кардани гуноҳи шахси гумонбар [184, с. 21].

Ин масъала бо гузашти вақт тавассути таҳқиқоти зиёд аз ҷониби олимони соҳа мавриди омӯзиш қарор гирифт. Масалан, Х.Г. Эритс чунин таъкид мекунад: «Аксар вақт, вобаста ба ҳолатҳои ҳодиса, маълумотҳои пайгирӣ ва асноди тиббӣ ва бо дарназардошти натиҷаҳои муоинаи ҷасад, робитаи ошкори амали худкушӣ ва беморӣ муайян мешавад. Дар таҳқиқоте, ки мо анҷом додем, дар 64% ҳолатҳои худкушӣ бемориҳои гуногуни музмин ошкор шуданд, ки метавонанд сабаб ё ангезаи амали худкушӣ бошанд». Ин маълумот метавонад барои муфаттишон дар таҳқиқоти парвандаҳо кумак расонад.

В.С. Тишина дар таҳқиқоти худ ҳолатҳои марги бо хислатҳои зӯроварона ва патогениро, ки ба панҷ гурӯҳ тақсим мешаванд, баррасӣ мекунад. Аз ин панҷ гурӯҳ дутои онҳоро метавон зикр кард: вайрон шудани ҳолати ногаҳонии фаъолияти системаи марказии асаб, ба монанди марги фаврӣ, бо нишонаҳои гликоген ва шакар дар ҷигар, ки дар натиҷаи осеб ба амал меояд. Ин гуна марг метавонад як нишондиҳандаи системаи марказии асаб (ҳисси худкушӣ) бошад, ки бо камшавии карбогидратҳои ҷигар ва пайдоиши нишонаҳои қанд дар пешоб алоқаманд аст. Ба иборай дигар, агар қабл аз амали худкушӣ давраи муайяни омодагӣ ба марг вуҷуд дошта бошад, пас тавассути таҳлилҳои патологоанатомӣ метавонад муайян шавад.

Нишондиҳандаи дигаре, ки бо худкушӣ алоқаманд аст, тағйирот дар ғадудҳои гурда мебошад. Олими соҳа В.И. Алисиевич чунин таъкид мекунад: «Кормандони тиббӣ дар соҳаи экспертизаи судӣ бояд аломатҳои ангезиши системаи асаб-эндокриниро хуб донанд ва тавассути он муайян карда шавад, ки организм пеш аз марг дар ҳолати стресс қарор доштааст. Тағйирот дар ғадудҳои гурда барои ташхиси стресс аҳаммияти муҳим дорад. Баррасии ҳолати фарорасии марг дар ҳолати худкушӣ, одатан вобаста ба ҳолати стресс

мебошад [103, с. 23], ки метавонад барои фарқ кардани худкушӣ аз амали сохтакорӣ кумак кунад».

Вобаста ба ҳолатҳои мазкур миёни кормандони экспертизаи судӣ-тиббӣ пурсиш гузаронида шуд. Дар ин маврид ду савол ба коршиносон пешниҳод карда шуд:

1. Оё табибони соҳаи судӣ маълумот дар бораи барвақт шифо ёфтани пайвастагиҳои косахонаи сари одамонеро, ки даст ба худкушӣ задаанд, ҳамчун аломати ташхисии майли шахс ба худкушӣ истифода мебаранд?

2. Оё табибон айни замон барои муайян кардани мавҷудияти ҳолати руҳафтодагӣ дар шахси ба худкушӣ дастзада таҳқиқоти иммуногистохимикиро истифода мебаранд?

Бо вуҷуди ин, тартиби ташкил ва гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ дар муассисаҳои судии тиббӣ, ки дар бораи усулҳои маъмули худкушӣ ва хусусиятҳои ташаккулёбии устухонҳои косахонаи сар вобаста ба ташхиси ҳолати депрессия бо истифода аз усулҳои иммуногистохимикӣ ба таври ҷиддӣ нигариш намешавад ва таҳқиқоти олимон дар ин соҳа аз ҷониби коршиносони судӣ истифода намешаванд. Дар айни замон, усули тиббие, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор тасдиқ шудааст, дар амалияи коршиносони судӣ-тиббӣ истифода мегардад [34, с. 380].

Дар баробари ин, аз мазмуни баъзе асару мақолаҳо метавон хулосагирӣ кард, ки муносибати коршиносон ба масъалаи таҳқиқшаванда гуногун мебошад.

Дар ин самт солҳои охир корҳои илмӣ сурат гирифта, асарҳои Поркшеян О.Х. барои такмили фаъолияти эндокринологҳо ва кормандони мақомоти тафтишотӣ ва судӣ раҳнамои хубест [153, с. 6-11].

Натиҷаҳои ин таҳқиқот имкони бо эҳтимолияти баланд ташхиси мавҷудияти худкуширо фароҳам месозад. Ба андешаи муаллифон, дар худкушӣ, дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ, афзоиши вазни ғадуди гурдаи чап ва аломатҳои афзоишёбии он ба мушоҳида мерасад [10, с. 59]. Ҳамзамон, ҳангоми худкушӣ фаъолияти ғадуди гурдаи чап, инчунин ҳолати узвҳои

фарогири гурдаи рост заъф меёбад. Бо истифода аз таҳлили дискриминантӣ тавассути се нишондиҳандаи ҳолати морфофунксионалии ғадудҳои гурда бехато натиҷаи осеби расонидашуда ва кӯшиши анҷомёфтаро дар худкушӣ метавон муайян кард» [10, с. 60]. Ин маълумот метавонад барои муфаттишон дар ҳолатҳое муфид бошад, ки навъи куштор номуайян аст. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, ташхиси судӣ-тиббӣ дар чунин мавридҳо бо иштироки мутахассисони соҳаҳои гуногун сурат хоҳад гирифт. Илова ба усулҳои иммуногистохимикӣ, худкуширо метавон тавассути таҳқиқоти дерматоглифӣ ба таври муассир ташхис кард.

Аз нуқтаи назари илми криминалистика, мавзуи дерматоглифика ба омӯзиши қабатҳои пӯст нигаронида шудааст ва он як соҳаи махсусест, ки ба системаи донишҳои антропологӣ шомил карда шудааст [135, с. 183].

Асосгузори соҳаи дерматоглификаи криминалистикии рус В.В. Яровенко ин мафҳумро чунин тавзеҳ медиҳад: «Дерматоглификаи судӣ як соҳаи мустақили пайшиносӣ (изшиносӣ) аст, ки аломатҳо ва хусусиятҳои изҳои мураккабнизом, ҳолати дасту пойҳо, қатшавии узвҳо (флексия), ожангҳои функсионалӣ ва пӯсти одам, инчунин осори дар онҳо мавҷударо тавассути фаъолияти тафтишотӣ бо мақсади муайян кардани хусусиятҳои бадан, ки вобаста ба аломатҳои генетикӣ, миллӣ ва ҷуғрофӣ бозгӯӣ карда мешаванд, мавриди омӯзиши мукаммал қарор медиҳад» [177, с. 50].

Таҳқиқоти дерматоглификӣ на танҳо дар соҳаи криминология, балки дар риштаҳои тиббӣ, антропология ва этнография низ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Дерматоглификаи тиббӣ маълумотҳоро дар бораи хусусиятҳои шакли пӯсти даст дар доираи бемориҳои мухталиф пешниҳод мекунад [113, с. 10-11]. Дар солҳои охир гурӯҳе аз муҳаққиқон ба таҳқиқи хусусиятҳои дерматоглифҳо дар контексти амали худкушӣ таваҷҷуҳ карданд, ки аломатҳои тавсифии онҳо дар сохтори пӯст, дар муқоиса бо гурӯҳҳои дигар, фарқият нишон медиҳанд [166, с. 100-103]. Ҳамчун самти нав дар дерматоглификаи судӣ, метавон психодерматоглифияро ном бурд, ки ба ташхиси ҳолатҳои девиантӣ нигаронида шуда, масъалаҳое, чун муносибати

зӯроварӣ ба дигарон, истеъмоли машрубот, маводи мухаддир, тамокукашӣ, оворагардӣ ва худкуширо дар бар мегирад [177, с. 51].

Барои тасдиқи ин гуфтаҳо, метавон ба таҳқиқоти як гурӯҳи табибони соҳаи судӣ такя кард, ки онҳо изи пӯсти пойҳои ҷасади 98 марди аз истеъмоли маводи мухаддир фавтидаро омӯхтаанд, ҳамчунин ҳолати 50 нафареро, ки ба худкушӣ даст задаанд (аз рӯйи натиҷаҳои тафтишот) мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ҳамчун гурӯҳи озмоишӣ изи ҷасадҳои мардоне, ки бо сабабҳои дигар фавтидаанд, истифода шуданд. Дар амали худкушӣ аломатҳои тавсифии дерматоглификаи пойҳо дар сохтори пӯстро дар муқоиса бо гурӯҳи дигар зиёдтар метавон мушоҳида кард. Ҳамзамон, дар шахсоне, ки маводи мухаддир истеъмол мекарданд ва ба худкушӣ майл доштанд, як қатор тағйироти аломатҳои инфиродии дерматоглифҳо муайян карда шуданд [166, с. 100-103].

Мутахассиони соҳаи судӣ-тиббӣ, ба монанди С.А. Иваненко, А.П. Божченко ва И.А. Толмачёв усули ташхиси майл ба худкуширо, ки бо истифода аз 20 аломати мавҷуда дар минтақаҳои гуногуни пӯсти дасту пойҳо таҳия шудааст, пешниҳод карданд. Ба гуфтаи муаллифон, майл ба худкушӣ ҳамчун нишондиҳандаи ноустувории системаи асаби инсон дар ҳолати стресси музмин дониста мешавад, зеро худкушӣ як ҷузъи рафтори номуносиб ба ҳисоб меравад. Онҳо инчунин таъкид мекунанд, ки самаранокии моделҳои таҳияшуда дар ташхиси ангуштҳо 83%, ангуштони пойҳо 82%, кафи дастон 76% ва пойҳо 74% мебошанд. Таҳқиқоти онҳо дар ҳамбастагӣ бо усулҳои дигар имконият медиҳанд, ки хавфи худкушӣ дар амалияи экспертизаи судӣ-тиббӣ ва судӣ-психиатрӣ муайян карда шавад ва дар амалияи судӣ истифода шаванд [129, с. 27-28].

Бо дарназардошти ин маълумот, саволи муҳим дар самти экспертизаи судии дерматоглификӣ бармеояд: оё дерматоглификаи минтақаҳои пӯсти дасту пойҳои шахси фавтида (насаб, ном, номи падар) аломатҳои майл ба худкуширо ошкор мекунад ва дар кадом шакл?

Ғайр аз ин, бояд қайд кард, ки «дерматоглифика ҳамчун аломати

генетикӣ танҳо як шарти пешгӯии рафтор ва ҳолати равонии шахс аст. Меъёрҳои дерматоглификӣ асосан дар соҳаи варзиш самарабахш истифода мешаванд. Аммо, набояд фаромӯш кард, ки ҳолати дерматоглификӣ наметавонад кафолати 80% ва ё 100%-и дастовардҳои варзиширо таъмин намояд.

Дар танатология, ки як соҳаи илм аст, ки ба ҷанбаҳои фарорасии марг вобаста мебошад, айни замон як қатор таҳқиқотҳои ғайрианъанавӣ мавҷуданд, ки натиҷаҳои онҳо ба тафтиши дақиқ ва коркарди навин ниёз доранд [78, с. 108]. Дар соҳаи танатологияи судӣ-тиббӣ усул ва воситаҳои муосири ташхис истифода мешаванд, аммо мазмуну мундариҷа, эътимоднокӣ ва объективии онҳо на ҳамеша талаботи табибон ва муфаттишони судиро қонеъ мекунад [164, с. 43]. Таҳқиқоти биоэнергияи организмҳо имкон дод, ки мутахассисони кишварҳои гуногун хулоса бароранд, ки ҷанбаҳои иттилоотиву энергетикӣ пас аз марг зуд нест намешаванд. Бо дарназардошти ин, мутахассисони соҳа бо истифода аз таҷҳизоти махсус кӯшиш мекунанд, ки маълумот дар бораи ҳолати қаблии организм, ки зинда буд, ба даст оранд. Вақте ки «эффекти Кирлиан» дар назар аст, криминологҳо ва олимон таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Усули Кирлиан, ки барои аксбардории объектҳо дар дараҷаи баландбасомади барқ истифода мешавад, соли 1949 дар ИҶШС иҷозатнома гирифта шуд.

«Эффекти Кирлиан» дар таҳқиқоти таҷрибавии солҳои 1990 аз ҷониби кормандони институти механика ва оптикаи Санкт-Петербург бо роҳбарии профессор К.Г. Коротков истифода шудааст. Ин олим бар он андеша аст, ки майдонҳои иттилоотӣ ва энергетикӣ чанд рӯз пас аз марг дар ҷасади шахси фавтида нигоҳ дошта шуда, тадриҷан аз байн мераванд. К.Г. Коротков бар он андеша аст, дараҷаҳои физикии ин майдонҳо ба таври эътимоднок сабаби маргро нишон медиҳанд, онро метавон чунин тавсиф намуд: а) бо сабабҳои табиӣ вобаста ба ҳолати организм; б) дар натиҷаи офатҳои табиӣ дар ҳолатҳои гайричашмдошт (нақлиёт ва ғ.); в) бо сабаби худкушӣ ё амали зӯроварии ҷинояткор [38, с. 205].

Ҳамаи озмоишҳо ҳангоми ташхиси ҷасади шахсоне, ки аз сабабҳои гуногун ҳалок гардидаанд, дар як шароит: дар як хона, бо як таҷҳизот дар ҳолати муайяни муътадил гузаронда мешуданд. Озмоиш асосан аз рӯзи ҷумъа то душанбе гузаронида шуданд, яъне онҳо се рӯзи пурраро дар бар гирифтанд ва ду маротибагӣ дар чор рӯз давом карданд. Вақти озмоиш дасти чапи мурда дар электрод дар ҳолати муайян гузошта шуд.

Дар давоми рӯз ҳар соат хусусияти шуоқабулкунии дасти чап, ангуштон, ангушти ишоратӣ, миёна ва ангуштони хурд гирифта мешуданд, ки онро тавассути низоми махсус месанҷиданд. Барои коркарди компютерӣ ҳар як акси бо аксбардор дар ҳолати муайян гирифта мешуд. Тасвирҳои компютерӣ бо истифода аз нармафзори махсус таҳияшуда коркард карда шуданд [115; 116; 38, с. 205;134, с. 48].

Ба гуфтаи К.Г. Коротков, хатҳои шуоқабулкунанда (индикаторҳо), ки бо асбобҳои махсус аз лаҳзаи марг на камтар аз се рӯз пайиҳам ба қайд гирифта шудаанд, дар таҷриба хусусиятҳои зеринро барои гурӯҳҳои ҳолатҳои дар боло зикршуда нишон доданд.

1. Нишондоди каҷхатҳо бо дараҷаи нисбатан хурди ларзишҳо осори марги табиӣ мебошанд.

2. Нишондоди каҷхатҳо бо дараҷаи нисбатан хурд ва мавҷудияти сатҳи баланди он осори марг дар натиҷаи офати табиӣ мебошад.

3. Нишондоди каҷхатҳо бо дараҷаи нисбатан калон, ки бардавом аст, осори худкушӣ ва ё куштор аст [38, с. 205].

Соли 2002 К.Г. Коротков андешаи худро оид ба тафтиши ҳолати марги фавтидагон дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан баён кард: «Агар пештар мо танҳо ба ҷисмҳо шуо афканда, майдонҳои иттилоотии пас аз марг боқимондаро бозгӯй, ҳоло бо онҳо ба таври нав дахл менамоем, маълумотеро, ки онҳо дар тӯли ҳаёт ҷамъоварӣ кардаанд, қабул ва мавриди тафтиш қарор медиҳем. Сарфи назар аз табиати мураккаби чунин ғоя (идея), таҳқиқоти пешакӣ нишон дод, ки он то андозае амалишаванда мебошад» [117].

Барои муайян кардани эҳтимолияти марги зӯроварӣ дар ҳолатҳои ташхиси номуайян он хеле умедбахш аст, аммо баррасии ин масъала аз ҷониби мақомоти дахлдор ва гурӯҳи олимон ба ихтилофҳо рӯ ба рӯ гардид.

Е. Шишов дар бораи бесамарии ин усул андешаронӣ намуда, ба таҳлили раванди техникии он дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан камтар таваҷҷуҳ намудааст [171, с. 83]. Академик Е.Б. Александров, чунин қайд кардааст: «Мо бояд хидмати шоистаи Коротковро қадрдонӣ намоем, зеро ки маълумоти таҷрибавии пешниҳодкардаи ӯ амалан муҳиманд. Ин дастовард ба таври ғайричашмдошт амалӣ гаштааст. Муаллиф, ки худро физик меҳисобад, бо шуоафканиҳои гуногун сарукор дошта, ӯ дар бораи «Руҳи олӣ» ва «Олами маҷозӣ» сухан мекунад, ба воқеияти ғайриимкон боварӣ дорад... Андешаи олим таассуроти баландро дар шахс мегузорад» [102, с. 28].

Ба таври дигар, дастоварди К.Г. Коротков чун усули Л.М. Вилданов арзёбӣ мешавад, ки бо истифода аз ашёи шахси ғайбзада ҷустуҷӯи ӯ амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, олимони криминалистикӣ як намуди нави фаъолияти электрикиро дар узвҳои субъекти фавтида сабт карданд, ки он фаъолияти электрикии мавҷи суст (ФЭМС) номида мешавад. Ин усул барои таҳияи меъёрҳои коршиносӣ дар муайянсозии давомнокии марг истифода мешавад [145, с. 13]. Дар ҳолати марг мушакҳо ҳангоми ангезиши электрикӣ контраксияро идома медиҳанд, ки ин аксуламалҳои пас аз марги узвҳо ва бофтаҳоро барангезишҳои суправиталӣ меноманд [53, с. 19].

Дар умум метавон чунин хулосабарорӣ кард, ки сатҳи донишҳои илмии муосир, пеш аз ҳама дар соҳаи судӣ-тиббӣ ба қадри кофӣ баланд буда, муфаттиш дар заминаи он метавонад оид ба амали худкушӣ қарори қонунии асоснок қабул намояд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми қабули қарор дар бораи таъин намудани экспертизаи судӣ-психологӣ ё экспертизаи маҷмуии судӣ-психологию равонпизишкӣ оид ба категорияи парвандаҳои ҷиноятии баррасишаванда на камтар аз ду савол бояд ифода карда шавад:

1. Дар давраи пеш аз худкушӣ шахс дар кадом ҳолати руҳӣ қарор дошт?

2. Оё байни амали субъект (куштор) ва ҳолати руҳии ӯ дар давраи пеш аз худкушӣ робитаи сабабу натиҷа вуҷуд доштанд?

Мо бояд фикри В.Н. Китаевро, ки гузаронидани экспертизаи судии психологиро дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан зарур мешуморад, тарафдорӣ намоем. Ин омилҳо дар ин раванд муҳим арзёбӣ шудаанд:

а) мактубҳои худкушӣ вуҷуд надоранд;

б) шоҳидони ҳодисаи куштор ва тасаввуроти кофӣ барои муайян кардани ҳодисаи ҷиноят ва гунаҳкори он мавҷуд набошад;

в) муфаттиш ва кормандони оперативӣ бояд маълумоти пурра оид ба ҳодиса дошта бошанд, ки он тафтиши дурустро талаб мекунад (маълумоти кормандони ВКД, аз хешовандон, шиносон ва ҳамкорони шахси худкушинамуда ва ғ.) [131, с. 2-3; 132, с. 39].

Дар байни амалҳои муҳимми тафтишӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан экспертиза ҷойи махсусро ишғол мекунад [31, с. 7]. Ин, пеш аз ҳама, экспертизаи судӣ-тиббии ҷасад ва як қатор намудҳои муайяни экспертизаи судӣ мебошад.

Дар баробари ин, то ҳадди имкон истифода бурдани маълумоти ин санҷишҳо муҳим аст. Ҳамин тавр, экспертизаи судӣ – тиббии ҷасад хусусиятҳои ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ва сабаби маргро муайян мекунад (ин дар тафтиши куштор хеле муҳим аст) [96, с. 5].

Бо дарназардошти он ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббии ҷасад дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан баррасии далелҳое пеш меоянд, ки он аз коршиносон саволҳои иловагиро талаб мекунад, инчунин ҳолатҳое муайян карда мешаванд, ки тафтиши фавриро талаб намуда, дар рафти гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ ҳузури муфаттиш муҳим арзёбӣ мешавад [88, с. 257].

Дар ин маврид, риоя нагардидани баъзе меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятиро мушоҳида мекунем, ки дар ин раванд вақт ва самаранокии таҳқиқи куштор кам гардида, норасоиҳо дар ташхиси судӣ-тиббии ҷасад ба тафтиш, муайянсозии намуди куштор, ҳолатҳои муайяннамоии ҷинояткорон

(шахси гунаҳкор) таъсири манфӣ мерасонанд. Дар ин самт дар амалияи судӣ як қатор камбудиҳои ҳалталаб ба назар мерасанд.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $208^1$ бо мазмуни зерин ворид карда шавад:

Моддаи $208^1$

1. Агар барои муқаррар намудани ҳолатҳои барои ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ таъин намудани экспертиза зарур бошад, муфаттиш то оғози парвандаи ҷиноятӣ экспертиза таъин намоянд.

2. Асос барои таъини экспертиза пеш аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ метавонад зарурати гирифтани маълумот ё далелҳои пешакӣ бошад, ки барои муқаррар намудани далелҳои барои оғози эҳтимолии парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд мусоидат мекунанд.

3. Таъин намудани экспертиза пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ дар асоси дархости муфаттиш ё дигар мақомоти ваколатдор гузаронида мешаванд.

4. Аз рӯйи натиҷаҳои экспертиза хулосае тартиб дода мешавад, ки он метавонад барои қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, инчунин дар оянда дар рафти тафтишот ва дар суд, агар парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шавад, истифода шавад.

5. Натиҷаи экспертизаи то оғози парвандаи ҷиноятӣ барои қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ асос мегардад, агар дар асоси ин натиҷаҳо аломатҳои ҷиноят муқаррар карда шаванд.

Дар акси ҳол, хатогиҳои ҷиддӣ содир мешаванд, ки онҳоро ба таври зайл метавон тавсиф намуд:

1. Аксаран бо қарори таъин кардани экспертиза ба эксперт нусхаи протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва ҷасад фиристода намешавад.

2. Дар бештари ҳолатҳо, ҳангоми таҳияи қарори таъин кардани экспертиза на ҳамаи масъалаҳои зарурӣ ба инобат гирифта мешаванд ва ин боиси экспертизаи иловагӣ мегардад.

3. Дар қарор оид ба таъин намудани экспертиза маълумот дар бораи

ҳолатҳои барои коршинос муҳим, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷасад дар ҷойи ҳодиса муайян карда шудаанд, оварда намешавад.

4. Муфаттиш аксар вақт ҳангоми экспертизаи ҷасад ҳузур надорад ва бинобар ин, аз имконияти ба миён гузоштани саволҳои иловагие, ки дар асоси натиҷаи ташхис ба миён меоянд, маҳрум аст ва наметавонад фавран аз коршинос тавзеҳоти нави зарурӣ гирад.

5. Ашёҳое, ки ҳангоми ташхиси ҷасад ошкор шудаанд (тирҳо, бозмондаҳои силоҳ, сочма, осори милтиқ ва ғ.) на ҳама вақт мусодира карда мешаванд ва онҳо бояд дар алоҳидагӣ азназаргузаронӣ ва ба парванда ҳамчун далели шайъӣ дохил карда шаванд.

6. Бештари ҳолатҳо дар баробари ҷасад либоси он ба экспертиза пешниҳод карда намешавад, ки ин барои муайян кардани хусусиятҳои аслиҳаи ҷиноят хеле муҳим аст.

7. Ҳангоми ошкор шудани силоҳи эҳтимолии куштор он ба коршиносе, ки азназаргузаронии ҷасадро мегузаронад, пешниҳод карда намешавад, ки дар ин замина муайян кардани зарари ба ҷасад аз ин силоҳ расонидашуда имконнопазир аст.

8. Ҳангоми ташхиси ҷасад, гирифтани узвҳои дарунии алоҳида, пораҳои либос ва қитъаҳои пӯст бо осори силоҳи ҷиноятӣ ё дандонҳо, намунаҳои хун, мӯй, анвои ғизо ва ғайра дар хулосаи экспертизаи судии тиббӣ на ҳамеша инъикос меёбанд. Агар ин ашё баъдан барои дигар намудҳои экспертиза фиристода шаванд, гирифтани онҳо бояд бо тартиб додани санади азназаргузаронӣ аз ҷониби муфаттиш бо иштироки эксперти судӣ гузаронида шавад. Ба таври воқеӣ ин амал анҷом дода намешавад, аз ин рӯ, гузаронидани санҷишҳои минбаъда душвор аст.

9. Дар парвандаҳои куштор экспертизаи мураккаби судии тиббӣ нисбатан кам таъин карда мешавад, ки осори хун, арақ, оби даҳон, пешоб, наҷосат, осори дандон ва нохунҳо, инчунин ашё, аз қабили мӯйро тафтиш мекунад.

Фаъолияти самараноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан бидуни истифодаи донишҳои махсуси дар шакли экспертизаи судӣ амалишаванда ғайриимкон аст. Миёни экспертизаи криминалистикӣ экспертизаи судиро ба таври алоҳида меомӯзанд.

Экспертизаи судии криминалистикӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан барои баровардани ҳукми объективӣ ва ошкорсозии ҷиноятҳо аҳаммияти муҳимро касб менамояд. Экспертизаи криминалистикӣ ба методологияи илмии омӯзиши далелҳои шайъӣ асос ёфта, барои муқаррар намудани маълумоти объективӣ дар парвандаи ҷиноятӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунанда ба экспертиза, тартиби мурофиавии таъини он, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои коршиносон, бақайдгирии мурофиавии натиҷаҳои таҳқиқот, арзиши далелҳо, хулосаи коршиносон ва омилҳои дигар дар парванда диққати ҷиддӣ дода мешавад.

# ХУЛОСА

Дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои мансуб ба тафтиши ба худкушӣ расондан муаллиф ба хулосаҳои зерин омад:

1. Тавсифи криминалистикии ҷинояти ба худкушӣ расондан чунин аломатҳои такроршавандаи муҳимро дар бар мегирад: 1) усули содир кардани ҷиноят; 2) макон ва ваъият; 3) вақти содиршавии ҷиноят; 4) шахсияти ҷабрдида (зарардида); 5) шахсияти ҷинояткор; 6) осори хоси ҷиноят [1-А].

2. Яке аз психотипҳои маълумтарине, ки даст ба худкушӣ мезананд-ин психотипи истероидӣ (ҷалбкунанда) ё намоишкорона мебошад. Ба психотипи мазкур худбаҳодиҳии зиддиятнок (ҷанҷолӣ ё мунокишаҷӯёна) хос мебошад. Ин равандро метавон бо он маънидод кард, ки аз як ҷиҳат, дар психотипи мазкур хислати худпарастӣ ва тавсифи аҳаммиятнокии худ дар назари омма мушоҳида мешавад. Аз ҷиҳати дигар, чунин психотипи шахсият ҳангоми қабули қарорҳо ва иҷрои вазифаҳои додашуда ҳамеша ба тавоноии худ эътимод надоранд. Одамоне, ки ба психотипи истероидӣ тааллуқ доранд, зуд ва пурра аз мушкилоти воқеӣ ба ҷаҳони некӯаҳволии хаёлӣ (яъне, аз ҳушу хаёл дур кардан) мегузаранд. Онҳо муоширати интихобӣ доранд ва танҳо шахсонеро ҳамсуҳбати худ интихоб менамоянд, ки табиати намоишкоронаи онҳоро ҳамон гунае, ки зоҳир шудан мехоҳад, дарк мекунанд. Навъи истероидӣ хеле худписанд мешавад ва эстетикаро (зебоиро) муҳимтарин омили ҳаёт медонад, бинобар ин онҳо ҳеҷ гоҳ худро аз баландӣ ба поён намепартоянд, рагҳои вариди дасташонро намебуранд ва ба худ тирандозӣ намекунанд, зеро ин метавонад намуди зоҳириро бадшакл намояд ва эстетикӣ намебошад. Одамоне, ки шахсияти навъи истероидӣ доранд, даст ба худкушии худпарастона мезананд ва бо рафтори хеш чун ҳолати бемадории доимӣ, ки фаъолияти инсонро халалдор месозад, тавсиф мешавад. Ин навъ дар дарки робитаи тарафайн бо олами беруна ва таъсири омилҳои беруна ба рафтори шахс душворӣ мекашад [12-М].

3. Психотипи навбатӣ-эпилептоидӣ мебошад. Ба эпилептоидҳо ҷамъшавии ниҳонии эҳсосоти манфӣ хос мебошад, ки баъдан ногаҳон ба муҳити беруна дар рафтори барои ин шахс ғайричашмдоште, ки бо доштани хусусияти зиддиҷамъиятӣ тавсиф мешавад, хуруҷ менамояд. Онҳо тафаккури часпанда ва хотираи эҳсосии интихобӣ доранд, ки ба шарофати он метавонанд дар тӯли якчанд солҳо ранҷишҳоро ба ёд оранд ва ғаму андуҳи онро аз сар гузаронанд. Онҳо мизантропҳо (инсонбадбинҳо) мебошанд, ки дар аксар ҳолатҳо ангезаи амиқи рафтори онҳоро муайян мекунад. Онҳо дуруштхӯ, қавиирода, хашмгин буда, ба ҳаёт (хусусан ҳаёти дигарон) муносибати бепарвоёна доранд. Рафтори онҳо пешгӯинашаванда мебошад, ки сабаби ин тундмизоҷӣ (бадқаҳрӣ) ва мавҷудияти майлу ҳавасҳои зиддиҷамъиятие мебошад, ки эпилептоид ба он муқобилат карда наметавонад (масалан, қиморбозӣ, оворагардӣ, мастигарӣ, ҳамҷинсгароӣ (ливотагароӣ, ливота, гомосексуализм). Эпилептоидҳо чи дар ҷойи кории худ ва чи дар хона ба тозагӣ ва ботартиб ҷойгиршавии объектҳо диққати калон медиҳанд. Онҳо мустақилона, дар ҷойи инфиродӣ (алоҳида), бе кумак ва бе шарикон кор карданро афзалтар медонанд. Ин психотипи шахсият бо назофат ва аккуратизми (покизакории) безоркунанда (дилгиркунанда) тавсиф меёбад.

4. Шахси типи параноидӣ ҳангоми аз байн рафтани ғояҳои ӯ даст ба худкушӣ мезанад ва барои ин кор усулҳои гуногунро интихоб менамояд. Дар дохили истиқоматгоҳи шахсони типи мазкур ғояе, ки инсон тамоми умр ба хотири он зинда будааст (дар орзуи он будааст) (ширкат, клуби спортӣ, зиёфат), равшан ифода ёфтааст. Аксаран ин типи шахсият даст ба худкушии беғаразона мезананд, ки комилан муқобили худкушии худхоҳона мебошад. Баръакси худкушии эгоистӣ (худпарастона), ки одатан бо талафи пурраи қувват тавсиф мешавад, худкушии алтруистӣ ба эҳсоси пурҷӯш, ки бо зуҳури қуввату ғайрат ба миён меояд, асос ёфтааст.

5. Навъи шахсият, ки бо мафҳуми эҳсосӣ алоқаманд аст, хусусиятҳои муайяне дорад, ки дар системаи сусти асаб зоҳир мешаванд. Дар чунин

шахсиятҳо аксуламали эҳсосӣ ҳадди пастро нишон медиҳад. Яке аз нишонаҳои зоҳирии ин намуд тарбияи хайрхоҳона аст, ки бо рушди маърифатии (ё инкишофи) эҳсосию эстетикии шахсият мукаммал мегардад. Одамони ин тип ба рӯйдодҳои эҳсосии дар атрофашон ҷойгиршуда хеле эҳсосотӣ ва бо диққат назар мекунанд. Онҳо зудранҷ ва таъсирпазир буда, майл ба эҳсосот ва таҷрибаҳои нав доранд (нозукдиланд). Одатан, онҳо намуди зоҳирии худро бо диққат ва эҳтиёт оро медиҳанд, ки якхела ва «намунавӣ» бошад. Барои онҳо интихоби либоси кушода ва оддӣ бо тарҳҳои нофасгирӣ ва рангҳои равшан на чандон маъқул аст. Онҳо либосҳоеро меписананд, ки ба эҳсосот ва хусусияти шахсияти онҳо мувофиқ бошад. Дар чунин одамон, ба ҷойи галстукҳо, гарданбандҳо афзалият доранд ва ҳамчунин майл ба мӯйҳои дароз дар онҳо бештар ба назар мерасад.

6. Дар байни ҳолатҳои манфӣ ҳангоми кушторҳои вонамудкунанда чунин омилҳоро ҷудо намудан мумкин:

- тағйироти муҳит дар ҷойи ҷиноят;
- мавҷудияти аломатҳои муқовимат, аз ҷумла нишонаҳои худмуҳофизатӣ дар бадани ҷабрдида;
- аломатҳои тағйир додани ҷойи ҷасад дар макони марг;
- номувофиқатӣ дар мавқеи доғҳои ҷасад ва ҳолати он;
- хусусияти ҷароҳатҳои ҷасад аз усул ва ҳолатҳои куштор, ки дар нишондоди хешовандони фавтида омадааст, гувоҳӣ намедиҳад;
- номувофиқатӣ дар вақти марги фавтида, ки дар ин шакли куштор ҳангоми муоина ошкор шудаанд.

Хусусияти асосии ин ҳолатҳои манфӣ дар он аст, ки онҳо шакл ва мазмуни далелҳои овардашударо инкор мекунанд, яъне як ва ҳамон далел метавонад дар як маврид манфӣ бошад, аммо дар айни замон барои тасдиқ кардани далели дигар, мавриди истифода қарор гирад [11-М].

Ҳангоми тафтиши парвандаҳои куштор, ки бо роҳи вонамудкунонӣ амалӣ гардидаанд, муфаттиш дар ҷараёни амалиёти тафтишотӣ усулҳои

махсуси худро истифода мебарад, ки самаранокии онҳо дар муайян кардани куштор маълум мебошад. Аз ин рӯ, дар раванди муайян кардани аломатҳои вонамудкунониҳо, усулҳои зерин истифода мешаванд:

1. Мушоҳида (изҳо, ҳодисаҳо, омилҳо), ки бо ёрии он маълумот дар бораи ҳодисаи рӯйдод ҷамъ оварда мешавад.

2. Усули таҳлилу баррасӣ, ки дар он изҳои инфиродӣ, рафтори шахсони мушаххас ва дигар омилҳо таҳлил карда мешаванд.

3. Муайянсозии усулҳои рӯйдоди ҳодиса, ки дар асоси маълумоти ҷамъовардашуда хулосаҳои муҳим баровардa мешавад.

4. Тафтиши фарзияҳо, яъне тафтиши мувофиқати хулосаҳои тахминӣ ба далелҳои воқеияти объективӣ.

Ин усулҳо ҳангоми амалиёти тафтишотии ибтидоӣ якҷо ва дар ҳамбастагӣ истифода мешаванд. Раванди мазкур, бе шак, ба самарабахшии фаъолияти муфаттиш дар марҳалаи ибтидоӣ, ки барои муайян кардани сабаб ва ҳолатҳои аслии марги ҷабрдида равона шудааст, заминаи мусоид фароҳам меорад.

7. Яке аз намудҳои худкушӣ ғарқшавӣ ба ҳисоб меравад.

Ғарқшавии аспиратсионӣ (воқеӣ, тақрибан 20%-ро ташкил медиҳанд) – дар ин маврид пур шудани роҳҳои нафас ва шуш бо об вуҷуд дорад. Тахмин мекунанд, ки шахси дорои вазни 70 кг ҳангоми ғарқ шудан метавонад аз 1,5 то 4 литр обро фурӯ барад.

Дар марҳилаи нафаскашии инспиратӣ об ба роҳи нафас фаъолона ворид шуда, пардаи луобии трахея ва бронхҳои калонро ба ангезиш оварда, дар натиҷа сулфазании беист ба амал меояд. Луобе, ки дар ин раванд хориҷ мешавад, бо об ва ҳаво омехта шуда, кафки ранги хокистаррангдоштаро ба вуҷуд меорад, ки он роҳи нафасро пур мекунад. Дар марҳилаи вопасини нафаскашӣ об зери фишор ба роҳи нафас ворид шуда, бронхҳои хурдтаринро пур мекунад ва дар баробари ҳавои боқимонда ба алвеолаҳо дохил мешавад. Аз сабаби фишори баланди дохили шуш эмфиземаи алвеолярӣ ё ба ном

эмфиземаи шадиди обӣ, гипергидроаэрия инкишоф меёбад [9-М].

Об деворҳои алвеолаҳоро кафонида, ба бофтаи байни алвеолаҳо ва баъдан ба рагҳои хунгузар дохил мешавад. Хуни бо об омехташуда ба нимаи чапи дил ва сипас ба гардиши системавӣ ворид шуда, боиси гемодилюсия, гемолизи гидремикии ҳуҷайраҳои сурхи хун ва номутавозунии мувозинати обу намак (баланд шудани консентратсияи калий дар плазмаи хун) мегардад, ки ин ба вайроншавии кори дил:фибрилятсия ва инкишофи норасоии шадиди дил оварда мерасонад.

8. Такмили тактикаи азназаргузаронии ҷойи худкушӣ муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки ҳам ҷанбаҳои техникӣ ва ҳам психологии тафтишотро ба инобат мегирад:

Таҳия ва татбиқи тавсияҳои ягонаи методӣ оид ба баррасии саҳнаҳои худкушӣ, ки хусусиятҳои ин категорияи ҳолатҳоро ба инобат мегиранд. Ин дастурҳои дақиқро оид ба сабти осорҳо, муайян кардани сабабҳои марг ва аломатҳои эҳтимолии зӯроварӣ, агар мавҷуд бошад, дар бар мегирад [6-М].

Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса на танҳо осори ҷисмонӣ, балки ҳолати равонию эмотсионалии атрофиёнро низ ба назар гирифтан муҳим аст. Кор бо онҳо бояд дар формате анҷом дода шавад, ки фишори равониро ба ҳадди ақал расонад, бо ҷалби равоншиносон барои пешгирии осеби дуюмдараҷа.

Барои дақиқ муайян кардани ҳолатҳои ҳодиса аз усулҳои дақиқи криминалистикӣ, аз қабили санҷиши ДНК, санҷиши баллистикӣ (агар силоҳи оташфишон истифода шуда бошад) ё далелҳои криминалистикӣ дар ҷойи ҳодиса истифода бурда мешавад. Барои худкушӣ бо истифода аз моддаҳо ё дигар усулҳои мураккаб, таҳқиқоти токсикологӣ зарур аст.

Омӯзиши муфаттишон дар бораи хусусиятҳои кор бо парвандаҳои худкушӣ, аз ҷумла кор бо шоҳидон ва хешовандони аз ҷиҳати эмотсионалӣ ноустувор. Ин имкон медиҳад, ки хатогиҳо дар ҷараёни тафтишот пешгирӣ карда шаванд, инчунин хатари таҳриф ё тафсири нодурусти вазъро коҳиш диҳад.

Муҳим аст, ки на танҳо вазъи ҷисмонии шахс дар ҷойи ҳодиса ба назар гирифта шавад, балки ангезаҳои эҳтимолии худкушӣ низ таҳлил карда шаванд. Ин метавонад баррасии мукотиба, рӯзномаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва изҳороти шоҳидон барои муайян кардани нишонаҳои депрессия, стресс ё дигар омилҳоеро дар бар гирад, ки метавонанд ба тасмими худкушӣ таъсир расонанд.

9. Экспертизаи судӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини мурофиаи судӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванди мураккаб низоми ҳуқуқӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо нақши махсус мебозад. Мафҳуми экспертиза дар мурофиаи судӣ чун амали мустақил дар доираи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ арзёбӣ гардида, ин раванд фарогири таҳқиқот бо дарназардошти гирифтани хулосаи экспертӣ дар доираи ҷинояти мушаххас мебошад, ки ҳолатҳои мавҷуда бо далелҳои шайъӣ асоснок карда мешавад. Дар ин маврид барои таъин намудани экспертиза асос, яъне қарори суд ва ё муфаттиш лозим аст [7-М].

Экспертиза бо мақсади ошкор кардан, инчунин исбот намудани гунаҳкории шахсони мансабдор гузаронида мешавад ва дар ин ҷараён суд ва муфаттиш бояд рӯйхати ниҳоии амалҳои тафтишотиро пешниҳод намоянд, ки дар миёни онҳо таъин намудани экспертизаи судӣ аҳаммияти муҳимми исботнамоӣ дорад.

Экспертизаи судӣ-тиббии дорои хусусиятҳои далели шайъӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ ва парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузаронида мешавад. Экспертизаҳои судӣ-тиббӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ бештар гузаронида мешавад.

Дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аксаран масъалаҳое ба миён меоянд, ки барои ҳалли онҳо зарурати истифодаи донишҳои тиббию биологӣ пеш меоянд. Дар чунин ҳолатҳо муфаттиш, прокурор ва суд яке аз намудҳои экспертизаи судиро таъин мекунанд.

10. Экспертизаи судии психологӣ дар парвандаҳои худкушӣ нисбати самтҳои зерин равона карда мешавад:

а) мактубҳои худкушӣ вуҷуд надоранд;

б) шоҳидони ҳодисаи куштор ва тасаввуроти кофӣ барои муайян кардани ҳодисаи ҷиноят ва гунаҳкори он мавҷуд набошад.

11. Нақши коршинос дар таъини экспертиза пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ.

Коршиносе, ки то оғози парвандаи ҷиноятӣ барои гузаронидани экспертиза таъин шудааст, вазифадор аст оид ба масъалаҳое, ки барои муқаррар намудани холатҳои парванда кумак карда метавонанд, хулосаи тахассусӣ диҳад. Коршинос бояд мустақилона ва беғаразона, тибқи қонун ва принсипҳои илмӣ амал кунад. Муҳим он аст, ки хулосаҳои он дар оянда ҳангоми қабули қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва худи тафтишот истифода шаванд.

Оқибатҳои ҳуқуқии таъини экспертиза пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бояд дақиқ баррасӣ гарданд.

Агар экспертиза то оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронида шуда бошад, натиҷаи он метавонад ба қарори оғоз ё рад кардани оғози парванда таъсир расонад. Хулосаи коршинос метавонад барои қабули қарорҳои минбаъдаи мурофиавӣ, аз қабили оғози тафтиш, оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ё даст кашидан аз он асос гардад.

Илова бар ин, натиҷаи экспертизаи то оғози парванда гирифташуда метавонад дар суд, дар сурати оғози парвандаи ҷиноятӣ истифода шавад. Хулосаи коршинос эътибори ҳуқуқӣ дошта, суд вазифадор аст, ки ҳангоми қабули қарор онро ба инобат гирад.

12. Хатогиҳои амалии тафтишӣ, ки дар раванди таъин намудани экспертиза вомехӯранд:

